ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

**ТДУ:** 343.31(575.3)
**ТКБ:** 67.99(2Т)8
**А–**13

Бо ҳуқуқи дастнавис

**АБДУСАЛОМЗОДА ҶОВИД АБДУСАЛОМ**

# ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ҲАЙ КАРДА БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БИДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ

**РОҲБАРИ ИЛМӢ:**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,**
**профессор ШАРИПОВ Т.Ш.**

**ДУШАНБЕ – 2025**

МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**................3-4
**МУҚАДДИМА**.....................................................................................5-19
**БОБИ 1. ТАВСИФИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ ВА МУҚОИСАВИИ МЕЪЁР ОИД БА ҒАЙРИҚОНУНӢ ҲАЙ КАРДА БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАИ НАҚЛИЁТ БИДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ**...20-47
1.1. Инкишофи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар замони шуравӣ ва пас аз шуравӣ.....................................................20-30
1.2. Тавсифи муқоисавии меъёр оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ...................30-47
**БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ҲАЙ КАРДА БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАИ НАҚЛИЁТ БИДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ**...................................................48-115
2.1. Объект ва предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф.........................................48-69
2.2. Тарафи объективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф........................................69-91
2.3. Аломатҳои субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф.............................92-115
**БОБИ 3. ФАРҚГУЗОРИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ҲАЙ КАРДА БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БИДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ**........116-159
3.1. Аломатҳои вазнинкунандаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф.......116-146
3.2. Ҷудо намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз таркиби ҷиноятҳои дигар...............................................................................................146-159
**ХУЛОСА**.........................................................................................160-166
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**.......................................................................................166-168
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**.................................................169-187
**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМ**...........................................................................................188-190

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ –** Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ –** Кодекси ҷиноятӣ

**КҶ ҶТ –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҶШФСР –** Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

**ҶМШС Тоҷикистон –** Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КҶ ҶШС Тоҷикистон** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**КИМУ –** Комитети иҷроияи марказии умумироссиягӣ

**ИДМ –** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**КМҶ ИДМ** – Кодекси моделии ҷиноятии ИДМ

**КҶ ФР –** Кодекси ҷиноятии Федератсияи Россия

**КҶ Қазоқистон –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон

**КҶ Қирғизистон –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қирғизистон

**КҶ Ӯзбекистон –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Узбекистон

**КҶ Беларус –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Беларус

**КҶ Украина –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Украина

**КҶ Молдова –** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Молдова

**КҶ Корея –** Кодекси ҷиноятии Корея

**КҶ Полша–** Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Полша

**КҶ Норвегия** – Кодекси ҷиноятии  Норвегия

**КҶ Олмон** – Кодекси ҷиноятии Олмон

**КҶ Шветсия** – Кодекси ҷиноятии Шветсия

**КҶ Австрия** – Кодекси ҷиноятии Австрия

**ИҶШС –** Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**ФР –** Федератсияи Россия

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ДМТ** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**ғ.** – ғайра

**с.** – сол

**с.** – саҳифа

**С.** – саҳифа

**қ.** – қисм

**б.** – банд

**м.** – модда

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот**. Масъалаҳои таъмин намудани дахлнопазирии ҳуқуқ ба моликият барои ҶТ дар шароити инкишофи бозори иқтисодӣ аҳаммияти муҳим пайдо намудааст. Вобаста ба ин дар сатҳи Конститутсия эълон шудааст, ки “Давлат ...ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад” [1] (м.12 Конститутсияи ҶТ).

Кафолати ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд на танҳо аз муқаррар шудани он дар сатҳи қонунгузорӣ, балки аз иҷро ва амалисозии бевоситаи талаботи қонун низ вобастагии калон дорад. Чи тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ аз 21 декабри соли 2021 «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ироа намуда буданд: “Дар баробари таҳияву қабули қонунҳо риоя ва иҷрои қатъии онҳо низ муҳим мебошад, зеро риоя нагардидани талаботи қонун боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон, манфиатҳои давлату ҷомеа, ташкилоту муассисаҳо, қонунияту адолат, афзоиши ҷинояткорӣ ва бенизомӣ мегардад” [161].

Вобаста ба ин дар баробари кафолат дода шудани ҳуқуқи моликият дар сатҳҳои гуногуни қонунгузорӣ барои амалӣ ва риоя шудани чунин ҳуқуқҳо нақши махсусро қонунгузории ҷиноятӣ иҷро мекунад.

Яке аз намудҳои маъмултарини ҳуқуқи моликиятӣ дар ҶТ, ки ба таъмини ҳаракати шаҳрвандон мусоидат мекунад, ҳуқуқи соҳибӣ, истифодабарӣ ва ихтиёрдорӣ нисбат ба воситаҳои нақлиёт мебошад. Дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоиву иқтисодӣ аҳаммияти нақлиёт дар ҳаёти ҷамъиятӣ торафт зиёд мегардад. Имрӯзҳо дар ҶТ инкишофи босуръати нақлиёт, баланд шудани сатҳи истифодаи он, зиёд шудани шумораи он ба души аҳолии кишвар мушоҳида мешавад.

Дар таъмини ҳифзи чунин моликият, инчунин шахсони онро қонунӣ истифодабаранда, яке аз нақшҳои асосиро таркиби ҷинояти м.252 КҶ ҶТ иҷро менамояд.

Қонунгузор чунин таркиби ҷиноятро мустаҳкам намуда кӯшиш менамояд, ки дахлнопазирии моликиятро дар намуди воситаи нақлиёт аз таҷовузҳои шахсони бевиҷдон, ки бо усулҳои ғайриқонунӣ аз ҳисоби автомобил ё дигар воситаи нақлиёти ғайр талаботҳои шахсии худро қонеъ кардан мехоҳанд, таъмин намояд. Шахсони ҷинояти мазкурро содиркунанда муносибати беэътиноёнаи худро ба атрофиён, моликияти онҳо, ба меъёрҳои умумиэътирофшудаи қоидаҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ намоиш дода, дар шаҳрвандон эҳсосоти ноамониро ба вуҷуд меоваранд.

Мутобиқи маълумотҳои оморӣ, сол аз сол содиршавии ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф рӯ ба афзоиш дорад. Чунончи дар соли 2018 шумораи ҷиноятҳои бақайдгирифташуда тибқи моддаи 252 КҶ ҶТ 53 ҳолатро ташкил дод. Дар солҳои минбаъда тағйирёбии назаррас мушоҳида гардид: соли 2019 шумораи онҳо то 64 ҳолат афзуда, соли 2020 боз ҳам ба таври назаррас зиёд шуда, ба 99 ҳолат расид. Дар соли 2021 нишондиҳандаҳо то 65 ҳолат кам шуданд, аммо соли 2022 дубора афзоиш ёфта, ба 106 ҳолат расиданд. Бештарин шумораи чунин ҷиноятҳо дар соли 2023 ба қайд гирифта шуд, ки 111 ҳолатро ташкил медиҳад [169].

Ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бисёрҷабҳа мебошад. Пеш аз ҳама ҷинояти мазкур муносибатҳои моликиятиро халалдор месозад. Илова бар ин, дар баъзе ҳолатҳо истифодаи воситаи нақлиёт аз ҷониби шахси гунаҳгор бо содир шудани ҷиноятҳои вазнин, аз ҷумла одамкушӣ ё садамаҳои нақлиётие, ки ба ҳаёт ва саломатӣ зарар мерасонанд, сабаб мегардад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалия то ҳол бисёр аз масъалаҳои вобаста ба ҷинояти мазкур, аз ҷумла предмети ин ҷиноят, доираи

субъектони он, фарқ намудани ҷинояти мазкур аз дигар таркиби ҷиноятҳо, бахусус дуздӣ, муайян намудани андозаи зарари расонидашуда, мавқеи ин ҷиноят дар Қисми махсуси КҶ ҶТ, оид ба аломатҳои дигари таркиби ин ҷиноят баҳсҳо идома доранд. Фаҳмиши гуногуни ба ҷамъият хавфнокии ин ҷиноят боиси он гардидааст, ки дар қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳои пасошуравӣ (Ҷумҳуриҳои Узбекистон, Украина) ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар қатори ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт мустаҳкам шудааст.

Мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда низ ҳангоми бандубасти ҷинояти мазкур новобаста аз ҷой доштани Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ“Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28 баъзан ба мушкилиҳо дучор мешаванд. Зеро дар қарои мазкур на ҳама аломатҳои ҷинояти м.252 КҶ ҶТ ба пуррагӣ тавзеҳ дода шуда, бар замми ин баъзе аз онҳо баҳснок ба ҳисоб мераванд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло таҳқиқи ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф муҳим ба шумор меравад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаҳои назариявии танзими ҳуқуқи ҷиноятии ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт, аз ҷумла ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф то ин ё он дараҷа дар асарҳои олимони зерин ба монанди (У.А. Азиззода), У.А. Азизов [128, с. 413], С.Э. Баҳриддинзода [104, с. 98-102], Н.А. Қудратов [141, с. 28], Қ.Х. Мирзоев [144, с. 229], С.С. Нарзуллозода [146, с. 217], М.Ҷ. Раҳмонзода [150, с. 157], К.Д. Раҷабов [148, с. 175], А.И. Сафарзода [152, с. 396], Ш.Н. Саидзода [151, с. 181], К.Ҳ. Солиев [81, с. 275], Т.Ш. Шарипов [125, с. 557-559], Р.И. Шарипов [159, с. 173] инъикоси худро пайдо намудааст.

Муаллифони зикршуда масоилеро мавриди баррасӣ қарор додаанд, ки метавнад ба паҳлуҳои ҷудогонаи падидаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт алоқаманд бошад. Дар баробари ин, қайд кардан ба маврид аст, ки то ҳанӯз таҳқиқотҳои бунёдӣ вобаста ба масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ҷой надоранд. Танҳо дар рисолаҳои Қ.Х. Мирзоев [144, с. 229], Р.Ҳ. Раҳимзода [149, с. 581], М.Ҷ. Раҳмонзода [150, с. 157], К.Д. Раҷабов [148, с. 175], А.И. Сафарзода [152, с. 396], Р.И. Шарипов [159, с. 173], баъзе аз масъалаҳои марбут ба объекти хелӣ ва намудии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

Аз олимони хориҷӣ масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар сатҳи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби олимони зерин ба монанди Л.Р. Аветисян [127, с. 244], Ю.С. Белик [131, с. 187], А.В. Комаров [139, с. 209], С.В. Краснобаев [140, с. 199], Д.В. Сухомлинов [154, с. 202], Н.С. Сорокун [153, с. 247], А.И. Узденов [155, с. 213], А.А. Шербаков [160, с. 205] мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Новобаста аз он ки саҳми олимони зикршуда дар инкишофи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти масоили матраҳшаванда назаррас аст, аммо то ҳол нисбати як қатор масъалҳои баҳсноки вобаста ба объект ва предмети ҷинояти мазкур, аломатҳои объективӣ ва субъективии он, ҷудо намудани ин ҷиноят аз ҷиноятҳои дигар андешаи ягона ҷой надорад. Дар баробари амалӣ намудани муборизаи самаранок бо ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бе фаҳмиши ягона ва татбиқи якхелаи меъёрҳои дахлдори қонуни ҷиноятӣ ғайриимкон аст.

Бо дарназардошти ҳолатҳои ҷойдошта, дар шароити кунунӣ масъалаи такмили қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ

барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф яке аз масъалаи мубрам ба ҳисоб меравад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи барномаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, ки ба мавзуи «Масъалаҳои муҳимми назариявӣ ва амалии қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (барои солҳои 2021-2025)» бахшида шудааст, омода гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ аз баррасии ҳамаҷонибаи асосҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалии ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, инчунин таҳияи пешниҳодҳои илмии асоснокшуда ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятии амалкунанда ва фаъолияти амалии мақомоти тафтишот ва судӣ иборат мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Дар рафти иҷрои таҳқиқоти мазкури диссертатсионӣ вазифаҳои илмию таҳқиқотии зерин, ки бо ҳам робитаи мустаҳкам доранд ва барои расидан ба мақсадҳои гузошташуда равона гардидаанд, пай дар пай ҳал карда мешаванд:

– омӯзиши динамикаи тағйироти танзими ҳуқуқи ҷиноятии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– таҳлили муқоисавии меъёр оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ;

– таҳлили объектҳои хелӣ, намудӣ ва иловагии ҷинояти мазкур, предмети он ва дар ин замина муайян намудани моҳияти ба ҷамъият хавфнокии он;

– таҳқиқоти мукаммали тарафи объективии таркиби ҷинояти мазкур бо мақсади ошкор кардани аломатҳои муҳимми он;

– ошкор намудани аломатҳои тарафи субъективии ин ҷиноят, ки паҳлуҳои дохилии кирдори зиддиҳуқуқии пешбининамудаи моддаи 252 КҶ ҶТ-ро инъикос мекунанд;

– омӯзиши хусусиятҳои субъекти ҷиноят тибқи моддаи 252 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таваҷҷуҳи хосса ба аломатҳои ҳуқуқии он;

– таҳлили мазмуни аломатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят;

– муайян намудани аломатҳои фарқкунандаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз таркиби ҷиноятҳои дигар;

– коркарди пешниҳоду хулосаҳо барои такмил додани таркиби ҷинояти м.252 КҶ ҶТ ва тавсияҳо оид ба татбиқи амалии онҳо.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти муносибатҳои ҷамъиятиии тавсифдиҳандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ба ҳисоб мераванд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва як қатор давлатҳои хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ба танзим медароранд, санадҳои дигари меъёриву ҳуқуқӣ амалияи татбиқшавии онҳо ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот)**. Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо мақсади низомнок, пурра ва ҳамаҷониба таҳқиқ намудани масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф шуруъ аз соли 1961 то инҷонибро дар бар мегирад. Давраи таҳқиқоти диссертатсионӣ фарогирандаи солҳои 2020-2025 мебошад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқотҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба ҳуқуқи

ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ва соҳаҳои дигари ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Вобаста ба масъалаҳои таҳқиқот монографияҳо, китобҳои дарсӣ, мақолаҳои илмӣ, фишурдаҳои конференсияҳои илмӣ-амалии сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва натиҷагирӣ қарор гирифтанд.

Ҳангоми омодасозии таҳқиқоти мазкур муаллиф ба асарҳои илмии як қатор олимони ватанию хориҷӣ такя намудааст. Аз ҷумла, аз осори олимони ватанӣ: У.А. Азиззода, С.Э. Баҳриддинзода, А.И. Сафарзода, Н.А. Қудратов, Ш.Н. Саидзода, К.Ҳ. Солиев, Т.Ш. Шарипов, М.Ҷ. Раҳмонзода, К.Д. Раҷабов, Қ.Х. Мирзоев, Р.И. Шарипов, С.С. Нарзуллозода ва Р.Ҳ. Раҳимзода; инчунин аз тадқиқоти олимони хориҷӣ, ба монанди А.А. Шербаков, А.В. Комаров, Л.Р. Аветисян, А.И. Узденов, Д.В. Сухомлинов, Ю.С. Белик, С.В. Краснобаев, Н.С. Сорокун ва дигарон истифода кардааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методолии диссертатсияро муқарраротӣ назарияи умумии даркнамой ва назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ташкил медиҳад. Дар ҷараёни таҳқиқот чунин методҳои илмӣ истифода шудаанд: методи мантиқӣ-таърихӣ ва таърихӣ- ҳуқуқӣ ( ҳангоми омузиши инкишофи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф); диалектикӣ (ҳангоми таҳқиқи унсурҳо ва аломатҳои таркиби ҷинояти мазкур); методи низомнокӣ (ҳангоми таҳлили аломатҳои объективӣ ва субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф); методи ҳуҷҷатнигорӣ (ҳангоми интихоб кардан ва омӯзиши парвандаҳои ҷиноятӣ оид ба бандубасти ин ҷиноят; методи оморӣ, ки аз ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумотҳои оморӣ дар бораи содиршавии ҷинояти м.252 КҶ ҶТ).

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Заминаи эмпирикии диссертатсия ба омори ҷиноятии ВКД ҶТ амалияи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар солҳои 2018-2025, омӯзиши маводи тафтишотии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҶТ марбут

ба ҷинояти м.252 КҶ ҶТ, инчунин парвандаҳои ҷиноятие, ки дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ шудаанд, асос ёфтааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсия таҳлили ҳамаҷонибаи хавфнокии ҷамъиятии ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруфро дар бар гирифта, дар асоси он мансуб донистани ин кирдорҳо ба ба гурӯҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликият асоснок карда мешавад.

Нововарии илмии кори мазкур дар он аст, ки бори аввал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли таҳқиқоти мукаммали монографӣ таҳлил гардидааст.

Ҷанбаи дигари нововарии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар таҳияи пешниҳодҳои илман асоснок, ки дар натиҷаи таҳлили аломатҳои таркиби ҷиноят ва ҳолатҳои вазнинкунандаи он баён шудаанд, ифода мегардад.

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти анҷомёфта имкон медиҳанд, ки нуктаҳои зерин барои ҳимоя пешниҳод ва асоснок карда шаванд:

1. Вобаста ба аломатҳои объективии таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф:

А) Эътироф намудани муносибатҳо вобаста ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани воситаи нақлиёти мушаххас ҳамчун объекти бевоситаи ҷинояти мазкур бештар асоснок ба назар мерасад. Зеро дар вақти содир шудани ҷиноят, молик, ҳатто муваққатан ҳам бошад, ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва идоракунии моликияти худро аз даст медиҳад.

Б) Ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт ин ҳай карда бурдани он ба ҳисоб мераванд, ки зери он ҳаракатҳо оид ба муқаррар намудани назорат ва ҷойивазкунии воситаи нақлиёт аз ҷойи қарордоштааш тавассути усули дилхлоҳ фаҳмида мешавад.

В) Вобаста намудани лаҳзаи хотимаёбии ҷинояти мазкур бо лаҳзаи дар гунаҳгор пайдо шудани имконияти ихтиёрдорӣ намудан ба нақлиёти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдашаванда аз руйи салоҳдиди худ бештар ба ҳолатҳои рабудани он аз ҳудудҳои муҳофизатшаванда хос мебошад, яъне агар ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз ҳудуди ҳифзшавандаи ташкилот, корхона, муассиса, таваққуфгоҳ, аз саҳни ҳавлӣ ва ғайра содир шавад, пас ҷиноят то лаҳзаи аз чунин ҳудуд берун намудани воситаи нақлиёт хотимаёфта ҳисоб намешавад. Дар ҳолатҳое ки барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҳаракатҳои иловагӣ талаб карда намешавад (гузаштан аз назди муҳофизи таваққуфгоҳ, бартараф намудани монеаҳо, гузариш аз нуқтаҳои гуногуни иҷозатдиҳиву назоратӣ ва ғайра) ҷиноят аз оғози ҷойивазнамоии воситаи нақлиёт хотимаёфта эътироф мешавад.

Г) Муайян намудани тарафи объективии ин ҷиноят тавассути ибораи "ғайриқонунӣ бадастовардани воситаи нақлиёт" ё "рабудан" бештар асоснок ба назар мерасад. Зеро чунин шакли баён назар ба истилоҳи истифодашавандаи «ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт» дақиқтар ва мувофиқтар мебошад.

Барои ҳифзи воситаи нақлиёт ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият муҳим на ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, балки ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба он ба ҳисоб меравад.

2. Ҳангоми бандубасти кирдор мутобиқи б "а" қ.3 м.252 КҶ ҶТ бояд андозаи зарари воқеии моддии расонидашуда ба назар гирифта шавад. Арзиши воситаи нақлиёти рондашуда наметавонад ҳамчун асос барои бандубасти кирдор ба миқдори калон бошад.

3. Барои такмили қонунгузории ҷиноятӣ зарур шуморида мешавад, ки:

А) Дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ калимаи "ғайр" нисбат ба автомобил ё дигар воситаи нақлиёт илова карда шавад. Чунки аломати "ғайриқонунӣ" бештар ба худи предмети ҷиноят мансуб буда, ифодагари он

аст, ки воситаи нақлиёт ба гунаҳгор тааллуқ надорад, барои ӯ бегона мебошад. Дар акси ҳол масалан, бе шаҳодатномаи ронандагӣ, дар ҳолати мастӣ ва ғайра ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти худ низ мумкин аст расман, ҳамчун "ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт..." маънидод шавад.

Б) Аломати фарқкунандаи м.252 КҶ ҶТ аз тасарруф на танҳо дар ҷой доштан ё надоштани мақсади ғаразнок вобаста мебошад, балки ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бояд дар умум аломатҳои тасарруф ҷой надошта бошанд. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки дар диспозитсияи қ.1 м.252 КҶ ҶТ ибораи "бидуни мақсади тасарруф" бо ибораи "ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф" иваз карда шавад.

В) Ба сифати аломати вазнинкунанда дар қ.2 м.252 КҶ ҶТ аломати: бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба бино ё дигар анборхона ё бо истифода аз воситаҳои электронӣ барои халалдор намудани кори воситаҳои техникии ҳифзнамоӣ ворид карда шавад,  ки ин имкон медиҳад ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии  моликият пурзӯр гардад ва роҳу усулҳои муосири содир намудани ҷиноятҳо ба инобат гирифта шаванд.

Г) Нисбати таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф мафҳуми зарар ба миқдори калон ва миқдори махсусан калон ба таври алоҳида дар эзоҳ ба м.252 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад. Бояд зикр намуд, ки расонидани зарар ба миқдори махсусан калон ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят аз мадди назари қонунгузор дур мондааст. Ҳол он ки дар дигар моддаҳои ҷиноятҳо ба муқобили моликият чунин аломат ҳамчун асоси фарқгузорӣ намудани ҷавобгарӣ муқаррар шудаанд (б "а" қ.4 м.245 КҶ ҶТ, б "б", қ.3 м.247 КҶ ҶТ ва ғайра). Аз лиҳоз зарур мешуморем, ки расонидани зарар ба миқдори калон дар қ.2 ва расонидани зарар ба миқдори махсусан калон дар қ.3 м.252 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шавад.

4. Бо мақсади муккамал гардонидани Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28 ба он тағйироту иловаҳои зерин ворид карда шавад:

А) Дар Қарори мазкур тавзеҳ дода шудани мафҳуми воситаҳои нақлиёти механикӣ ба б.3 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, № 323 тасдиқ шудааст, мувофиқат намекунад. Бинобар ин зарур аст, ки мафҳуми мазкур дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” ба Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ мувофиқ гардонида шавад.

Б) Якчанд бор аз тарафи гунаҳгор истифода шудани воситаи нақлиёт, ки ӯ онро муваққатан ғайриқонунӣ рабудааст такроран ҳисобида намешавад, агар чунин кирдорро қасди ӯ дар бар гирифта бошад. Дар ҳолатҳое ки, вақте пас аз содир намудани ҷиноят гунаҳгор бо хоҳиши пинҳон доштани ҷиноят онро ба макони ҷойгиршавии аввалааш бурда расонида, пас аз он боз хоҳиши рабудани онро пайдо намуда, чунин кирдорро амалӣ месозад, дар ин маврид такроран содир намудани ҷинояти мазкур ҷой дорад. Чунин тавзеҳот бояд дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28 мустаҳкам карда шавад.

В) б.22 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва

истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28 дар қисмати муайян намудани мафҳуми зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок бо иловаи зайл пурра карда шавад: “Таҳти мафҳуми зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок..., инчунин маҳдуд кардани озодӣ ё истифодаи зӯроварӣ, ки боиси расонидани зарар ба саломатӣ нагашта, аммо дар лаҳзаи истифода хавфи воқеиро барои ҳаёт ва саломатӣ ба вуҷуд овардааст... фаҳмида шаванд”.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомада низоми донишҳои мавҷудаpo оид ба масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, ғанӣ гардонида барои фақгузорӣ намудани ин ҷиноят аз таркиби ҷиноятҳои монанд имконият медиҳанд.

Ҳамин тавр, аз рӯйи натиҷаҳои бадастомада, ба чунин хулосаи асоснок омадан мумкин аст, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ва қонунгузории ҷиноятӣ саҳми сазовор гузошта, дар баробари ин баҳри бартараф намудани норасоиҳои ҷойдоштаи амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ ёрӣ расонад.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки хулоса ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдошта мумкин аст дар соҳаи илмӣ-таҳқиқотӣ ҳамчун мавод барои коркарди минбаъдаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф; дар фаъолияти ҳуқуқэҷоднамоӣ ҳангоми коркарди таклифу пешниҳодҳо оид ба даровардани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятии амалкунанда бо мақсади такмили минбаъдаи он; дар фаъолияти ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҳангоми татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ дар самти бандубасти ҷинояти мазкур; дар ҷараёни таълим ҳамчун мавод барои таълими Қисми умумии ҳуқуқи ҷиноятӣ, тайёр намудани фаслҳои алоҳидаи

китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ, тафсири илмӣ-амалии КҶ ҶТ истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ, таҳлили қонунгузории ватанӣ ва хориҷӣ, омӯзиши адабиёти умумӣ ва махсус оид ба мавзуи таҳқиқот муайян мегардад. Натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо ва тавсияҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешбинигардида, дар асоси манбаи қонунгузорӣ ва амалияи судӣ анҷом дода шудааст.

Эътимоднокии таҳқиқоти диссертатсия, инчунин, аз истифодаи заминаҳои васеи таҷрибавӣ, ки дар шакли маълумотҳои гуногуни оморӣ, ҷамъбасти маводи таҷрибаи судӣ ва таҳлили як қатор парвандаҳои ҷиноятӣ оварда шудаанд, бармеояд. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқоти рисолаи илмӣ ба он хотир эътимодноканд, ки онҳо дар асоси таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра ба даст омадаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 2021, №7 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқоти анҷомшуда бо назардошти сатҳи навоварии илмии рисолаи номзадӣ, нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, инчунин дар таҳияи лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ ва ворид намудани тағйирот ба онҳо муайян мегардад. Дар баробари ин, тарзи навишт, тарзи ҳалли масъалаҳо ва услуби рисолаи номзадӣ саҳми шахсии муаллифи рисоларо ба таври возеҳ нишон медиҳад. Ҳамзамон муаллифи рисола дар мақолаҳо ва маърузаҳои худ, ки дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва

байналмилалии илмӣ-амалӣ пешниҳод гардидаанд, таклифҳо оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии кишвар дар самти татбиқи меъёрҳои Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруфро баён намудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути маърӯзаҳо оид ба нуктаҳои асосии рисола дар конференсияҳои илмӣ,ҷаласаҳои кафедра, семинарҳои илмӣ, инчунин дар доираи машғулиятҳои лексионӣ дар муассисаҳои таълимӣ амалӣ гардидааст. Рисолаи номзадӣ дар кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода ва мавриди муҳокима қарор гирифтааст. Нуктаҳои асосии назариявии ба ҳимоя пешниҳодшуда аз ҷониби муаллиф дар раванди таълими фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», инчунин курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ва «Асосҳои илмии бандубасти ҷиноятҳо» истифода мешаванд. Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф дар шакли маърузаҳо дар конференсияҳои зерини илмӣ-амалӣ пешниҳод гардидаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба «100-солагии Ойгензихт Виктор Аркадьевич», «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – маъруза дар мавзуи «Инкишофи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар замони шуравӣ ва пас аз шуравӣ» – Душанбе, 2024;

– Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ ва эълон гардидани соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» – маъруза дар мавзуи «Тарафи объективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани

автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» – ш. Душанбе, 6 декабри соли 2024.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардидани соли 2024» ва нақши доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ профессор Муллоев М.М., дар рушди илмҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ – маъруза дар мавзуи « Баъзе аз масъалаҳои тарафи объективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф» . – Душанбе, 2024;

– Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи ҶТ», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)» – маъруза дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои пасошуравӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт» . – Душанбе, 2024.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Оид ба муҳтавои диссертатсия мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 4 мақола дар нашрияҳои ватанӣ бо забонӣ тоҷикӣ интишор гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз номгӯйи ихтисорот ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб ва ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад. Ҳаҷми умумии диссертатсия 190 саҳифаро дар бар мегирад.

## БОБИ 1. ТАВСИФИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ ВА МУҚОИСАВИИ МЕЪЁР ОИД БА ҒАЙРИҚОНУНӢ ҲАЙ КАРДА БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАИ НАҚЛИЁТ БИДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ

### 1.1. Инкишофи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар замони шуравӣ ва пас аз шуравӣ

Ба сифати ҷиноят дар қонуни ҷиноятӣ мустаҳкам намудани дилхоҳ кирдор бо тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятии дар давлат мавҷудбуда вобастагӣ дорад.

Ташаккулёбии ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт давра ба давра сурат мегирифт. Ба вуҷуд омадани чунин меъёрҳо аз пешрафти илму техника ва дар ҳаёти ҳаррӯза мавриди истифода қарор дода шудани он вобастагӣ дошт. Танҳо аз охирҳои асри XIX дар давлатҳои гуногун истеҳсоли васеи воситаҳои техникӣ ба роҳ монда шуд, ки яке аз онҳо автомобил ба ҳисоб мерафт. Аммо дар ин давраҳо ҳануз зарурати ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии намуди нави молу мулки ғайриманқул дарк намешуд. Танҳо пас аз даҳсолаҳои пас аз лаҳзаи сохтани аввалин воситаҳои автомобил расман таҷовузҳои гуногун нисбати чунин воситаҳо ба қайд гирифта мешуданд [147, с. 4].

Инкишофи илмиву техникӣ ба он оварда расонид, ки дар ҷаҳон бисёр сохторҳои техникӣ ихтироъ карда шуданд, ки яке аз онҳо автомобил ба ҳисоб мерафт. Аввалин воситаҳои нақлиёт дар Олмон ва Англия омода карда шуда буданд. Дар ИҶШС ба таври оммавӣ баровардани автомобил солҳои 1966 оғоз гардид [131, с. 14].

То қабули КҶ ҶШС Тоҷикистон ( соли 1961) меъёри махсуси пешбиникунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт муқаррар нашуда буд. Ин пеш аз ҳама аз он вобастагӣ дошт, ки воситаҳои нақлиёт дар ИҶШС ба таври оммавӣ паҳн

нашуда буданд. Ба андешаи баъзе аз олимон дар давраи солҳои 1917 то соли 1965 ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ва сайр кардан бо он аз рӯйи қиёс ба вуҷуд меомад [70, с. 37]. Мақомоти судӣ шахсони дар ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани нақлиёт гунаҳгорро аз руйи ҷиноятҳои авбошӣ, худсарӣ ва баъзан барои тасарруф намудани моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ ба ҷавобгарӣ мекашиданд. Камбудии ҷиддии мубориза бо худсарона ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар ҳамон давраҳо аз он иборат буд, ки амалияи судӣ ба таври васеъ беасос ба чунин ҳолатҳо меъёрҳои қонунгузорӣ дар бораи майдаавбоширо татбиқ менамуд. Чунин бандубасти кирдор албатта ба дараҷаи хавфнокии он мувофиқат намекард. Чунки шахсони кирдорҳои мазкурро содиркунанда воқеан бе ҷазои сазовор мемонданд [131, с. 15].

Солҳои 1960 дар ИҶШС намудҳои гуногуни воситаҳои нақлиёт: нақлиёти ҳавоӣ, роҳи оҳан, обӣ, нақлиёти автомобилӣ ва дигар мошинҳои худгард паҳн мегашт. Шаҳрвандони одӣ низ дар қатори корхонаҳои давлатӣ ҳуқуқи соҳиб шудан ба воситаҳои нақлиёти сабукравро пайдо менамуданд. Содир намудани кирдорҳои ғайриқонунии ба даст овардани воситаҳои нақлиёт зиёд мегардид, ки ба торафт зиёд шудани шумораи чунин воситаҳо мусоидат мекард. Бо паҳн шудани нақлиёт халалдор сохтани оромии ҷомеа, расонидани зарар ба ҳаёт ва саломатии одамон, расонидани зарари молу мулкӣ бо истифода аз нақлиёт зиёд гардиданд. Чунин ҳолат на фақат андешидани чораҳоро барои ба танзим даровардани ҳуқуқи моликиятӣ ба воситаҳои мазкур, балки коркарди усулҳои самаранок ва дар як вақт амалишавандаи ҳифзи ҳуқуқ ба автомобил ва дигар воситаҳои нақлиётро талаб менамуд [70, с. 37]. Бо назардошти ҳолатҳои мазкур дар КҶ Ҷумҳуриҳои Шуравӣ бевосита ба сифати ҷиноят муқаррар шудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани нақлиёт пешниҳод мегардид [70, с. 37].

Бинобар ин, аввалин бор дар таърихи қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар КҶ ҶШС Тоҷикистон, ки 17–уми августи соли 1961 қабул гардида, аз 1–уми декабри соли 1961 мавриди амал қарор дода шуд, дар моддаи алоҳида ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт муқаррар гардид.

Моддаи 227 КҶ ҶШС Тоҷикистон "Ҳай карда бурдани автомашина ё дигар воситаи нақлиёти механиконидашуда" номгузорӣ шуда буд. Моддаи мазкур танҳо аз як қисм иборат буда дар диспозитсияи он ҷавобгарӣ барои ҳай карда бурдани автомашина ё дигар воситаи нақлиёти механиконидашудаи каси дигар бо мақсади муваққатан истифодабарӣ муқаррар мегардид. Чунин кирдор бо маҳрум кардан аз озодӣ ба муҳлати то як сол ё корҳои ислоҳӣ ба худи ҳамон муҳлат ё бо ҷарима ба маблағи то сад сӯм ё бо танбеҳи ҷамъиятӣ ҷазо дода мешуд.

Ҷинояти мазкур дар боби 10 "Ҷиноятҳои муқобили бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ" ҷойгир шуда буд. Бинобар ин, ба сифати объекти он бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ баромад менамуд.

Объекти ҷинояти мазкурро М.М. Муллоев каме бо тарзи дигар муайян намуда баён медорад, ки ин ҷиноят ба тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва бехатарии ҳаракати нақлиёт таҷовуз меоварад. Шахси автомашина ё дигар воситаи нақлиётро ғайриқонунӣ ҳай карда баранда, на танҳо тартиботи сотсиалистиро халалдор месозад, балки бо ҳаракатҳои худ ҳаёт, саломатии одамон ва арзишҳои моддиро зери хавф қарор медиҳад. Ба сифати объекти иловагии м.227 КҶ ҶШС Тоҷикистон бошад ҳаёт ва саломатии инсон нишон дода мешуд [66, с. 361].

Аксарияти олимон бо чунин тарзи ҷойгирнамоии ҷинояти мазкур дар боби ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ розӣ буда, чунин меҳисобиданд, ки объекти бевоситаи асосии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт бехатарии ҳаракати воситаҳои

нақлиёти механикӣ баромад менамояд [52, с. 138]. В.И. Егоров баръакс чунин меҳисобид, ки “объекти бевоситаи асосии ин ҷиноят моликияти сотсиалистӣ ё моликияти шахсӣ буда, ба таври дахлдор истифода намудани нақлиёт ҳамчун сарчашмаи хавфи баланддошта объекти иловагӣ ба ҳисоб меравад”. Хулосаи худро муаллифи мазкур бо он тақвият медод, ки муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи ҳуқуқи соҳибӣ, истифода, ихтиёрдории молики воситаҳои нақлиёт ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ҳама вақт халалдор мешавад, бинобар ин онро бояд ба сифати объекти бевоситаи ин ҷиноят эътироф намуд [135, с. 53-54].

В.Е. Квашис чунин меҳисобид, ки ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт дар он ифода мегардад, ки чунин ҷиноятҳо бештар аз тарафи шахсоне содир мешаванд, ки дар ҳолати мастӣ қарор доранд, малакаи ронандагӣ ва ҳуқуқи идора намудани воситаи нақлиётро надоранд. Таҷриба нишон медиҳад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани нақлиёт аксар вақт бо вайрон кардани қоидаҳои бехатарии ҳаракат алоқаманд буда, оқибаташ ба вуқуъ омадани садамаҳои нақлиётӣ мебошад, ки метавонад боиси ҷароҳат бардоштан ё марги одамон гардад. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт ба муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ зарар мерасонад: бо чунин кирдорҳо мумкин аст ҳуқуқи моликиятии сотсиалистӣ ва ҳуқуқи моликияти шаҳравандон вайрон гардад. Дар баробари ин, кирдорҳои зикршуда ба фаъолияти муътадил ва бехатарии ҳаракати нақлиёт таҷовуз оварда ба он зарар мерасонанд [38, с. 64].

В.М. Хомич объекти таҷовузро ҳангоми рабудани воситаи нақлиёт муайян намуда истода, баён медошт, ки мураккабии муайян намудани объекти таҷовузи ҷиноятӣ дар чунин ҳолат аз он вобаста аст, ки содир намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт ба муносибатҳои ба молик таъминкунандаи имконияти бемамониат соҳибӣ намудан, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани воситаи нақлиётӣ ба ӯ мансуб

буда зарар мерасонад. Аммо объекти асосии таҷовуз ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт, ки тарафи объективии онро тавсиф медиҳад, муносибатҳои ҷамъиятие ҳисоб мешавад, ки бехатарии истифодаи воситаи нақлиётро таъмин менамоянд [95, с. 13-15]. Олимони дигар низ ба сифати объекти ҷинояти мазкур муносибатҳои гуногуни ҷамъиятиро номбар менамуданд: тартиботи ҷамъиятӣ [63, с. 93], амнияти ҷамъиятӣ [34, с. 86], маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи шароити зарурӣ барои ташкили бехатар истифода бурдани воситаҳои нақлиёт [95, с. 12].

Аз андешаҳои зикршуда метавон хулоса кард, ки новобаста ба мавҷудияти гуногунандешӣ дар бораи мазмуни объекти бевоситаи ин ҷиноят (амнияти ҷамъиятӣ ё муносибатҳои моликиятӣ), аксари муаллифон ба натиҷаи шабеҳ мерасанд. Онҳо таъкид мекунанд, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт, пеш аз ҳама, ба халалдор шудани муносибатҳое, ки тартиби муқарраршудаи истифодаи чунин воситаҳоро таъмин менамоянд ва танҳо баъд муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи имконияти ваколатҳои худро амалӣ намудани молик. Ин муносибатҳо махсусан муҳиманд, зеро воситаҳои нақлиёт ба манбаи хавфи баланд мансуб мебошанд.

Дар КҶ ҶШС Тоҷикистон 1961 “Ҷиноятҳо ба муқобили моликияти сотсиалистӣ” дар боби дуюм ва “Ҷиноятҳо ба муқобили моликияти шахсии гражданинҳо” дар боби панҷум ҷойгир шуда буданд. Моддаи 227 КҶ ҶШС Тоҷикистон бошад дар боби даҳум муқаррар менамуд, ки он кирдорҳои барои ҷомеа нисбатан камаҳаммиятро дар муқоиса бо муносибатҳои моликиятӣ пешбинӣ менамуд. Ба сифати предмети ҷинояти мазкур қонунгузор автомашина ё дигар воситаи нақлиёти механиконидашударо номбар менамуд. Вале мафҳуми дигар воситаи нақлиёти механиконидашударо ошкор наменамуд.

Аввалин бор кӯшиши таснифи қонунгузории предмети ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт аз 25 майи соли 1973 бо даровардани тағйироту

иловаҳо ба КҶ ҶШС Тоҷикистон сурат гирифт. Мутобиқи Укази Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 25 майи соли 1973 ба КҶ ҶШС Тоҷикистон м. $228^2$ "Дуздӣ ронда бурдани киштии ҳавопаймо" илова гардид. Аз ҳамин вақт ба предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҳама намуди воситаҳои нақлиёт дохил карда мешуданд, ба истиснои нақлиёти ҳавоӣ.

Мувофиқи Укази Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 30 декабри соли 1982 [11], ба таркиби ҷинояти м.227 КҶ аломатҳои вазнинкунанда дохил карда шуданд. Моддаи мазкур ба се қисм ҷудо карда шуда, дар онҳо ҳолатҳои вазнинкунанда дар намуди: 1. Худи ҳамин ҳаракатҳо, ки такроран ё аз тарафи гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, ҳамчунин бо кор фармудани зӯрии барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавф надошта, ё бо таҳдиди кор фармудани чунин зӯрӣ содир карда шудаанд (қ.2 м.227 КҶ ҶШС Тоҷикистон); 2.Ҳаракатҳое, ки дар қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда пешбинӣ шудаанду бо кор фармудани зӯрии барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок, ё бо таҳдиди кор фармудани чунин зӯрӣ алоқаманданд (қ.3 м.227 КҶ ҶШС Тоҷикистон) мустаҳкам карда шуданд.

Бо даровардани чунин тағйиротҳо ба сифати объекти иловагии ҷинояти мазкур дахлнопазирии ҷисмонӣ, озодии шахсӣ, ҳаёт ва саломатии ҷабрдида баромад менамуданд.

Муқаррар шудани чунин ҳолатҳои вазнинкунандаи ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт асоснок ба ҳисоб мерафт. Чунки он барои фарқ намудани ҷинояти мазкур дар ҳолатҳои бо истифодаи зӯроварӣ содир шудан аз дигар таркиби ҷиноятҳои муҷовир имконияти бештар медод. Чунки то даровардани чунин тағйиротҳо кирдорҳои ба ин монанд ҳамчун бандитизм ва роҳзанӣ бандубаст карда мешуданд [33, с. 72].

Минбаъд бо Указн Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 4 декабри соли 1985 [12, с. 142] диспозитсияи м.227 низ ба тағйирот дучор шуд. Мутобиқи ин Указ моддаи мазкур “Ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт” номгузорӣ шуда, таркиби асосии ҷиноят ба таври зайл дарҷ гардид: “Ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт бе мақсади дуздӣ”.

Санаи 28 феврали слои 1987 Укази Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон қабул карда мешавад [13, с. 160], ки ба м.225 КҶ ҶШС Тоҷикистон эзоҳ илова карда шуда, амали он ба як қатор моддаҳои КҶ, аз ҷумла ба м.227 КҶ дахл дошт. Дар эзоҳи мазкур аввалин бор қонунгузор мафҳуми “воситаҳои нақлиёт”-ро ошкор менамуд, яъне “зери мафҳуми воситаҳои нақлиёт, ки дар моддаҳои 225, $225^{1}$, $225^{2}$, $225^{3}$,227 Кодекс нишон дода шудаанд, ҳамаи навъҳои автомобилҳо, тракторҳо ва мошинҳои дигари худгард, трамвайю троллейбусҳо, инчунин мотосиклҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ фаҳмида мешаванд”.

Вобаста ба тағйиру иловаҳои мазкур тарафи объективии ҷинояти ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар худсарона ҳай карда бурдани автомобилҳо, мотосиклҳо ё дигар воситаҳои нақлиёти ба давлат ё ташкилотҳои ҷамъиятӣ ё шаҳрвандон мансуббуда барои истифодаи муваққатӣ бо мақсадҳои шахсӣ бидуни мақсади тасарруф ифода меёфт. Мутобиқи қ.1 м.227 КҶ ҳам ҳолатҳои пинҳонӣ ва ҳам ошкоро ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт, вале бе зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он бандубаст карда мешуд [66, с. 361].

Ба сифати субъекти ҷиноят шахси ба синни 16-солагӣ расида баромад менамуд.

Тарафи субъективии ҷиноят бо гуноҳ дар шакли қасд тавсиф мегардид. Ба сифати ангезаи ҷиноят бодигӣ, авбошӣ, шӯхӣ ё хоҳиши рафта расидан ба ҷое баромад карда метавонад.

Тағйиротҳои минбаъда ба танзими қонунгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт бо

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дохил намудани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 ноябри соли 1995 №202 [8, с. 131-132] сурат гирифта, аз ҷумла ба КҶ ҶТ тағйироту иловаҳо ворид карда мешавад. Мутобиқи Қонуни мазкур м.227 КҶ ҶТ дар таҳрири нав дарҷ карда шуд. Номгузории модда тағйир ёфта он ҳамчун "Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ва тасарруфи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ" номбар шуд. Аз диспозитсияи модда ибораи бе мақсади дуздӣ хориҷ карда шуда таркиби асосии ҷиноят танҳо "ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил"-ро муқаррар месохт. Ба сифати предмети ҷиноят танҳо воситаи нақлиёти автомобилӣ нишон дода мешуд. Албатта дар диспозитсияи модда истифода шудани "автомобил" бар ивази ибораи "воситаи нақлиёт" доираи предмети ин ҷиноятро маҳдуд месохт. Зеро автомобил як намуди воситаи нақлиёт ба ҳисоб рафта мафҳуми мазкур вобаста ба мазмуни эзоҳи м.225 КҶ ҶТ дигар воситаҳои нақлиётро ба монанди тарктор, трамвайю троллейбусҳо, инчунин мотосиклҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти механикиро дар бар намегирифт. Дар таҳрири нав м.227 КҶ ҶТ аз се қисм иборат буд. Дар қ.1 м.227 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёти автомобилӣ пешбинӣ мегардид, ки он бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол ҷазо дода мешуд. Дар қ.2 м.227 КҶ ҶТ қонунгузор ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда: такроран ва аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шудани ҷинояти мазкурро муқаррар намуда барои чунин кирдор ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ва гузоштани уҳдадории барқарор намудани зарарро  пешбинӣ месохт. Қисми 3 м. 227 КҶ ҶТ бошад ҷавобгарии боз ҳам пурзӯртарро барои содир намудани кирдорҳои дар қ.қ.1, 2 м.227 КҶ ҶТ пешбинишуда, ки бо истифода аз силоҳи оташфишон, техникаи ҷангӣ ва моддаҳои тарканда ё аз тарафи ретсидивисти махсусан хавфнок ё аз ҷониби гуруҳи муташаккил ё бо истифодаи зӯроварӣ ё

таҳдиди истифодаи он, инчунин бо мақсади тасарруфи воситаи нақлиёти автомобилӣ содир шуда бошад, муқаррар менамуд. Содир кардани чунин кирдор ҷазоро дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз даҳ то понздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ва бо гузоштани уҳдадории барқарор намудани зарари расонидашуда ё ҷазои қатлро пешбинӣ менамуд.

Ҳамин тавр, аз мазмуни тағйиротҳои воридшуда ба м.227 КҶ ҶТ бармеояд, ки он пеш аз ҳама бо мақсади пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёти автомобилӣ қабул шуда буд. Зеро то қабули Қонуни мазкур, агар ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ барои таркиби асосии ин ҷиноят то як сол, барои ҳолатҳои махсусан вазнинкунандаи он то ҳафт сол пешбинӣ шуда бошад, пас мутобиқи тағйиротҳои воридшуда таркиби асосии ин ҷиноят бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то ҳашт сол ва барои ҳолатҳои махсусан вазнинкунандаи он ҷазои мазкур то понздаҳ сол ё ҷазои қатл муқаррар мегашт. Ғайр аз ин ба сифати ҷазои иловагӣ мусодираи молу мулк ва гузоштани уҳдадории барқарор намудани зарари расонидашуда пешбинӣ мешуд. Дигар хусусияти тағйиротҳои воридшуда аз он иборат буд, ки қонунгузор ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти автомобилиро бо ҷой доштан ё надоштани мақсади тасарруф вобаста наменамуд, яъне ҳам бидуни мақсади тасарруф ва ҳам бо чунин мақсад ҳай карда бурдани автомобил ҷавобгариро аз рӯйи м.227 КҶ ҶТ ба вуҷуд меовард.

Бо қарори Ассамблеяи байнипарлумонии давлатҳои иштирокчии ИДМ 17-уми феврали соли 1996 Кодекси моделии ҷиноятии давлатҳои аъзои ин иттиҳод қабул гардид [14], ки хусусияти тавсиявӣ дошта, барои такмили қонунгузориҳои миллӣ роҳнамоӣ мекард.

Дар Кодекси мазкур ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар боби "Ҷиноятҳо ба муқобили моликият" дар м.249 ҷойгир карда шудааст. Моддаи мазкур "Ба даст овардани автомобил ё дигар молу мулки арзишнок бидуни мақсади тасарруф" номгузорӣ шуда

буд. Моддаи 249 Кодекси моделӣ аз се қисм иборат буда, дар қ.қ. 2 ва 3 ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷиноятӣ мазкур мустаҳкам шуда буданд. Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда содир намудани ин ҷиноят: “а) аз ҷониби гуруҳои шахсон бо маслиҳати пешакӣ; б) бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок набуда ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ (қ.2); зарар ба андозаи калон; аз ҷониби гуруҳи мутташаккил; бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ (қ.3)” [14] мустаҳкам шуда буд.

Минбаъд меъёри мазкури Кодекси моделии ҷиноятӣ, бо баъзе аз тағйиротҳо дар КҶ ҶТ соли 1998 ифодаи худро пайдо намуд. Чунончи дар м.252 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф муқаррар гардид. Моддаи мазкур аз се қисм иборат буда, он дар Фасли XI (Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт), боби 26 (Ҷиноятҳо ба муқобили моликият) ҷойгир карда шуд.

Қонунгузор ба сифати предмети ин ҷиноят автомобил ё дигар воситаҳои нақлиётро нишон медиҳад.

Дар м.252 КҶ ҶТ масъалаҳои фарқгузории ҷавобгарии ҷиноятӣ вобаста ба аломатҳои вазнинкунанда назар ба қонунгузориҳои қаблӣ пурратар ва ба таври асоснок ба танзим даровардa шуданд.

**Ҳамин тавр, таҳлили таърихи инкишофи ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт моро ба хулосаҳои зерин овард:**

1. Ташаккулёбии ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт давра ба давра сурат гирифтааст. Ба вуҷуд омадани чунин меъёрҳо аз пешрафти илму техника ва дар ҳаёти ҳаррӯза мавриди истифода қарор дода шудани он вобастагӣ дошт. Меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар ҳуқуқи ҷиноятии даврони

Шуравӣ танҳо пас аз ба таври оммавӣ мавриди истифода қарор гирифтани воситҳои нақлиёт ва пайдо шудани ҳуқуқи моликиятии шаҳрвандон ба чунин восита ба вуҷуд омадааст.

2. То қабули КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли1961) меъёри махсуси пешбиникунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт муқаррар нашуда буд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ва сайр кардан бо он аз рӯйи қиёс ба вуҷуд меомад, гунаҳгорро аз рӯйи ҷиноятҳои авбошӣ, худсарӣ ва баъзан барои тасарруф намудани моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ ба ҷавобгарӣ мекашиданд.

3. Бори аввал дар таърихи қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар КҶ ҶШС Тоҷикистон, ки 17-уми августи соли 1961 қабул гардида, аз 1-уми декабри соли 1961 мавриди амал қарор дода шуд, дар моддаи алоҳида ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт муқаррар шуда он дар фарқият аз КҶ ҶТ соли 1998 дар боби "Ҷиноятҳои муқобили бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ" ҷойгир шуда буд, яъне ба сифати объекти он бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ баромад менамуд.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дохил намудани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 ноябри соли 1995 №202 ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёти автомобилӣ пурзӯр намуда, нисбати ҳолатҳои махсусан вазнинкунандаи он ҷазоро то ҳадди ҷазои қатл муқаррар месохт.

### 1.2. Тавсифи муқоисавии меъёр оид ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ

Баланд бардоштани самаранокии чораҳои ҳуқуқи ҷиноятии мубориза бо ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, (м.252 КҶ ҶТ) таҳлили меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии ҷавобгариро барои ҷинояти мазкур пешбинисозандаи давлатҳои хориҷӣ талаб менамояд.

Таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар масъалаи танзими ғайриқонунии ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф метавонад дар раванди такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад. Илова бар ин, зарурати омӯзиши қонунгузории хориҷӣ бо ташаккули фазои умумии ҳуқуқӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, махсусан дар самти мубориза бо ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ, бештар эҳсос мешавад. Аз ин рӯ, ҳангоми таҳия ва такмили меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, муҳим аст, ки таҷрибаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва тавсияҳои ҷомеаи байналмилалӣ ба инобат гирифта шаванд.

Ба назар гирифтани таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ дар мубориза бо ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф имкон медиҳад, ки тамоюлҳои муайяни инкишофи минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ, ки ҷавобгариро барои ҷинояти мазкур муқаррар менамояд, муайян карда шаванд. Вобаста ба ин андешаи М. Аксел асоснок ба назар мерасад, ки чунин менависад: "омӯзиши ҳуқуқи хориҷӣ барои ҳуқуқшинос паҳлуҳои навро боз мекунад, ба ӯ имкон медиҳад боз ҳам беҳтар ҳуқуқи давлати худро донад, чунки хусусиятҳои хоси ҳуқуқи мазкур бахусус ҳангоми муқоиса бо дигар системаҳо ошкор мешавад. Муқоиса имкон дорад ҳуқуқшиносро бо ғояҳо ва далелҳое мусаллаҳ созад, ки онро ҳангоми гирифтани дониши хуби танҳо ҳуқуқи давлати худ ба даст овардан мумкин нест" [102, с. 22].

Ба андешаи мо бояд, пеш аз ҳама, муқоисаи чавобгарии чиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт

бидуни мақсади тасарруф дар асоси конунгузории ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ анҷом дода шавад. Зеро, низоми қонунгузории аксарияти давлатҳои пасошуравӣ тавассути мақоми қонунгузории он - Ассамблеяи байнипарлумонӣ барои ин кишварҳо қонунҳои моделӣ коркард ва тавсия менамояд. Қонунгузории моделӣ барои дар як фазои ҳуқуқӣ карор гирифтани собиқ кишварҳои шуравӣ ва дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳо зарур аст. Гузашта аз ин, махз қонунҳои моделӣ имконият медиҳанд, ки давлатҳои пасошуравӣ аз таҷрибаи пешрафтаи якдигар дар сатҳи ҳуқуқэчодкунӣ самаранок истифода намуда, муносибатҳои нави ҷамъиятиро ҳаматарафа ва пурра мавриди танзими ҳуқуқӣ қарор диҳанд.

Аз ин сабаб таҳлили муқоисавии ҷавобгарӣ барои ҷиноятӣ дар м.252 КҶ ҶТ муқарраршударо аз қонунгузориҳои ҷиноятии давлатҳои пасошуравӣ оғоз менамоем.

Кодекси ҷиноятии Украина. КҶ Украина [23] дар фасли 11 “Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт” меъёреро пешбинӣ менамояд, ки ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт (м.289 КҶ ) [23] муқаррар месозад. Дар диспозитсияи қ.1 таркиби ин ҷиноят чунин муайян шудааст: ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бо ин ё он **мақсад. Чунин мафҳуми диспозитсияи қ.1 м. 289 КҶ Украина дар фарқият аз қ.1 м. 252 КҶ ҶТ имконияти бандубаст намудани ҳолатҳои ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт, аз ҷумла бо мақсади ғаразнокро низ дар бар мегирад.**

Ба андешаи мо ба татбиқи дурусти меъёр оид ба ҷавобгарий барои ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт эзоҳи қ.1 ба м.289 КҶ Украина мусоидат менамояд, ки мувофиқи он зери мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт дар моддаи мазкур бояд ҳаракатҳои қасдонаи зиддиҳуқуқии бо ин ё он мақсад бо истифода аз усули дилхоҳ гирифтани воситаи нақлиёт аз молики он ё дигар истифодабарандагони он бар хилофи иродаи онҳо равонашуда фаҳмида шавад.

Мафҳуми воситаҳои нақлиёт дар эзоҳи м.286 КҶ Украина “(Вайрон намудани қоидаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт, аз ҷониби шахсони идоракунандаи воситаҳои нақлиёт) муайян шудааст, ки мувофиқи он зери мафҳуми воситаҳои нақлиёт аз ҷумла дар м.289 КҶ ҳама намудҳои автомобил, тракторҳо ва дигар мошинҳои худгард, трамвайҳо ва троллейбусҳо, инчунин мотосикилҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ фаҳмида мешавад” [23].

Ба сифати санксия ҷазо дар намуди маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати аз се то панҷ сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат пешбинӣ мешавад, яъне қонунгузории ҷиноятии Украина нисбат ба м.252 КҶ ҶТ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт ҷазои нисбатан вазнинтарро муқаррар менамояд.

Ба сифати аломатҳои вазнинкунанда содир намудани ҳамин ҳаракатҳо аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё такроран ё бо истифодаи зӯроварие, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок нест, ё таҳдиди истифодаи чунин зуроварӣ ё бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба бино ё дигар анборхона ё бо истифода аз воситаҳои электронӣ барои халалдор намудани кори воситаҳои техникии ҳифзнамоӣ, ё агар предмети ғайриқонунӣ ба даст овардан воситаи нақлиёте ҳисоб шавад, ки арзиши он аз сад то ду саду панҷоҳ даромади ҳадди ақали андозбандинашавандаи шаҳрвандон мебошад, нишон дода шудааст (қ.2 м.289 КҶ Украина). Барои чунин кирдорҳо ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз панҷ то ҳашт сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он пешбинӣ гардидааст.

Дар қ.3 м.289 КҶ Украина ҳаракатҳои дар қ.қ.1,2 моддаи мазкур муқарраршуда, ки “аз тарафи гуруҳи муташаккил содир шудааст ё бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ ё агар предмети ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёте ҳисоб шавад, ки арзиши он аз даромади

андозбандинашавандаи шаҳрвандон дусаду панҷоҳ маротиба ва бештар аз он зиёд мебошад” [23], ба сифати ҳолати махсусан вазнинкунандаи ҷинояти мазкур нишон дода шудааст.

Ҷазо барои ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз ҳашт то дувоздаҳ сол бо мусодираи молу мулк ё бидуни он муқаррар мешавад.

Дар фарқият аз м.252 КҶ ҶТ м.289 КҶ Украина дорои меъёри ҳавасмандкунанда мебошад, ки мутобиқи он “шахси бори аввал ҳаракатҳои дар қ.1 моддаи мазкур пешбинишударо содирнамуда, агар ихтиёран ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ хабар диҳад ва воситаи нақлиётро ба соҳибаш баргардонида пурра зарари расонидаашро талофи намояд аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад” (қ.4 м.289 КҶ Украина) [23].

Ҳамин тавр, ҳолатҳои вазнинкунандаи ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт, ки дар КҶ Украина муқаррар шудаанд, ба монанди бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба бино ё дигар анборхона ё бо истифода аз воситаҳои электронӣ барои халалдор намудани кори воситаҳои техникии ҳифзнамоӣ ҷолиби диққат буда, мумкин аст барои фарқгузорӣ намудани ҷавобгарӣ дар м.252 КҶ ҶТ истифода шаванд.

Ғайр аз ин истифода намудани меъёри ҳавасмандкунанда дар намуди озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷинояти мазкур ҳангоми ихтиёран хабар додан, баргардонидани воситаи нақлиёт ва талофи намудани зарари расонидашуда асоснок ба ҳисоб рафта, мумкин аст барои ошкор намудани он ва бартараф намудани зарари аз ин ҷиноят расонида шуда мусоидат намояд.

Мавқеи каме дигартари муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар КҶ Белорус [16] муқаррар шудааст. Таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ё киштии обии хурдҳаҷм (м.214 КҶ Белорус) дар фасли 8 “Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва

тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ", боби 24 "Ҷиноятҳо ба муқобили моликият" ҷойгир шуда чунин муайян мешавад: "ғайриқонунӣ ба даст даровардани воситаҳои нақлиёт ё киштии хурдҳаҷм ва сайр кардан бо он бидуни мақсади тасарруф (ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан)" [16].

Дар фарқият аз м.252 КҶ ҶТ ба сифати предмети ҷиноят на танҳо воситаҳои нақлиёт, балки киштии обии хурдҳаҷм низ баромад менамояд.

Барои чунин ҳаракатҳо ҷазо дар намуди ҷарима ё корҳои ислоҳӣ ба муҳлати то ду сол ё ҳабс ё маҳдуд кардани озодӣ ба муҳлати то се сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин муҳлат пешбинӣ мешавад.

Ба сифати аломатҳои вазнинкунанда содир намудани чунин ҳаракатҳо такроран ё бо истифодаи зӯроварӣ ё аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ ё аз беэҳтиётӣ расонидани зарар ба миқдори махсусан калон (қ.2 м.214 КҶ) ва ба сифати ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда содир намудани ҳаракатҳои дар қ.қ 1,2 м.214 пешбинишуда бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ (қ.3 м.214 КҶ) муқаррар шудааст. Барои ҳолати махсусан вазнинкунанда ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати аз се то даҳ сол муайян мешавад.

Дар эзоҳи м.214 КҶ Белорус омадааст, ки аломатҳои воситаҳои нақлиёт дар эзоҳи м.317 КҶ Белорус нишон дода шудаанд.

Мутобиқи эзоҳи м.317 КҶ Белорус "зери мафҳуми воситаҳои нақлиёт дар м.м.214, 317- 318 КҶ Белорус "воситаҳои нақлиёти механикӣ, ки барои ҳаракат дар роҳ ва барои бурдани мусофирон, борҳо ё таҷҳизоти дар болои он васлшуда пешбинӣ шудаанд, инчунин шасси воситаҳои нақлиёт ва мошинҳои худгард фаҳмида мешаванд" [16] . Дар баробари ин дар КҶ Белорус маънидоднамоии киштиҳои обии хурдҳаҷм ҷой надорад.

Ҳамин тавр, хусусияти фарққунандаи м.214 КҶ Белорус нисбат ба м. 252 КҶ ҶТ дар он ифода мегардад, ки ба сифати предмети ҷиноят на танҳо воситаҳои нақлиёт, балки киштии обии хурдҳаҷмро низ нишон медиҳад.

Дар ҳолатҳои вазнинкунанда аз беэҳтиёти расонидани зарар ба миқдори махсусан калон пешбинӣ мешавад, ки дар м.252 КҶ ҶТ ҷой надорад.

КҶ Ҷумҳурии Қазоқистон дар боби 6 "Ҳуқуқвайронкуниҳои ҷиноятӣ ба муқобили моликият" ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ба даст даровардани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (м.200 КҶ) муқаррар намудааст. Дар фарқият аз КҶ ҶТ дар КҶ Қазоқистон Қисми махсуси он ба фаслҳо ҷудо карда нашудааст. Дар қ.1 м.200 КҶ Қазоқистон ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан) муайян шудааст, ки вобаста ба ҷойи ҷойгиршавии ҷинояти мазкур дар боби ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва мафҳуми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан бо қ.1 м.252 КҶ ҶТ мувофиқ меояд. Фарқият дар он аст, ки м.252 КҶ ҶТ тарафи объективии ҷинояти мазкурро тавассути "ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан" тавсиф медиҳад, м.200 КҶ Қазоқистон бошад, тавассути "ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт". Ин ҷо ба андешаи мо мавқеи КҶ Қазоқистон бештар асоснок ба назар мерасад. Зеро муайян намудани суиқасд ба воситаи нақлиёт ҳамчун ҷинояти молу мулкӣ тавассути мафҳуми "ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт" ё "соҳиб шудан ба воситаи нақлиёт" пурратар манфиатҳои моликро нисбат ба мафҳуми "ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт" ҳифз менамояд. Барои ҳифзи воситаи нақлиёт ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият муҳим на ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, балки ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба он ба ҳисоб меравад.

Санксияи қ.1 м.200 КҶ Қазоқистон доираи васеи ҷазоҳоро муқаррар намудааст. Ба ғайр аз маҳдуд кардани озодӣ ба мӯҳлати то ду сол ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба ҳамин мӯҳлат, ҷазоҳои алтернативӣ дар намуди ҷарима, корҳои ислоҳӣ ё ҷалб кардан ба корҳои ҷамъиятии муайян пешбинӣ шудаанд.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанди ҷинояти мазкур “содир шудани он аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; якчандкаррата; бо истифодаи зӯроварӣ барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда ё таҳдиди истифодаи чунин зуроварӣ, ба сифати ҳолати махусан вазнинкунанда содир шудани он аз ҷониби гуруҳи ҷиноятӣ ё бо расонидани зарари калон (қ.3 м.200 КҶ Қазоқистон); бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ” (қ.4 м.200 КҶ) муқаррар шудааст.

Дар КҶ Қирғизистон ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти автомобилӣ (м.211 КҶ) дар фасли VII (Ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва тартиби амалӣ намудани фаъолияти иқтисодӣ), боби 28 (Ҷиноятҳо ба муқобили моликият) ҷойгир шудааст. Таркиби ҷинояти мазкур дар қ.1 м.211 КҶ Қирғизистон чунин муайян шудааст: ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба автомобил ё дигар воситаи нақлиёти автомобилӣ бидуни мақсади тасарруф (ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан). Ба сифати предмети ҷиноят танҳо автомобил ё дигар воситаи нақлиёти автомобилӣ номбар мешавад. Дар эзоҳи м.312 КҶ Қирғизистон мафҳуми воситаҳои нақлиёти автомобилӣ муайян шудааст, ки мутобиқи он “зери мафҳуми воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ҳама намудҳои автомобил, троллейбусҳо,тракторҳо ва дигар мошинҳои худгард, мотосиклҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ” [15] фаҳмида мешавад.

Санксияи қ.1 м.211 КҶ Қирғизистон ҷазоро дар намуди ҷарима ё маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол муқаррар менамояд.

Ба сифати ҳолатҳои вазнинкунанда содир намудани чунин кирдор аз “тарафи гуруҳи шахсон; гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; бо истифоди зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ (қ.2 м.211 КҶ); ҳамчун ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда аз беэҳтиёти расонидани зарари вазнин; бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ; аз тарафи

гурухи мутташаккил; дар ҳайати иттиҳоди ҷиноятӣ (қ.3 м.211 КҶ Қирғизистон)" [15] муайян шудааст.

Дар КҶ Ҷумҳурии Молдова ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар боби 6 "Ҷиноятҳо ба муқобили моликият" ҷойгир шудааст. Мутобиқи м.192-1 КҶ Молдова ҷинояти мазкур чунин муайян шудааст: "ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" [18].

Ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти мазкур содир гардидани он "аз ҷониби ду ё бештар шахсон; бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ;  содир намудани ҷиноят бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба гараж, дигар бино ё ҳудуди ҷудокардашуда ё муҳофизатшаванда" [18] (қ.2 м.192-1 КҶ) ва истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломати хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ (қ.3 м.192-1 КҶ Молдова) ҷудо карда шудаанд. Бояд қайд намуд, ки ба сифати ҳолати вазнинкунандаи ҷинояти мазкур ҷудо намудани содиршавии он бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба гараж, дигар бино ё ҳудуди ҷудокардашуда ё муҳофизатшаванда асоснок ба ҳисоб меравад, зеро аз чунин ҷойҳо содир намудани ҷиноят дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии онро зиёд мегардонад.

Хусусияти фарқкунандаи КҶ Молдова дар он мебошад, ки дар моддаи алоҳида инчунин ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт бо кашандаи зинда, инчунин ҳайвони кашонанда (м.192-2 КҶ) муқаррар шудааст. Ба сифати аломатҳои вазнинкунандаи ин ҷиноят вайрон шудани молу мулк, бемории вазнин ё маҳв шудани ҳайвони рабудашуда нишон дода мешавад.

Дар КҶ Узбекистон [20] ҷинояти мазкур дар фасли 6 "Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ, боби XVIII "Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт" пешбинӣ шудааст. Хусусияти фарқкунандаи рабудани воситаи нақлиёт

(м.267 КҶ Узбекистон) дар он мебошад, ки дар таркиби ҷинояти мазкур аломати ғайриқонунӣ будани рабудани воситаи нақлиёт ва мақсади содир намудани он, нишон дода нашудааст. Вале мутобиқи Қарори Пленуми Суди Олии Узбекистон "зери мафҳуми рабудани воситаи нақлиёт бояд ҷойивазнамоии воситаи нақлиёти ғайр бидуни мақсади тасарруф фаҳмида шавад" [163].

Қонунгузории Узбекистон мафҳуми автомобил ва дигар воситаи нақлиётро низ ҷудо накарда зери мафҳуми предмети ҷинояти мазкур дилхоҳ воситаи нақлиётро мефаҳмад (ба ғайр аз киштии обӣ, ҳавоӣ ё нақлиёти роҳи оҳан, ки ба сифати предмети ҷинояти м.264 КҶ Узбекистон баромад менамоянд, ки он низ дар боби ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт ҷойгир шудааст).

Дар қ.2 м.267 КҶ ҷавобгарӣ барои рабудани воситаи нақлиёт, ки "такроран ё аз тарафи ретсидивисти хавфнок содир шудааст, бо маслиҳати пешакии гурӯҳи шахсон, бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, бо мақсади тасарруфи воситаи нақлиёт бо роҳи дуздӣ ё ғоратгарӣ содир шудааст" [20] муқаррар мешавад.

Ба сифати ҳолатҳои махсусан вазнинкунанда содир намудани ҷинояти мазкур аз тарафи ретсидивисти махсусан хавфнок, гурӯҳи муташаккил, бо мақсади тасарруфи воситаи нақлиёт бо роҳи ҳуҷуми роҳзанона (қ.3 м.267 КҶ) пешбинӣ шудааст.

Ба андешаи мо ҷудо намудани аломатҳои вазнинкунандаи бо мақсади тасарруф рабудани воситаи нақлиёт дар КҶ Узбекистон асоснок ҳисоб намешавад. Зеро он аз ҳам ҷудо намудани ҷинояти мазкурро аз тасарруф мушкил менамояд. Ғайр аз ин бо мақсади тасарруф рабудани воситаи нақлиёт ин худ тасарруфи он ба ҳисоб меравад.

КҶ Туркманистон ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёти ғайр чунин муайян менамояд: ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёти ғайр бидуни мақсади тасарруф намудани он

(рабудан) (қ.1 м.255 КҶ) [22]. Дар фарқият аз м.252 КҶ ҶТ қонунгузории Туркманистон бевосита нишон медиҳад, ки воситаи нақлиёт бояд воситаи нақлиёти ғайр бошад. Дуюм, дар м.255 КҶ Туркманистон мафҳуми автомобил ва дигар воситаи нақлиёт ҷудо карда нашудааст, яъне ба сифати предмети ин ҷиноят воситаи нақлиёти дилхоҳ баромад карда метавонад, ба истиснои киштиҳои ҳавоӣ, обӣ ва нақлиёти роҳи оҳан, ки ҷавобгарӣ барои рабудан ва ғасб намудани онҳо дар дигар модда (м.277 КҶ Туркманистон) пешбинӣ шудааст.

Ба сифати аломати вазнинкунанда дар фарқият аз м.252 КҶ ҶТ дар қ.2 м.255 КҶ Туркманистон дар қатори дигар ҳолатҳо содир намудани ҳамин ҷиноят бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба анборхона муқаррар шудааст.

Дар КҶ ФР [21] ба монанди КҶ ҶТ таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар боби 21 (Ҷиноятҳо ба муқобили моликият) ҷойгир шудааст. Дар м.166 КҶ ФР таркиби ҷинояти мазкур чунин муайян шудааст: ғайриқонунӣ ба даст овардани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (рабудан). Қонунгузории ФР ба мисли КҶ ҶТ предмети ҷинояти мазкурро ба “автомобил ё дигар воситаи нақлиёт” ҷудо намудааст.

Мутобиқи м.166 КҶ ФР таркиби ҷинояти мазкур бо ду ибора ошкор мешаванд, ки бо ҳам баробармаъно мебошанд, яъне ғайриқонунӣ ба даст овардан (завладение) ва рабудан. Дар м.252 КҶ ҶТ бошад танҳо ибораи рабудан ё ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ҷудо мегардад.

Зери мафҳуми ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ба даст овардани автомобил ё дигар воситаи нақлиёти ғайр (рабудан) ва сайр кардан бо он бе нияти пурра ё қисман аз они худ кардани он фаҳмида мешавад [166].

Санксияи қ.1 м.166 КҶ ФР доираи васеи ҷазоҳоро муқаррар сохтааст: ҷарима, маҳдуд кардани озодӣ, корҳои маҷбурӣ, ҳабс ё маҳрум сохтан аз

озодӣ. Ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то панҷ сол пешбинӣ мешавад.

Ба сифати аломати вазнинкунандаи ҷинояти мазкур содир намудани он “аз тарафи гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ, бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок набуда ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ (қ.2 м.166 КҶ ФР), ба сифати ҳолати махсусан вазнинкунанда содир намудани ин ҷиноят аз тарафи гуруҳи муташаккил ё расонидани зарар ба миқдори махсусан калон (қ.3 м.166 КҶ ФР) ва истифодаи зуроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зуроварӣ (қ.4 м.166 КҶ ФР)” [21] мустаҳкам шудааст.

Такрорӣ ҳамчун ҳолати вазнинкунанда дар КҶ ФР пешбинӣ нашудааст, зеро КҶ ФР ба сифати шакли сершуморагии ҷиноятҳо онро ҷудо насохтааст.

Новобаста аз он ки дар қонунгузории аксарияти давлатҳои хориҷӣ ҷой доштани меъёрҳои бо м.252 КҶ ҶТ ҳамшабеҳ ҷиноятҳои пешбининамудаи онҳо бо аломатҳои объективӣ ва субъективии хос фарқ менамоянд, ки ин мумкин аст барои қонунгузории ҶТ манфиатовар бошад.

КҶ Олмон [32, с. 356-357] дар фасли 19 “Дуздӣ ва азонихудкунӣ” § 248b ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ истифода намудани воситаи нақлиёт муқаррар месозад, ки мутобиқи он “Шахсе, ки воситаи нақлиёт ё велосипедро бар хилофи иродаи шахси ваколатдор истифода мебарад, ҷазо дода мешавад бо маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати то се сол ё ҷаримаи пулӣ (қ.1)”. КҶ Олмон инчунин суиқасд ба ҷинояти мазкурро низ ҷиноят эътироф намудааст. Кирдорҳои мазкур танҳо бо дархости ҷабрдида боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегарданд (қ.3).

Дар қ.4 § 248b мафҳуми предмети ҷиноят тавсиф мегардад: “воситаҳои нақлиёт вобаста ба меъёри мазкур воситаҳои ҳаракат ҳисоб мешаванд, ки бо ёрии қувваи мошин ба ҳаракат даровarда мешаванд, воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ ба чунин сифат танҳо дар ҳолатҳое

эътироф мешаванд, ки агар бо нақлиёти роҳи оҳан алоқаманд набошанд” [32, с. 356-357].

Ҳамин тавр, тамоми воситаҳои нақлиёти бо қувваи мошин ба ҳаракат даровардашаванда зери ҳимоя қарор доранд, аз ҷумла на фақат нақлиёти автомобилӣ, балки завраққои мотори, киштиҳо, самолетҳо ва ғайра. Аз ин доира воситаҳои нақлиёти рӯйизаминии дар релс ҳаракаткунанда, яъне трамвайҳо, поэздҳо ва ғайра истисно мебошанд.

Таҳлили таркиби ҷинояти мазкур ба хулоса меорад, ки тарафи объективии он аз ҷиҳати ҳуқуқӣ нисбат ба м.252 КҶ ҶТ дигар хел сохта шудааст. Аз ҷумла, дар танзими ҷавобгарӣ КҶ Олмон ва КҶ ҶТ мафҳумҳои гуногунро истифода мебаранд, мафҳуми “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан” дар КҶ ҶТ ва “истифода бурдан” дар КҶ Олмон. Аммо мутобиқи маънидоднамоии Суди Олии Олмон истифодабарӣ ҷой дорад, вақте “қувваҳои ҳаракатдиҳанда амал намуда дар ниҳоят воситаи нақлиёт ба ҳаракат даroварда мешавад” [32, с. 356-357]. Аммо дар фарқият аз м.252 КҶ ҶТ, ки мувофиқи он ҷавобгарӣ дар ҳолатҳое фаро мерасад, ки агар воситаи нақлиёт аз як ҷой ба ҷойи дигар бо усули дилоҳ бурда шавад, мутобиқ КҶ Олмон сухан дар бораи ба ҳаракат даровардани нақлиёт бо ёрии механизмҳои худи он фаҳмида мешавад.

КҶ Норвегия [85, с. 221] дар боби 24 “Тасарруф, дуздӣ ва ғайриқонунӣ истифода бурдан” дар § 260 ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ истифода намудани воситаҳои нақлиёт пешбинӣ месозад. Мутобиқи меъёри мазкур “шахсе ҷазо дода мешавад, ки ғайриқонунӣ воситаи нақлиёти ба ӯ мансубнабуда ё хизматӣ набударо истифода мебарад, ба он ихтиёрдорӣ мекунад ё ба чунин ҳаракатҳо мусоидат менамояд” [85, с. 221]. Зери мафҳуми воситаи нақлиёт воситаи дилхоҳи ҳаракаткунанда фаҳмида мешавад, аз ҷумла велосипед, ки он механизми баҳаракатдароранда дорад.

Дар фарқият аз КҶ ҶТ дар § 260 КҶ Норвегия сухан оид ба ғайриқонунӣ истифода намудани воситаи нақлиёт меравад. Ғайр аз ин аз

рӯйи м.252 КҶ ҶТ ба сифати предмети ҷиноят наметавонанд нақлиёти обӣ, ҳавоӣ ё нақлиёти роҳи оҳан баромад намоянд (ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои мазкур дар м.184 КҶ ҶТ муқаррар шудааст). Аз рӯйи КҶ Норвегия бошад ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани киштӣ низ ки механизми баҳаракатдароранда дорад, инчунин аппаратҳои парвозкунанда фаро мерасад.

Кодекси ҷиноятии Полша [19, с. 191] дар боби XXXV "Ҷиноятҳо ба муқобили молу мулк" дар м.289 ҷинояти ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт монандро муқаррар менамояд, яъне "ҷиноят содир менамояд, касе, ки бо мақсади истифодаи кутоҳмуддат воситаи механикии ҳаракаткунандаи шахси дигарро мегирад...." [19, с. 191]. Қонунгузории ҷиноятии Полша ба мисли қонунгузориҳои давлатҳои дар боло баррасишуда маҳз истифода шудани воситаи нақлиётро таъкид месозад. Ба сифати предмети ҷиноят воситаи дилхоҳи механикии ҳаракаткунанда баромад карда метавонад.

КҶ Австрия дар фасли 6 "Ҷиноятҳо ба муқобили молу мулки ғайр" дар § 136 ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ истифода намудани воситаи нақлиёт муқаррар месозад: "Ҳар нафар воситаи нақлиётеро, ки бо ҳаракатовари кашиши мошинӣ таҷҳизонида шудааст, бе розигии шахси ваколатдор истифода мебарад, ҷазо дода мешавад..." [93, с. 185] . Қонунгузории Австрия дар фарқият аз КҶ Олмон ва КҶ ҶТ предмети ҷиноятро маънидод накардааст, аммо нишон медиҳад, ки воситаи нақлиёт бояд бо "кашиши мошинӣ" муҷаҳҳаз бошад, яъне ба ин доира масалан велосипедро дохил накардааст.

КҶ Корея [17, с. 210] ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар боби XXXVIII "Ҷиноятҳои бо тасарруфи молу мулк алоқаманд ва дуздӣ" пешбинӣ намудааст. Мутобиқи моддаи 331-2 КҶ Корея, ҷинояти мазкур чунин муайян шудааст: "Истифодаи

муваққатии нақлиёти шахси дигар, аз ҷумла автомобил, киштӣ, ҳавопаймо ё мотосикл, бе иҷозати соҳиби ҳуқуқӣ” [17, с. 210]. Қобили таваҷҷуҳ аст, ки дар муқоиса бо КҶ ҶТ, қонунгузории Корея дар як меъёр ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани тамоми намуди воситаҳои нақлиёти рӯизаминӣ, обӣ ва ҳавоӣ пешбинӣ менамояд.

Ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар КҶ Шветсия [25, с. 69] дар боби 8 “Дар бораи дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва дигар ҷиноятҳои бо тасарруфи молу мулк алоқаманд” пешбинӣ шудааст. Қонунгузории Шветсия дар фарқият аз КҶ ҶТ ҷинояти мазкурро ҳамчун намуди дуздӣ баррасӣ менамояд.

Дар Кодекси ҷиноятии Шветсия [25, с. 69] ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар боби 8, ки ба "Дуздӣ, ғоратгарӣ, роҳзанӣ ва дигар ҷиноятҳои марбут ба тасарруфи молу мулк" бахшида шудааст, пешбинӣ гардидааст. Қонунгузории ин кишвар, дар муқоиса бо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, чунин амали ғайриқонуниро ҳамчун як шакли дуздӣ арзёбӣ менамояд.

Мутобиқ м.7 КҶ Шветсия “Шахсе, ки ғайриқонунӣ воситаи нақлиёт ё дигар воситаи ҳаракаткунандаро бо ҳаракатдиҳандаи механикӣ, ки ба шахси дигар тааллуқ дорад, мегирад, ё истифода мебарад, ҷазо дода мешавад...” [25, с. 69]. Қонунгузории Шветсия дар баробари мафҳуми “истифода бурдан”, инчунин мафҳуми “ғайриқонунӣ мегирад”-ро истифода намудааст. Муайян намудани предмети ҷиноят дар Кодекси ҷиноятии Шветсия нишон медиҳад, ки ҷавобгарӣ на танҳо барои истифодаи ғайриқонунии воситаҳои нақлиёти механикӣ, балки нисбат ба дигар воситаҳои ҳамлу нақл ва ҳаракаткунанда низ пешбинӣ шудааст. Масалан, қонунгузории ин кишвар ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ истифода бурдани намудҳои гуногуни техника, ки барои корҳои сохтмонӣ, хизматрасонӣ, таъмир ва дигар фаъолиятҳо таъин шудаанд, муқаррар менамояд.

Кодекси ҷиноятии Фаронса [24, с. 226] муқаррароти шабеҳ ба моддаи 252 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бар намегирад. Бо вуҷуди ин, дар боби IV **"Дар бораи таҷовуз ба озодии инсон"**, фасли II **"Дар бораи рабудани киштии ҳавоӣ ё дигар воситаҳои нақлиёт"**, моддаҳои 224.6-224.8 ҷавобгариро барои ғасб ё зери назорат гирифтани киштии ҳавоӣ, киштӣ ё дигар воситаи нақлиёт бо истифода аз зӯроварӣ ё таҳдиди он, вақте ки дар дохили онҳо одамон қарор доранд, пешбинӣ менамояд. **Ҳамин тавр, таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷӣ дар самти танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт имкон медиҳад, ки ба хулосаҳои зерин оем:**

1. Дар КҶ давлатҳои пасошуравӣ таркиби ҷинояти мазкур асосан монанд ба назар мерасад. Фарқият танҳо дар ҳолатҳои зерин ба назар мерасад: дар қонунгузории баъзе аз давлатҳо тарафи объективии ин ҷиноят тавассути ибораҳои "ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт" ва "рабудан" (Қазоқистон, ФР, Белорус, Қирғизистон, Туркманистон), танҳо ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бе нишон додани рабудан (Украина) муайян шудааст.

2. Ба андешаи мо мавқеи давлатҳое, ки тарафи объективии ин ҷиноятро тавассути ибораи "ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт" ва "рабудан" муайян месозанд, бештар асоснок ба назар мерасад. Зеро муайян намудани таҷовуз ба воситаи нақлиёт ҳамчун ҷинояти молу мулкӣ тавассути мафҳуми "соҳиб шудан ба воситаи нақлиёт" пурратар манфиатҳои моликро нисбат ба мафҳуми "ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт" ҳифз менамояд. Барои ҳифзи воситаи нақлиёт ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият муҳим на ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, балки ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба он ба ҳисоб меравад.

3. Дар КҶ Украина ва Узбекистон ибораи "бидуни мақсади тасарруф" нишон дода нашудааст.

4. Аз аломатҳои вазнинкунандаи дар қонунгузории Украина муқарраршуда, ба монандӣ бо роҳи ғайриқонунӣ даромадан ба бино ё дигар анборхона ё бо истифода аз воситаҳои электронӣ барои халалдор намудани кори воситаҳои техникии ҳифзнамоӣ ё дар КҶ Молдова омада содиршавии он бо роҳи ғайриқонунӣ дохил шудан ба гараж, дигар бино ё ҳудуди ҷудокардашуда ё муҳофизатшаванда ҷолиби диққат буда мумкин аст, барои фарқгузорӣ намудани ҷавобгарӣ дар м.252 КҶ ҶТ истифода шаванд.

5. Муқаррароти қонунгузории давлатҳои хориҷӣ аз ҷинояти дар м.252 КҶ ҶТ мустаҳакамшуда фарқияти калон доранд. Аз ҷумла, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ на ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиётро балки ғайриқонунӣ истифода намудани онҳоро сазовори ҷазо медонанд (Шветсия, Корея, Олмон, Австария). Агар дар м. 252 КҶ ҶТ ибораи “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан” истифода шавад, пас дар кодексҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ибораи “истифода бурдан” нишон дода мешавад. Ибораи “истифода бурдан” дар чунин ҳолат бештар ҳаматарафа буда, нисбати боби ҷавобгариро барои суиқасд ба моликият муайянкунанда мувофиқтар мебошад, чунки мафҳуми “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан” бе назардошти аломатиҳои субъективӣ мумкин аст, ҳамчун тасарруфи воситаи нақлиёт фаҳмида шавад, ки ин ба бандубасти дурусти кирдор монеа эҷод мекунад.

6. Баъзе кишварҳо, дар муқоиса бо Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳайси предмети ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт на танҳо автомобил, балки дигар намудҳои нақлиётро низ дар бар мегиранд. Масалан, қонунгузории Норвегия киштӣ ва аппаратҳои парвозкунандаро, Корея – киштӣ, ҳавопаймо ва мотосикл, ва Шветсия – тамоми воситаҳои нақлиёти дорои муҳаррики механикиро фаро мегирад.

7. Мавқеи қонунгузории Норвегия ҷолиби таваҷҷуҳ аст, зеро он на танҳо ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ истифода бурдани воситаҳои

нақлиёт, киштиҳо ва аппаратҳои парвозкунанда пешбинӣ менамояд, балки ҳамчунин меъёри алоҳидаро барои ғайриқонунӣ истифода кардани дигар намудҳои молу мулк низ муқаррар мекунад. Зеро криминализатсия нашудани ғайриқонунӣ истифода бурдани молу мулки дигари арзишнок ба принсипи адолат мухолифат менамояд.

# БОБИ 2. ТАВСИФИ ҲУҚУҚИИ ҶИНОЯТИИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ҲАЙ КАРДА БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАИ НАҚЛИЁТ БИДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ

## 2.1. Объект ва предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф

Таркиби дилхоҳ ҷиноят аз чор унсур ташкил ёфта, кирдори барои ҷамъият хавфнокро чун ҷиноят тавсиф медиҳад. Ба шумули чунин унсурҳо дохил мешаванд: объект, тарафи объективӣ, тарафи субъективӣ ва субъекти ҷиноят [99, с. 71]. Барои ҷиноят эътироф намудани кирдор мавҷуд будани ҳар яке аз ин унсурҳо дар маҷмуъ ҳатмӣ мебошад.

Барои, дарки табиати ҳуқуқӣ, ба ҷамъият хавфнокии кирдор, дуруст бандубаст намудани он, фарқ намудани як ҷиноят аз ҷинояти дигар муайян намудани объекти ҷиноят аҳаммияти калон дорад.

Объекти ҷиноят ба андешаи аксари олимон ин муносибатҳои муҳимми ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае мебошад, ки дар вақти содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок ба онҳо зарар расонида мешавад ё таҳдиди расонидани чунин зарар ба вуҷуд меояд [86, с. 76].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ андешаҳои дигар низ доир ба объекти ҷиноят иброз шудааст. Масалан, ба сифати он меъёрҳои ҳуқуқ [82, с. 32-35], арзишҳои иҷтимоӣ, манфиатҳо, неъматҳо [58, с. 200-202] ва ғайра нишон дода мешавад.

Ба андешаи мо консепсияҳои мазкур беасос мафҳуми муносибатҳои ҷамъиятиро васеъ намуда ба доираи он унсурҳои ба он хос набударо дохил менамоянд ё ба унсурҳои алоҳидаи муносибатҳои ҷамъиятӣ чунин хусусиятро медиҳанд, ки онро муносибатҳои ҷамъиятӣ дар пуррагӣ доро мебошад. Чи тавре А.Н. Тарбагаев дуруст қайд мекунад “дар мафҳуми объекти ҷиноят иваз намудани муносибатҳои ҷамъиятӣ ба қисмҳои таркибии он ба ғайр аз суханбозӣ чизи дигаре нест. Чунки муносибатҳои

ҷамъиятӣ ҳангоми зарар расонидан ба қисмҳои таркибии он халалдор нашуда наметавонад” [88, с. 172].

Бинобар ин, мо мавқеи олимонеро, ки ба сифати объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятиро эътироф мекунанд дастгирӣ менамоем.

Барои дуруст муайян намудани он ки маҳз ба кадом муносибатҳои ҷамъиятӣ ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт таҷовуз меоварад, ба мақсад мувофиқ аст, ки ба таснифи объекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ рӯй оварем.

Вобаста ба самти амудӣ (вертикалӣ) дар адабиётҳои ҳуқуқӣ объекти ҷиноятро ба чор гурӯҳ тақсим мекунанд: “объекти умумӣ; хелӣ; намудӣ ва бевосита” [97, с. 93].

Объекти умумӣ ин маҷмуи ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо қонунгузории ҷиноятӣ аз таҷовузи ҷиноятӣ ҳифз карда мешаванд, ба ҳисоб меравад [48, с. 413].

Объекти хелӣ “ин гуруҳи муносибатҳои ҷамъиятии якхелае мебошанд, ки тавассути маҷмуи ягонаи меъёрҳои ҳуқуқии ҷиноятии бо ҳам алоқаманд ҳифз карда мешаванд. Гуруҳи мазкури муносибатҳои ҷамъиятии якхела дар фаслҳои Қисми махсуси КҶ муттаҳид шудаанд” [88, с. 105] .

Объекти намудии ҷиноят ин ҷузъи объекти гуруҳии ҷиноят ба ҳисоб рафта, гуруҳи муайян як намуд ҷиноятҳоро ҷамъ меоварад. Вобаста ба ин аз рӯйи объекти намудии ҷиноят, фаслҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба бобҳо ҷудо карда мешаванд.

Объекти бевоситаи ҷиноят бошад “ин муносибатҳои мушаххаси ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае мебошад, ки ба он кирдори ҷиноятӣ равона шуда зарар мерасонад ё таҳдиди чунин зарарро ба вуҷуд меоварад”.

Инчунин аз рӯйи самти уфуқӣ объекти бевоситаи ҷиноят ба се намуд ҷудо карда мешавад: “объекти бевоситаи асосӣ; объекти бевоситаи иловагӣ ва объекти бевоситаи факултативӣ”.

Вале бештар барои мо вобаста ба самти уфуқӣ тасниф намудани объект ба: “объекти асосӣ ва объекти иловагӣ қобили қабул мебошад. Мувофиқи чунин тасниф объекти иловагӣ дар навбати худ ба объекти иловагии асосӣ ва объекти иловагии факултативӣ ҷудо мешавад” [87, с. 78].

Объекти асосӣ объекте ҳисоб мешавад, ки моҳияти иҷтимоӣ ва хусусияти хавфнокии таҷовузи ҷиноятиро муайян месозад. “Ин муносибатҳои ҷамъиятие ҳисоб мешаванд, ки кирдор пеш аз ҳама муқобили онҳо равона шудааст” [88, с. 107].

Таҷовузи ҷиноятӣ ба объекти иловагии асосӣ моҳияти ҷинояти содиршударо ташкил намедиҳад. Аммо ин намуди объект ҳама вақт якҷоя бо объекти асосӣ, илова бар он ҳангоми содир шудани ҷиноят зарар мебинад.

Объекти иловагии факултативӣ бошад “дар натиҷаи содир шудани ҷиноят мумкин аст зарар бинад ё мумкин аст вобаста ба ҳолатҳои воқеии содир шудани кирдори ҷиноятӣ зарар набинад” [56, с. 215] .

Вобаста ба таснифи овардашуда объекти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиётро мавриди баррасӣ қарор медиҳем. Зеро онро иҷрои як вазифаҳои таҳқиқот талаб менамояд.

Ҳар як ҷиноят, аз ҷумла ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ба объекти муайян таҷовуз меоварад.

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт дар фасли XI “Ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт” ҷойгир шудааст. Бинобар ин ба сифати объекти хелии он муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт баромад менамоянд. Муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи иқтисодиёт “ба истеҳсолот, мубодила, тақсимот ва истеъмоли неъматҳои

моддию ғайримоддӣ равона шудаанд” [79, с. 6]. “Объекти хелии ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт муносибатҳои иқтисодӣ баромад менамоянд, ки робитаи муайяни байни субъектони ин муносибаҳоро дар ҷараёни фаъолияти иқтисодӣ дар бар мегиранд” [71, с. 96].

Ҳамин тавр, объекти хелии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёт эътироф мешавад.

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар боби 26 “Ҷиноятҳо ба муқобили моликият” ҷой гирифтааст, ки аз ин ҷо ба сифати объекти намудии он муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд.

Вале дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар мавриди объекти намудӣ ва умуман ҷойгиршавии таркиби ҷинояти мазкур дар системаи Қисми махсуси КҶ андешаҳои гуногун ҷой дорад. Бояд зикр намуд, ки то қабули КҶ ҶТ (соли 1998) ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт дар боби “Ҷиноятҳо муқобили бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ” (боби 10 КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли1961) ҷойгир шуда буд. Вобаста ба ин аксарияти олимон ба сифати объекти намудии ҷинояти мазкур  муносибатҳои ҷамъиятӣ оид ба таъмин намудани амнияти ҷамъиятиро эътироф менамуданд.Дар баробари ин муносибатҳои моликиятӣ ҳамчун объекти иловагӣ ҳисоб мешуд [63, с. 93].

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт “ба амнияти ҷамъиятӣ зарар мерасонад, яъне бехатарии ҳаракат дар роҳро коста намуда, боиси марги одамон, расонидани зарар ба саломатии онҳо, несту нобуд ва вайрон гардидани воситаҳои нақлиёт ва иншоотҳои роҳ мегардад” [30, с. 39].

Б.А.Куринов моҳияти ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиётро муайян намуда иброз намудааст, ки ҳолати асосии муайянкунандаи

табиати ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ҷинояти мазкур таҷовуз маҳз ба амнияти ҳаракат дар роҳ ба ҳисоб меравад [51, с. 138-139].

Олимони мазкур андешаҳои худро бо он асоснок менамуданд, ки ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт гунаҳгор одатан ҳуқуқ ба идора кардани воситаи нақлиётро надорад; аз ҳолати техникии воситаи нақлиёт бохабар нест; бештар шахс дар лаҳзаи содир намудани ин ҷиноят дар ҳолати мастӣ қарор дорад. Ҳолатҳои мазкур тартиби муқарраршудаи истифода бурдани манбаи хавфи баланддоштаро халалдор намуда, маҳз ба амнияти ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд [59, с. 14].

М. Муллоев низ чунин мешуморад, ки ҷинояти мазкур “ба тартиботи ҷамъиятӣ, амнияти ҷамъиятӣ, бехатарии ҳаракати нақлиёт таҷовуз меоварад. Шахси воситаи нақлиётро ҳай карда баранда на танҳо тартиби сотсиалистии муқарраршуда, балки бо ҳаракатҳои худ ҳаёт ва саломатии одамон ва арзишҳои моддиро зери хатар мегузорад. “Дар ҳолатҳои зиёд чунин шахсон ҳуқуқи ронандагӣ, малакаи ронандагӣ  надоранд, ки дар натиҷа ин боиси садамаҳо бо оқибатҳои вазнин мегардад” [66, с. 361].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ то ҳол ба сифати объекти ҷинояти мазкур эътироф намудани амнияти ҷамъиятиро баъзе аз олимон тарафдорӣ менамоянд. Чунончӣ, О.В. Фунин ҳангоми содиршавии ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил пеш аз ҳама муносибатҳои таъминкунандаи тартиби муқарраршудаи истифодаи воситаи нақлиёт, ки ба сарчашмаи хатари калондошта мансуб мебошад, халалдор мешаванд, танҳо баъд муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи аз ҷониби соҳибмулк амалисозии ваколатҳои худ [156, с. 20]. Ба андешаи А. Коробеев шахси ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро содиркунанда дар як вақт ба маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ таҷовуз менамояд. Аммо, зарар асосан ба амнияти ҷамъиятӣ, мушаххасан ба бехатарии ҳаракат ва истифодаи воситаи нақлиёт (ба унсури амнияти ҷамъиятӣ) расонида мешавад [116, с. 179].

А.И. Узденов хулосабарорӣ намуда, иброз медорад, ки объекти бевоситаи асосии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмин намудани амнияти ҷамъиятӣ, объекти иловагӣ муносибатҳои моликиятӣ дар шакли дилхоҳ, объекти иловагии факултативӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмини амнияти саломатии шахсият ҳисоб мешаванд [155, с. 23-24]. В.Н. Бурлаков андеша дорад, ки дар қарори аз 9 декабри соли 2008 “Дар бораи таҷрибаи судӣ аз рӯй парвандаҳои марбут ба вайрон намудани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаи нақлиёт, инчунин ғайриқонуни ҳай карда бурдани онҳо” модда 166 КҶ ФР-ро дохил намуда, Пленуми Суди Олии ФР қонунгузорро огоҳ намудааст, ки мавқеи ин модда дар КҶ ФР нодуруст муайян шудааст. Ин модда на дар боби 21 КҶ ФР дар бораи ҷиноятҳо ба муқобили моликият, балки бояд дар боби 27 (Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт) ҷойгир бошад [109, с. 126].

Албатта инкор намудан мумкин нест, баён медоранд Г.В. Касянова ва А.С. Медвеская “рабудани воситаи нақлиёт ба манфиатҳои моликиятӣ зарар мерасонад, чунки автомобили рабудашуда муваққатан ғайриқонунӣ аз соҳибӣ ва истифодаи молик дур мемонад. Аммо на ин муносибатҳо табиати ҳуқуқии ҷинояти мазкурро муайян месозанд. Ба ҷамъият хавфнокии рабудани воситаи нақлиёт на аз он вобаста аст, ки ҳангоми содир шудани он таҷовуз ба муносибатҳои моликиятӣ ҷой дорад, балки аз он бармеояд, ки ҳангоми ин ҷиноят ҳолати истифодаи беназоратии воситаи нақлиёт ба вуҷуд омада, муносибатҳо дар соҳаи амнияти истифодабарии нақлиёт халалдор мегарданд”.

Ба назари мо, андешаҳои олимони зикршуда бо сабаби он ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт на дар ҳамаи ҳолатҳо бо халалдор сохтани амнияти ҷамъиятӣ вобаста мебошад, қобили қабул буда наметавонад. Агар дар чунин мавврид халалдор гаштани амнияти ҷамъиятӣ сурат гирад, меъёрҳои дигари қонуни ҷиноятӣ, ки ба

сифати объекти асосии онҳо амнияти ҷамъиятӣ баромад менамоянд, истифода мешаванд, яъне дар чунин ҳолат маҷмуи ҷиноятҳо ҷой дорад. Оид ба андешаҳои баёншуда дар бораи он ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бояд дар қатори ҷиноятҳои нақлиётӣ ҷойгир шавад, чунин баён медорем, ки барои ба боби 23 КҶ ҶТ “Ҷиноятҳо ба муқобили бехатарии ҳаракат ва истифодаи нақлиёт” дохил намудани ҷинояти мазкур зарур аст, ки ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт ба муносибатҳои ҳифзшавандаи ин боб, яъне ба муносибатҳои таъминкунандаи амнияти истифодаи нақлиёт зарар расонад ё таҳдиди расонидани зарарро ба вуҷуд орад. Ҷинояти мазкур метавонад ба чунин объект таҷовуз оварад, аммо он объекти асосӣ ҳисоб намешавад. Чунки амнияти истифодаи нақлиёт на ҳама вақт дар натиҷаи рабудани воситаи нақлиёт зарар мебинад.

Аз ин сабаб бештар ақидаи гуруҳи дуюми олимон қобили қабул мебошад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиётро ба гуруҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликият дохил намуда, объекти намудии онро муносибатҳои моликиятӣ эътироф менамоянд [111, с. 102]. Чунки меъёри м. 166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) пеш аз ҳама барои ҳифз намудани муносибатҳои моликиятӣ равона шудааст [139, с. 19]. Ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиётро содир намуда гунаҳгор худи ҳолати мансубияти неъматҳои моддиро (автомобил ё дигар воситаи нақлиёт) халалдор месозад, ки ин ҳангоми муайян намудани моҳият ва мазмуни муносибатҳои ҷамъиятии ба сифати объекти ҷинояти мазкур баромадкунанда нақши аввалиндараҷа дорад [127, с. 51] .

Ба андешаи Н.А. Лопашенко низ аз сабаби он ки ҳангоми ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт чунин ваколати молик ба монанди соҳиби кардан ба молу мули худ ҳама вақт халалдор мешавад, бинобар ин ҷойи ҷойгиршавии ҷинояти мазкур дар қатори ҷиноятҳо ба муқобили моликият дуруст мебошад [62, с. 97-98] .

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар боби 26 “Ҷиноятҳо ба муқобили моликият” ҷой гирифтааст, ки аз ин ҷо ба сифати объекти намудии он муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд. Ҳаноми ошкор намудани мафҳуми моликият дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бештари олимон нишон медиҳанд, ки асоси чунин мафҳумро бояд мафҳуми дар қонунгузории маданӣ додашаванда ташкил диҳад. Дар қ.1 м.279 Кодекси мадании ҶТ муайян шудааст, ки ҳуқуқи моликият ҳуқуқи қонунан эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект ҷиҳати ба салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани ашёе мебошад, ки ба он мансубанд. “Моликият мумкин аст ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ фаҳмида шавад, ки байни молик ва дигар аъзоёни ҷомеа оид ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани молу мулки ба ӯ мансуббуда ба вуҷуд меоянд” [89, с. 257].

Ҳамчун категорияи иқтисодӣ “моликият муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тақсимоти неъматҳои моддӣ ба ҳисоб меравад, ки барои қонеъ намудани талаботи фардӣ ё дастҷамъӣ ё барои амалӣ намудани фаъолияти истеҳсолӣ равона шудааст” [57, с. 387]. Ғайр аз ин моликият ҳамчун категорияи иқтисодиву ҳуқуқӣ низ маънидод шуда ба доираи объект ҳам фаҳмиши ҳуқуқӣ ва ҳам иқтисодии моликият дохил карда мешавад. Масалан, С.А. Елисеев объекти ҷиноятҳо ба муқобили моликиятро таҳлил намуда истода баён медорад, ки ҷиноятҳо ба муқобили моликият кирдорҳое ҳисоб мешаванд, ки ҳам ба муносибатҳои иқтисодӣ ва ҳам ба ваколатҳои молик зарар мерасонад. Онҳо ҳам тарафҳои воқеии муносибатҳои тавсифдиҳандаи мансуб будани объект ба субъекти муайян ва ҳам мазмуни ҳуқуқии ин муносибатҳоро халалдор месозанд [136, с. 27] .

Ба андешаи мо низ фаҳмиши иқтисодӣ-ҳуқуқии муносибатҳои моликиятӣ дар муайян намудани объекти намудии ғайриқонунӣ ҳай карда

бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бештар қобили қабул мебошад.

**Объекти бевоситаи ҷинояти** баррасишаванда аз ҷониби олимон ба таври гуногун маънидод мешавад. Масалан, ба андешаи Ю.С. Белик ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар он зоҳир мегардад, ки ҷинояткор муносибатҳоро доир ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани ин намуди молу мулк халалдор месозад. Бинобар он муносибатҳои моликиятӣ объекти бевоситаи асосии ин ҷиноят ба ҳисоб меравад, ки он дар ҳама ҳолатҳои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт зарар мебинад [131, с. 34]. Объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф "муносибатҳои ҷамъиятии бо молики мушаххас ё соҳиби автомобил ё дигар воситаи нақлиёт алоқамандбуда ҳисоб мешавад" [127, с. 51].

Хусусияти объекти ҷинояти м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) дар он аст, ки "ҳуқуқи моликиятӣ ҳангоми содир шудани чунин кирдорҳои барои ҷамъият хавфнок на ба пуррагӣ, чӣ тавре ҳангоми тасарруф ҷой дорад, балки қисман ва асосан ҳуқуқи соҳибӣ кардан халадор мешавад" [142, с. 63].

А.В. Комаров низ хусусияти объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро дар он мебинад, ки ҷинояти мазкур аз се танҳо ба ду ҳуқуқи институти ҳуқуқи моликиятиро ташкилдиҳанда- соҳибӣ ва истифода таҷовуз менамояд. Ҳуқуқи интиёрдорӣ кардан халалдор намегардард, ки аз ин мавҷуд набудани мақсади тасарруф дар таркиби мазкур шаҳодат медиҳад [139, с. 20].

Андешаҳои дигар низ дар мавриди объекти бевоситаи ҷинояти мазкур иброз шудаанд. Масалан, объекти бевоситаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмин намудани тартиби муқарраршудаи истифодаи

воситаи нақлиёт, ки сарчашмаи хавфи калондошта мебошанд, эътироф мешавад [111, с. 102]. Баён мегардад, ки “гунаҳгор ҷинояти мазкурро содир намуда танҳо чунин ваколати моликро ба монанди ҳуқуқи истифодаи воситаи нақлиёт халалдор месозад” [65, с. 231]. Ба андешаи А.И. Бойсов низ ҳангоми рабудани воситаи нақлиёт таҷовуз танҳо ба ҳуқуқи истифодабарии он сурат мегирад, ки аз ин ҷой надоштани мақсади тасарруф дар таркиби ҷинояти мазкур шаҳодат медиҳад [26, с. 267].

Д.В. Сухомлинов ин мавқеъро ишғол намуда чунин меҳисобад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт метавонад, танҳо ба чунин манфиат, ба монанди истифода бурдани воситаи нақлиёт вобаста ба таъиноти он таҷовуз намояд [154, с. 37].

Ба чунин андешаҳо пурра розӣ будан мушкил аст. Зеро чи тавре С.М. Кочои иброз медорад, “зарурати махсус ҷудо кардани тартиби истифодаи воситаи нақлиёт ба сифати объекти бевоситаи ҷинояти мазкур ҷой надорад” [46, с. 168]. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт онро ифода мекунад, ки гунаҳгор воситаи нақлиёти ғайрро рабуда истода нисбати он ҳуқуқи моликиятӣ надорад, воситаи нақлиёт дар соҳибии қонунии ӯ қарор надорад, ба ӯ аз рӯйи хизмат вобаста нашудааст ва ӯ ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудан ба онро соҳиб нест.

Ба андешаи мо ба сифати объекти бевоситаи ҷинояти мазкур эътироф гаштани муносибатҳо доир ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани воситаи нақлиёти мушаххас бештар қобили қабул мебошад. Чунки ҳангоми содир шудани ҷинояти мазкур молик амалан муваққат бошад ҳам ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани моликияти худро аз даст медиҳад. Новобаста аз муваққатан аз ҷониби молик аз даст додани имконияти соҳибӣ ва ихтиёрдорӣ намудан ба воситаи нақлиёт ҳуқуқҳои моликиятии ӯ халалдор мешаванд.

Ҳуқуқи соҳибӣ имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи амалигардонии воқеии доштани ашё мебошад (қ.2 м.279 Кодекси мадании ҶТ). Ба сифати

соҳиби қонунӣ ба ғайр аз молики воситаи нақлиёт мумкин аст шахсони дигар, ки нақлиёт дар асоси ваколатнома, шартномаи иҷора ё нигаҳдорӣ ва ғайра дар ихтиёрӣ онҳо мебошад, баромад намоянд.

"Ҳуқуқи истифодаи ашё бошад ин имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи аз ашё ба даст овардани хосиятҳои табиии фоиданоки он ва ҳамчунин аз он фоида гирифтан аст. Фоида метавонад ҳамчун даромад, афзоиш, самара, насл ё шаклҳои дигар ба даст ояд" [3] (қ.3 м.279 Кодекси мадании ҶТ).

Молик метавонад ин ваколатро ҳамроҳ бо ҳуқуқи соҳибӣ ё бидуни он (масалан, дар асоси шартномаи бемузд истифодабарӣ ё иҷора) ба шахси дигар вогузор намояд.

Мутобиқи қ.4 м. 279 Кодекси мадании ҶТ "Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи муайян намудани тақдири ҳуқуқии ашё мебошад" [3].

"Ваколатҳои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ вобаста ба м.м.332, 337 Кодекси мадании ҶТ ба сифати объект инчунин дар ҳолатҳое эътироф мешаванд, ки вақте гунаҳгор ба молу мулки шахсе таҷовуз менамояд, ки гарчанде молики он ба ҳисоб наравад ҳам, вале чунин молу мулкро бо ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ, ҳуқуқи идораи оперативӣ соҳибӣ менамояд" [3].

Содир гаштани ҷинояти мазкур имконияти таҷовузро ба муносибатҳои дигар, ки ба **сифати объекти иловагӣ** баромад менамоянд истисно намесозад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати объекти иловагии ҷинояти мазкур ҳолатҳои гуногун номбар мешаванд. Масалан, А.А. Шербаков ба сифати объекти иловагӣ ба амнияти ҷамъиятӣ, тартиби муносибат бо воситаи нақлиёт, ҳуқуқи моликиятӣ дар фаҳмиши мушаххаси он, яъне муваққатан маҳрум намудан аз чунин ҳуқуқ, ки бо зарар расонидан ё ҳатто несту нобуд намудани воситаи нақлиёт алоқаманд мебошад, ҳаёт, саломатӣ ва дахлнопазирии ҷисмии одамон ишора менамояд [100, с. 816-818].

Н.В. Лаптева объекти иловагии ҷинояти мазкурро-ҳаёт ва саломатии инсон меҳисобад [142, с. 7].

А.В. Комаров муносибатҳои ҷамъятӣ дар соҳаи таъмин намудани амнияти ҷамъиятиро ба сифати объекти иловагии ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт эътироф месозад [139, с. 17].

Ба андешаи Л.Р. Аветисян муносибатҳои ҷамъиятии саломатӣ ва амнияти шахсият, саломатӣ ва амнияти ҳаёти ҷабрдидаро таъминкунанда объекти иловагии ҷинояти мазкур ҳисоб мешаванд [127, с.15].

Ба андешаи мо объекти иловагии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф муносибатҳои ҷамъиятие, ки дахлнопазирии шахсият, саломатии ӯро таъмин менамоянд, дар ҳолати б “в” қ.2 м.252 КҶ ҶТ; муносибатҳои таъминкунандаи саломатӣ ва амнияти ҳаёти ҷабрдида нисбат ба б “в” қ.3 м.252 КҶ ҶТ баромад карда метавонанд.

**Дар мавриди бандубаст намудани ҷинояти мушаххас предмети ҷиноят нақши муайянро мебозад.**

“Предмети ҷиноят он чизи муайяни мавҷуда аст, ки бо бевосита таъсиррасонӣ ба он ҷинояти мушаххас содир карда мешавад” [96, с. 98].

Предмети ҷиноят ашёҳои модии олами беруна мебошанд, ки ба онҳо ҷинояткор бевосита таъсир расонида, таҷовузи ҷинояткоронаи худро ба объекти дахлдор амалӣ намудааст [99, с. 81].

Ҷудо намудани предмети ҷиноят ҳамчун аломати таркиби ҷиноят пеш аз ҳама барои муқаррар намудани сарҳади аниқ ҳангоми бандубасти кирдори мушаххаси барои ҷамъият хавфнок зарур мебошад. “Предмет нақши муҳимро ҳангоми ҳалли чунин масъалаҳо ба монанди муайян намудани моҳияти объекти ҷиноят, механизми расонидани зарар, андозаи зарари расонидашуда ва ғайра иҷро менамоянд” [27, с. 52].

Предмети ҷиноят на дар ҳар як ҷиноят мавҷуд аст, балки он дар ҷиноятҳое ҷой дорад, ки таҷовузи ҷинояткорона ба объекти ҷиноят

тавассути бевосита расонидани таъсир ба предметҳои олами моддии беруна ба амал бароварда мешавад.

Предмет танҳо дар диспозитсияи баъзе меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ба сифати аломатии ҳатмии таркиби ҷиноят пешбинӣ шудааст.

Ба зумураи чунин ҷиноятҳо, ки дар он предмет аломати ҳатмӣ мебошад, аз ҷумла ҷинояти дар м.252 КҶ ҶТ муқарраршуда дохил мешавад.

Зеро барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар намуда истода, қонунгузор дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ ба сифати предмети ин ҷиноят автомобил ё дигар воситаҳои нақлиётро номбар намудааст.

Аммо ҳангоми бандубасти ҷинояти мазкур, агар муайян намудани мафҳуми "автомобил" одатан ягон мушкилотро ба вуҷуд наоварад ҳам дар муайян намудани дигар воситаҳои нақлиёт баъзе мушкилиҳо ҷой доранд.

Дар Қарори худ Пленуми Суди Олии ҶТ кӯшиш намудааст ин ҳолатро бартараф созад, ки дар он чунин тавзеҳот дода шудааст: Таҳти мафҳуми дигар воситаҳои нақлиёт, ки барои ҳай карда бурдани онҳо бидуни мақсади тасарруф бо моддаи 252-и КҶ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст, бояд воситаҳои нақлиёти механикӣ (троллейбусҳо, тракторҳо, мототсиклҳо, дигар мошинҳои худгард бо муҳаррики сӯзиши дарунӣ ё баркӣ, катерҳо, завраққҳои муҳаррикдор) фаҳмида шаванд (б. 20 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" аз 18 декабри соли 2009 №28) [168, с. 115].

Ба назари мо, чунин тавзеҳот нопурра мебошад, зеро:

1. Мафҳуми воситаҳои нақлиёт беасос маҳдуд карда шудааст;
2. Он масъалаи дигареро низ ба миён меорад – оё воситаи нақлиёт механикӣ ба ҳисоб меравад ё не.

Барои ҳалли ин масъала мақомоти ҳуқуқтатбиқкунанда одатан ба м.212 (Вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи нақлиёт) КҶ ҶТ мурочиат менамоянд, ки мувофиқи эзоҳи он "Таҳти мафҳуми дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ дар моддаи мазкур трактор, дигар мошинҳои худгард, троллейбус, инчунин мототсикл ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ дар назар дошта шудааст". Вале дар эзоҳи мазкур маҳдудияти истифодаи мафҳуми дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ танҳо нисбати моддаи 212 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, яъне чунин мафҳум танҳо барои моддаи мазкур тааллуқ дорад.

Бинобар ин, чунин мешуморем, ки дар ҳолати бамиёномада мафҳуми дигар воситаҳои нақлиёт бояд вобаста ба меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ муайян карда шавад. Мутобиқи Қонуни ҶТ "Дар бораи ҳаракат дар роҳ" аз 17 майи соли 2018 [7] "зери мафҳуми воситаи нақлиёт воситае фаҳмида мешавад, ки барои бо роҳҳо интиқол додани одамон, бор ё таҷҳизоти дар болои он васлшуда таъйин шудааст" [7]. Таърифи ба ин монанд дар б 3 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, № 323 тасдиқ шудааст [6] ҷой дорад. Дар эзоҳ ба қ.4 Қодаҳои бақайдгирии ҳодисаҳои роҳу нақлиёт, ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 1 апрели соли 2008 №172 тасдиқ шудааст, номгӯи пурраи воситаҳои нақлиёт оварда шудааст, ки мутобиқи он "ба воситҳои нақлиёт автомобилҳо, мототсиклҳо, мотороллерҳо, мотоаробаҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ, ки ҳаҷми кории муҳаррикашон зиёда аз 50 см$^3$ аст, инчунин трамвайҳо, троллейбусҳо, тракторҳо ва дигар механизмҳои худҳаракат, аробаҳо (ба истиснои аробаҳои ҳайвоноти боркаш ва саворӣ) дохил мешаванд" [6].

Мафҳуми **"воситаҳои нақлиёти механикӣ"** аз лиҳози мазмунӣ нисбат ба **"воситаҳои нақлиёт"** доираи маҳдудтар дорад, зеро мувофиқи Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, он ҳамчун **"воситаи нақлиёте, ки тавассути муҳаррик ба ҳаракат даровардa мешавад,** муайян шудааст. Ин истилоҳ инчунин ба

тракторҳо, мошинҳо ва механизмҳои худгард, ҳамчунин троллейбусҳо ва воситаҳои нақлиёти дорои муҳаррики барқӣ, ки суръати ҳаракати конструктивии онҳо зиёда аз 50 км-соат аст, татбиқ мегардад” [6].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи муайян намудани **дигар воситаҳои нақлиёт** баҳснок боқӣ мемонад [91, с.249]. Зеро, аввалан, дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ қонунгузор талаб накардааст, ки воситаи нақлиёт ҳатман бояд механикӣ бошад. Дуюм, мафҳуми ягонаи **"воситаҳои нақлиёт"** дар санадҳои меъёрӣ ба таври возеҳ муайян нашудааст.

Масалан, Ю.М. Ткачевский баён менамояд, ки “аз сабаби он ки дар м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) сухан дар бораи на воситаҳои нақлиёти механикӣ, балки дар бораи умуман воситаҳои нақлиёт меравад, бинобар ин ҳавола кардан ба эзоҳи м.264 КҶ (м.212 КҶ ҶТ) ғалат ба ҳисоб меравад” [77, с. 210-211].

Аз нуқтаи назари Г.В. Верина предмети ҷинояти дар м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) муқарраршуда бо воситаҳои нақлиёти механикӣ маҳдуд намешавад ва аз ҷониби қонунгузор истифода шудани ибораи “воситаҳои дигари нақлиёт” имконият медиҳад, ки воситаҳои нақлиёт ба сифати предмети таркиби ҷинояти мазкур бе маҳдуд намудани он танҳо бо воситаҳои нақлиёти механикӣ васеътар фаҳмида шавад [28, с. 150-151] . Ба андешаи муаллифи мазкур м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) зарур аст, ки бо эзоҳи зер пурра карда шавад: “Зери мафҳуми дигар воситаҳои нақлиёт дар ҳамин модда воситаҳои нақлиёти механикӣ ва ҳам воситаҳои нақлиёти ғайримеханикӣ, ки воситаҳоеро ифода менамоянд, ки барои бо роҳҳо интиқол додани одамон, бор ё таҷҳизоти дар болои он васлшуда таъйин шудааст” [28, с. 150-151] .

Ҳамчунин А.И. Коробеев баён менамояд, ки кӯшиши баъзе мутахассисон дар маҳдуд намудани предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт, танҳо бо намуди воситаҳои нақлиёти механикӣ, ки ба қонун асос наёфтааст ва аз ҷониби амалияи судӣ қобили

қабул нестанд [45, с. 200-201]. Дар баробари ин муаллиф пешниҳод дорад, ки предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан дар сатҳи қонунгузорӣ бояд танҳо ҳамчун воситаҳои нақлиёти механикӣ мустаҳкам шавад.

Л.Д. Гаухман ба предмети ҷинояти баррасишаванда пешниҳод менамояд, ки "намуди дилхоҳи воситаи нақлиёти механикии рӯизаминӣ, инчунин ҳайвонот, ки ба сифати воситаи нақлиёт истифода мешаванд, дохил гардад" [31, с. 213].

Ба сифати предмети ҷинояти мазкур эътироф намудани ҳайвонот, ки ба сифати воситаи нақлиёт истифода мешаванд, қобили қабул буда наметавонад.

А.И. Бойсов ба ғайр аз предметҳои дар моддаи мазкур номбаршуда (автомобил ва дигар воситаҳои нақлиёт) ба сифати предмети ҷинояти м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) инчунин чунин намудҳои нақлиётро номбар менамояд: мотосиклҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти механикии бо он баробаркарда шуда; нақлиёти барқии шаҳрӣ (трамвай, тролейбусҳо); тракторҳои дилхоҳ (тасмчарха,чархдор); дигар мошинҳои худгард, яъне бо муҳаррики алоҳида таҷҳизонидашуда, аз ҷумла дилхоҳ мошинҳои роҳӣ, сохтмонӣ, хоҷагии қишлоқ, борбардор ва дигар мошинҳои худгард (экскаваторҳо, кранҳои борбардор, мошинҳои борбардор, булдозерҳо, комбайнҳо, мошинҳои мумфаршкунанда ва ғайра); мошинҳои ҷангӣ ва мошинҳои нақлиётии Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ ва дигар мақомоти махсус. Ғайр аз ин, муаллиф баён менамояд, ки барои воситаҳои нақлиёти зикршуда бояд ба шартҳои зерин ҷавобгӯ бошанд: 1) худгард бошанд, яъне бо муҳаррики худмухтори қувваи кории на камтар аз 50 сантиметри кубӣ ё намудҳои дигари муҳаррики (барқӣ, химиявӣ, газӣ ва ғ-ра) дорои чунин тавоноӣ ба ҳаракат даровarda шаванд; 2) бо қонунгузории маданӣ вобаста ба тавоноии техникии худ манбаи хавфи баланд дошта эътироф шаванд; 3) бақайдгирии онҳо дар мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ ё қайди дигари махсуси онҳо шарт бошад;

4) барои идора намудани онҳо расидан ба синни муайян (одатан 16-солагӣ) талаб карда шавад; 5) объектҳое ба ҳисоб раванд, ки тартиби ҳаракат ва истифодабарии онҳо тавассути қоидаҳои махсуси ҳаракат дар роҳ ва дигар санадҳои идоравӣ ба танзим даровarда мешавад [26, с. 740].

Аксарияти олимон ақидаеро ҷонибдорӣ менамоянд, ки мувофиқи он предмети ҷинояти м.252 КҶ ҶТ автомобил ва дигар воситаҳои роҳии нақлиёти механикӣ ба ҳисоб меравад [67, с. 445].

Масалан, ба андешаи И.А. Клепитский ва С.М. Кочои ҳангоми ҷинояти мазкур сухан дар бораи танҳо воситаҳои нақлиёти механикӣ меравад, дар акси ҳол дар ин бора қонунгузор дар матни м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) бевосита ишора менамуд [47, с. 150].

Мо чунин меҳисобем, ки предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт танҳо воситаҳои нақлиёти механикӣ эътироф мешаванд ва ин дар м.252 КҶ ҶТ бояд бевосита мустаҳкам карда шавад.

Дар Қарори худ Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" аз 18 декабри соли 2009 №28 зикр мешавад, ки мутобиқи банди 1.2-и Қоидаҳо ба воситаҳои механикии нақлиётӣ мопедҳо ва дигар воситаҳои нақлиёте, ки бо муҳаррики дорои қувваи кории на зиёдтар аз 50 сантиметри кубӣ ба ҳаракат дароварда шуда, суръати ниҳоии конструктивии он на бештар аз 50 км-соат аст, инчунин велосипедҳои дорои муҳаррикҳои шинондашуда, моникҳо ва дигар воситаҳои нақлиёте, ки дорои чунин тавсифҳо мебошанд, дохил намешаванд (б.2) [168, с. 111].

Аммо чунин тавзеҳоти Пленуми Суди Олӣ то андозае куҳна шуда ба матни ҷойдоштаи б.3 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ мувофиқат намекунад. Дар матни қаблии Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ мопедҳо ба воситаҳои нақлиёти механикӣ шомил намешуданд. Аммо дар ҳолати кунунӣ чунин

маҳдудият вуҷуд надорад. Тибқи Қоидаҳои амалкунандаи ҳаракат дар роҳ, мопед воситаи нақлиёти механикӣ маҳсуб мешавад, ки тавассути муҳаррики ҳаҷми кориаш то 50 $см^3$ ба ҳаракат дароварда шуда, суръати максималии конструктивии он тибқи тавсифномаи техникӣ аз 40 км-соат зиёд нест. Ба гурӯҳи мопедҳо велосипедҳо бо муҳаррики овеза, мокикҳо ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ бо тавсифи техникии шабеҳ низ дохил карда мешаванд.

Велосипедро метавон бо муҳаррик низ таҷҳизонид. Тибқи таъриф, он воситаи нақлиётест (ба истиснои аробачаҳои маъюбӣ), ки бо қувваи мушакии шахс ё шахсони савор дар он ба ҳаракат даровarda мешавад. Аммо ба мақсад мувофиқ будани ҷавобгарии ҷиноятӣ масалан барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани велосипед шубҳаовар мебошад.

Дигар воситаҳои нақлиёт аз ҷумла автомобилҳои махсус эътироф мешаванд, ки на танҳо вазифаи “нақлиёт”-ро балки инчунин дигар вазифаҳоро иҷро менамоянд. Ба онҳо дохил мешавад: мошинҳои хоҷагии қишлоқ (масалан, комбайнҳо), мошинҳои роҳсоз (мумфаршкунанда, заминҳамворкунанда), мошинҳои боркунанда (масалан автокран) ва ғайра.

Воситаҳои нақлиёти механикӣ бояд худгард бошанд, яъне муҳаррики худмухтор дошта бошанд. Воситаҳои нақлиёте, ки бо муҳаррик таҷҳизонида нашудаанд (велосипедҳо, аспу ароба ва ғайра) воситаи нақлиёти механикӣ ҳисобида намешаванд.

Дар амалияи судӣ ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои гуногуни нақлиёт ба чашм мерасад. Аммо бештар ба чунин сифат автомобил баромад менамояд.

Амалияи судӣ аз рӯйи м.252 КҶ ҶТ ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани ҳама гуна воситаҳои нақлиёти механикиро бандубаст менамояд, ки онҳо ба чунин мафҳуми дар Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ мутобиқат мекунанд.

Парвандаҳои ҷиноятии мавриди омӯзиш қарордодаи мо (200 парванда) нишон дод, ки ба сифати предмети ҷиноят дар ҳама ҳолат танҳо

автомобил баромад намудааст. Дар таҷрибаи судӣ мо ҳолатҳои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани дигар воситаҳои нақлиётро пайдо накардем.

Камбудие, ки ҳангоми бандубасти ҷиноят аз рӯйи м.252 КҶ ҶТ ҷой дорад аз он иборат аст, ки чи мақомоти тафтишот ва чи судҳо ҳангоми баровардани ҳукм бе мушаххасгардонии предмети ҷиноят ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ишора менамоянд. Масалан, дар ҳукми суди ноҳияи Фирдавсии ш. Душанбе чунин омадааст, ки "суд дар маҷмуъ ба хулоса омад, ки кирдори судшаванда А.У.-ро бо қ.1 м.252 КҶ ҶТ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил **ё дигар воситаҳои нақлиёт** бидуни мақсади тасарруф бандубаст менамояд" [176] . Дар ҳукми дигар низ новобаста аз он ки ба сифати предмети ҷиноят танҳо автомобил баромад намудааст, суд ҳангоми бандубасти ҷиноят, инчунин ба аломати "ё дигар воситаи нақлиёт" ишора намудааст[179].

Яъне судҳо ва мақомоти тафтишот кирдорҳои шахсро аз рӯйи м.252 КҶ ҶТ дуруст бандубаст намуда, вале аломати **"ё дигар воситаи нақлиёт"-**ро барзиёд нишон медиҳанд, ки ин ба бандубасти кирдори мушаххас мувофиқат намекунад.

Ба сифати предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан мопедҳо (бо муҳаррики дорои қувваи кории на зиёдтар аз 50 сантиметри кубӣ ва суръати ниҳоии конструктивии на бештар аз 50 км-соат), велосипедҳо, завраққҳои белдор, аспу ароба ва ғ-ра дохил намешаванд.

Ҳангоми муайян намудани предмети м.252 КҶ ҶТ инчунин ба доираи предмети он дохил намудани баъзе аз воситаҳои нақлиёти обӣ низ пайдо мешавад. Пленуми Суди Олии ҶТ ба сифати предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ҳам воситаҳои нақлиёти автомобилӣ ва ҳам баъзе аз воситаҳои нақлиёти обӣ ба монанди катерҳо, завраққҳои муҳаррикдорро дохил намудааст. Аксарияти олимон низ чунин мавқеро ҷонибдорӣ намуда чунин меҳисобанд, ки киштиҳои хурдҳаҷм (завраққҳои муҳаррикдор,

мотоботҳо, катерҳо, яхтаҳо бо муҳаррикҳои овезон) метавонанд ба сифати предмети ҷинояти мазкур баромад намоянд, зеро намудҳои зикршудаи киштиҳои худгард бо мафҳуми "воситаҳои нақлиёти механикӣ" фарогир мебошанд [114, с. 42].

Аммо ба андешаи А.И. Коробеев дар м.211 КҶ ФР (м.184 КҶ ҶТ) ягон маҳдудият нисбати категорияи нақлиёти обӣ ва субъекти ин ҷиноят муқаррар нашудааст. Бинобар ин, ягон асос нест, ки мафҳуми ягонаи воситаҳои нақлиёти обӣ ба қисмҳо ҷудо карда шуда, як қисми чунин воситаҳо ҳамчун ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани киштӣ аз рӯйи м.211 КҶ (м.184 КҶ ҶТ) ва қисми дигари он аз рӯйи м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) бандубаст карда шавад [45, с. 218].

Ба андешаи мо, агар воситаи нақлияти обии хурдҳаҷм дар ҳолатҳое, ки вазифаи воситаи нақлиёти роҳиро иваз намояд, дар чунин мавридҳо бандубаст аз рӯйи м.252 КҶ ҶТ асоснок ба назар мерасад.

Ҳамин тавр, ба сифати предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт, ки ҷавобгарӣ барои он дар м.252 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, автомобил ва дигар воситаҳои нақлиёти механикӣ баромад менамояд, ки дорои қувваи кории зиёдтар аз 50 сантиметри кубӣ мебошанд, ки ин бояд бевосита дар меъёри мазкури қонуни ҷиноятӣ зикр шавад.

Ҳамин тавр объект ва предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиётро таҳлил намуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Объекти хелии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёт эътироф мешавад.

2. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар боби 26 "Ҷиноятҳо ба муқобили моликият" ҷой гирифтааст, ки аз ин ҷо ба сифати объекти намудии он муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд.

3. Эътироф кардани муносибатҳо вобаста ба **соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ** намудани воситаи нақлиёти мушаххас ҳамчун **объекти бевоситаи** ин ҷиноят бештар асоснок ба назар мерасад. Зеро дар натиҷаи содир шудани ҷиноят, молик, ҳатто муваққатан ҳам бошад, аз ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории моликияти худ маҳрум мегардад.

4. Объекти иловагии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф муносибатҳои ҷамъиятие, ки дахлнопазирии шахсият, саломатии ӯро таъмин менамоянд (дар ҳолати б “в” қ.2 м.252 КҶ ҶТ); муносибатҳои таъминкунандаи саломатӣ ва амнияти ҳаёти ҷабрдида (нисбат ба б “в” қ.3 м.252 КҶ ҶТ) баромад карда метавонанд.

5. Мафҳуми **"воситаҳои нақлиёти механикӣ"** аз лиҳози мазмун нисбат ба **"воситаҳои нақлиёт"** доираи маҳдудтар дорад, зеро тибқи Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, он ҳамчун **"воситаи нақлиёте, ки тавассути муҳаррик ба ҳаракат дароварда мешавад"** муайян гардидааст. Ин истилоҳ инчунин ба **тракторҳо, мошинҳо ва механизмҳои худгард**, ҳамчунин **троллейбусҳо ва воситаҳои нақлиёти дорои муҳаррики barқӣ**, ки суръати максималии конструктивии онҳо аз 50 км-соат зиёд аст, татбиқ мегардад.

6. Мо чунин меҳисобем, ки предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт танҳо воситаҳои нақлиёти механикӣ эътироф мешаванд ва ин дар м.252 КҶ ҶТ бояд бевосита мустаҳкам карда шавад.

7. Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28 тавзеҳ дода шудани мафҳуми воситаҳои механикии нақлиётӣ ба б.3 Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, № 323 тасдиқ шудааст, мувофиқат

намекунад. Бинбар ин зарур аст, ки банди мазкур ба Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 18 декабри соли 2009 №28 мувофиқ гардонида шавад.

**2.2. Тарафи объективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф**

Тарафи объективии ҷиноят ин тарафи зоҳирии кирдори ба ҷамъият хавфнок мебошад. “Ин амалест, ки дар олами объективӣ таҷассум ёфта, ба объекти аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзкунанда зарар мерасонад ё чунин таҳдидро ба миён меорад” [97, с. 128]. Тарафи объективии ҷиноят аз кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ), оқибати барои ҷамъият хавфнок ва аз робитаи сабабии байни кирдор ва оқибати барои ҷамъият хавфнок иборат аст.

Тарафи объективии ҷинояти дар м.252 КҶ ҶТ муқарраршуда ҳамчун ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт муайян шудааст. Ҳамин тавр қонунгузор танҳо як аломати тарафи объективӣ-ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиётро номбар намудааст.

Аломати ҳатмии ҷиноят эътироф намудани ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ин ғайриқонунӣ анҷом додани чунин ҳаракат ба ҳисоб меравад. Ғайриқонунӣ будани хусусиятҳои ҳаракати гунаҳгор дар он ифода меёбад, ки ӯ ягон ҳуқуқи қонунӣ, воқеӣ ё эҳтимолӣ ё иҷозат барои истифода бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиётро надорад. Ғайриқонунӣ будани ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт, пеш аз ҳама, дар ҷой надоштани иҷозат барои истифода намудани воситаи нақлиёти молик, инчунин соҳиби қонунии он, ифода мегардад.

А.И. Шербаков аломати ғайриқонунро на танҳо тавассути қонуни ҷиноятӣ, балки бо санадҳои дигари меъёрӣ муайян намудааст [100, с. 829]. Дар ҳақиқат ғайриқонунӣ будани ҳай карда бурдан аз як тараф бо м.252 КҶ ҶТ аз тарафи дигар пеш аз ҳама бо қонунгузории маданӣ муқаррар

мешавад. Дар м. 252 ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ба таври умумӣ инъикос ёфтааст. Аз меъёри мазкур танҳо он чӣ равшан аст, ки ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад воситаи нақлиётро бе асосҳои қонунӣ ба он ҳай карда барад. Дар баробари ин аз м. 252 КҶ ҶТ маълум нест, ки чунин ҳаракатҳо маҳз чиро халалдор месозанд. Ин тавассути муроҷиат кардан ба қонунгузории маданӣ маълум мешавад. Мутобиқи м.232 Кодекси мадании ҶТ танҳо молик ҳуқуқ дорад молу мулки худро соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намояд. Молик ҳақ дорад мутобиқи салоҳдиди худ нисбати молу мулкаш ҳама гуна амалро раво бинад, аз ҷумла онро ба дигар шахс фурӯшад, худ молик монаду ҳуқуқҳояшро дар мавриди соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани молу мулк ба онҳо вогузорад, молу мулкро ба иҷора диҳад ва аз он бо усули дигар истифода барад ё онро ба тарзи дигар ихтиёрдорӣ кунад.

Ба андешаи О.В. Фунин ғайриқонунӣ аз руйи мазмуни м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) бояд аз ду тараф фаҳмида шавад: аз тарафи объективӣ ва ҳам тарафи субъективӣ. Аз лиҳози тарафи объективӣ он мутобиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ маданӣ муайян карда мешавад, ки муносибатҳои моликиятиро ба танзим медароранд. Шахс дар ҳолатҳои зерин қонунӣ идора менамояд: воситаи нақлиёт ба ӯ аз рӯйи ҳуқуқи моликиятӣ мансуб мебошад; воситаи нақлиёт ба ӯ бовар карда супорида шудааст; воситаи нақлиёт дар ихтиёри ӯ мебошад.

Ба даст овардани воситаи нақлиёт ғайриқонунӣ ҳисоб мешавад, агар дар шахс ягон ваколати истифодабарӣ, соҳибӣ ё ихтиёрдорӣ намудани он мавҷуд набошад. Дар ҳолатҳое ки субъект ба воситаи нақлиёти рабудашаванда ягон муносибат дошта бошад, хусусияти баҳои ҳуқуқии ба даст овардани воситаи нақлиёт аз ваколатҳои субъекти мазкур нисбати чунин воситаи нақлиёт вобаста мегардад [156, с. 63-64].

Ғайриқонунӣ бояд на танҳо бархилофи ирода ва хоҳиши молик ё шахси дигари автомобил ё дигар воситаи нақлиёт дар ихтиёраш буда,

рабуда шавад, балки он инчунин хусусияти ройгон дошта бошад [127, с. 60].

Ба сифати аломати ҷинояти мазкур ҷудо намудани аломати ройгон ба андешаи мо асоснок ба ҳисоб намеравад. Ройгон аломати барои тасарруф хос буда аз мазмуни м.252 КҶ ҶТ ҳатмӣ будани чунин аломат барнамеояд.

В.В. Хилюта ба хулоса меояд, ки ҳангоми ҳай карда бурдан ғайриқонунӣ ба даст овардан бо чунин аломатҳо тавсиф мегардад:

а) гунаҳгор воситаи нақлиёти ғайрро ба даст меорад, ки он ба ҳуқуқи моликияти шахсии ӯ мансуб нест ва дар соҳибии қонунии ӯ қарор надорад, яъне вобаста ба хизмат ба ӯ вобаста нашудааст ва ӯ ҳуқуқ надорад ба он ихтиёрдорӣ намояд; б) гунаҳгор воситаи нақлиётро бархилофи тартиби муқарраршудаи роҳ додан барои идора намудани он ба даст меорад; в) гунаҳгор воситаи нақлиётро бархилофи иродаи молик ё дигар шахсе, ки ҳуқуқи идора намудани онро дорад ба даст меорад [124, с. 36] .

Ба андешаи мо ҳолати охирин элементи ҳолати дуюм ба ҳисоб меравад, яъне роҳ додан барои идора намудани воситаи нақлиёт маҳз бо иродаи шахси ваколатдор ё дахлдор оғоз мегардад.

Барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт мутобиқи м.252 КҶ ҶТ аъзоёни оилаи соҳиби воситаи нақлиёт, инчунин шахсоне, ки ба онҳо соҳиби нақлиёт қаблан истифода бурдани онро иҷозат дода буд, ҳатто агар чунин нафарон воситаи нақлиётро дар ғоибӣ ё бе иҷозати соҳиби воситаи нақлиёт ҳай карда баранд ҳам ҷавобгарии ҷиноятӣ ба вуҷуд намеояд. Ин бо он асоснок мегардад, ки чунин нафарон аз ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолии худ ба истифодаи воситаи нақлиёт бармеоянд.

Дар қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри 2009

№28 омадааст, ки “ Бе иҷозат ва худсарона ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт аз ҷониби аъзои оила, инчунин шахсе, ки ронандаи воҳидии он мебошад, таркиби ин ҷиноятро ташкил намедиҳад” (б.19) [168, с. 115].

**Вобаста ба гуфтаҳои боло мумкин аст аломатҳои зерини ба ғайриқонунӣ хос бударо барои таркиби ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ҷудо намуд: а) шахс на ҳуқуқи воқеӣ ва на ҳуқуқи эҳтимолӣ ба предмети ҷинояти мазкурро надорад; б) предмет набояд воқеан дар ихтиёри гунаҳгор бошад, чунки дар чунин ҳолат ҳаракатро ғайриқонунӣ ҳисобидан мумкин нест; в) ҷой надоштани иҷозат барои истифодаи молу мулк аз тарафи шахсе, ки нақлиёт дар ихтиёраш мебошад.**

Мутобиқи қонунгузории амалкунанда ҳуқуқи моликиятӣ ба автомобил ё дигар воситаи нақлиёт аз лаҳзаи бастани шартномаҳои ҳуқуқи маданӣ (хариду фурӯш, мубодила, ҳадия ва ғайра) ба вуҷуд меояд (м. 288 Кодекси мадании ҶТ).

Ҳамин тавр ғайриқонунӣ ҳамчун аломати тарафи объективии ҷинояти мазкур, ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти ғайрро ифода мекунад, яъне воситаи нақлиёт барои гунаҳгор бегона буда, ӯ ҳуқуқи истифода намудани онро надорад. Қонунгузор дар м.252 КҶ ҶТ махсус зикр накардааст, ки воситаи нақлиёт бояд барои гунаҳгор бегона (ғайр) бошад. Дар моддаҳои дигар м.м. 244,245, 247-250 КҶ ҶТ, ки бо м.252 КҶ ҶТ дар як боб қарор гирифтаанд, қонунгузор нишон додааст, ки предмети ҷиноят – молу мулки ғайр мебошад. Барои риоя намудани низом ва пайдарҳамӣ қонунгузор мебоист, аз ҷумла дар м.252 КҶ ҶТ низ ба моликияти ғайр будани предмети он ишора менамуд.

Калимаи “ғайр” вобаста ба молу мулк мазмуни “бегона”-ро ифода мекунад [164]. Дар адабиётҳо низ ишора мешавад, ки молу мулки ғайр молу мулке эътироф мешавад, ки дар ҳуқуқи моликиятӣ ё соҳибии қонунии гунаҳгор қарор надорад [154, с. 57]. Н.А. Лопашенко илова менамояд, ки

дар баробари ин дар шахси гунаҳгор бояд на танҳо “ ҳуқуқи моликиятӣ ё соҳибии қонунӣ”, балки аломатҳои “шахси қонунан воситаи нақлиёти мазкурро идоракунанда (масалан, ронанда)” ҷой надошта бошад [61, с. 391].

Ба андешаи мо бояд як ҳолати дигарро ба инобат гирифт. Мутобиқи б.9 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004, №3 “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ” нишон дода шудааст, ки “ҳаракатҳои ғайриқонуние, ки барои гирифтани молу мулки ғайр бе мақсаҳои ғаразнок, балки, масалан, бо мақсади муваққатан истифода бурдану минбаъд ба соҳибмулк баргардонидан ё ин ки бинобар ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ доштан ба ин молу мулк, равона карда шудаанд, таркиби ҷинояти дуздӣ, қаллобӣ ё ғоратгариро ташкил намедиҳанд. Бо назардошти ҳолатҳои кор, чунин ҳаракатҳо, ҳангоми ҷой доштани асосҳо, бояд бо моддаи 334 КҶ ҶТ ва дигар моддаҳои КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд” [168, с. 37]. Ба даст овардани воситаи нақлиёт низ бе мақсади тасарруф мумкин аст вобаста ба ҳуқуқи эҳтимолии гунаҳгор ба он содир шавад.

Ҳамин тавр, хулоса кардан мумкин аст, ки воситаи нақлиёти ғайр-чунин воситаи нақлиёте мебошад, ки он дар моликияти гунаҳгор ё соҳибии қонунӣ, истифодабарӣ ё ихтиёрдории ӯ қарор надорад ва нисбати он ҳуқуқи эҳтимолӣ низ ҷой надорад. Ба таври дигар воситаи нақлиёти ғайр воситае ба ҳисоб меравад, ки нисбати он гунаҳгор ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ низ надорад.

Вобаста ба ин **пешниҳод мешавад, ки дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ калимаи “ғайр” нисбат ба автомобил ё дигар воситаи нақлиёт илова карда шавад. Чунки аломати “ғайриқонунӣ” бештар ба худи предмети ҷиноят мансуб буда ифодагари он аст, ки воситаи нақлиёт ба гунаҳгор тааллуқ надорад, барои ӯ бегона мебошад. Дар акси ҳол масалан, бе шаҳодатномаи ронандагӣ, дар ҳолати мастӣ ва ғайра ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти**

**худ низ мумкин аст расман, ҳамчун “ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт...” маънидод шавад.**

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёте, ки дар моликияти умумӣ қарор дорад, баъзе хусусиятҳои худро доро мебошад. Мутобиқи м.324 Кодекси мадании ҶТ молу мулк метавонад бо муайян намудани саҳми ҳар яке аз молик ба ҳуқуқи моликият (моликияти ҳиссагӣ) ё бидуни муайян намудани чунин саҳм (моликияти якҷоя) таҳти моликияти умумӣ қарор гирад.

“Молу мулке, ки таҳти моликияти ҳиссагӣ қарор дорад, тибқи созиши ҳамаи иштирокчиён ва дар сурати муяссар нагардидани созиш бо тартиби муайяннамудаи суд соҳибӣ ва истифода карда мешавад (қ.3 м.324 Кодекси мадании ҶТ). Вобаста ба ин аз ҷониби иштирокчии моликияти ҳиссагӣ ба даст даровардани воситаи нақлиёт бо вайрон намудани созиш ё тартиби муайяннамудаи суд ғайриқонунӣ ба ҳисоб меравад” [3] .

Мутобиқи м.325 Кодекси мадании ҶТ “иштирокчиёни моликияти якҷоя, агар дар созишномаи онҳо тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, молу мулки умумиро бо розигии мутақобила соҳибӣ ва истифода мекунанд.

Молу мулки таҳти моликияти якҷоя қарордошта бо розигии ҳамаи иштирокчиён, сарфи назар аз он ки кадоме аз иштирокчиён оиди ихтиёрдории молу мулк аҳдҳо анҷом додааст, ихтиёрдорӣ карда мешавад.

Ҳар як иштирокчии молу мулки якҷоя ҳақ дорад оид ба ихтиёрдории молу мулки умумӣ, агар дар шартномаи ҳамаи иштирокчиён тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад, аҳдҳоро анҷом диҳад. Аҳди ихтиёрдорӣ кардани молу мулки умумӣ, ки яке аз иштирокчиёни моликияти якҷоя анҷом додааст, метавонад бо талаби иштирокдорони дигар бо ангезаи ваколати зарурӣ надоштани иштирокдоре, ки аҳдро анҷом додааст, танҳо дар сурати исбот гардидани он, ки тарафи дигари аҳд дар ин хусус

медонист ё мебоист донад, беэътибор дониста шавад” [3] (қ.3 м.325 Кодекси мадании ҶТ).

Ҳамин тавр, ба даст овардани воситаи нақлиёт аз ҷониби иштирокчии молу мулки якҷоя, танҳо дар ҳолати вайрон намудани шартнома мумкин аст ғайриқонунӣ шуморида шавад.

Аломати дигари тарафи объективии м.252 КҶ ҶТ ин ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт (рабудан) ба ҳисоб меравад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ба таври гуногун муайян мешавад. Таҳлили адабиётҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ нишон медиҳад, ки аксарияти олимон чунин мешуморанд, ки “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан аз ду ҳаракати пайдарҳам содиршаванда таркиб ёфтааст: ба даст овардани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ва ҷойивазнамоии он” [140, с. 29].

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ин ғайриқонунӣ ба даст овардан мебошад, ки мумкин аст ҳам бо усули зӯроварӣ ва ҳам бе истифодаи зӯроварӣ содир шавад [127, с. 58].

Баъзе олимон мафҳуми ғайриқонунӣ ронда бурданро тавассути мафҳуми истифодабарӣ ошкор менамоянд. Масалан, И.Я. Козаченко чунин андеша дорад, ки ғайриқонунӣ ронда бурдан ин ғайриқонунӣ муваққатан истифода намудани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бо мақсади ғаразнок ё дигар мақсадҳо бе розигии молик ё соҳиби дигари он ба ҳисоб меравад [73, с. 387].

Ба андешаи мо чунин мавқеъ баҳснок буда ба мазмуни м.252 КҶ ҶТ мувофиқат намекунад, зеро дар он ба таври алоҳида ҷой надоштани мақсади тасарруф нишон дода шудааст. Бинобар ин дар ҳолатҳои ҷой доштани чунин мақсад кирдор мумкин аст аз рӯйи моддаҳои шаклҳои алоҳидаи тасарруфро пешбинисозанда бандубаст карда шавад.

П.С. Матишевский менависад, ки “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ин қасдона, ғайриқонунӣ ниҳонӣ, ошкоро ё бо истифодаи зӯроварӣ ба даст

овардани воситаи нақлиёт барои истифода бурдан ба манфиатҳои худ... мебошад” [65, с. 232] .

Л.Д. Гаухман ва С.В. Максимов низ чунин мешуморанд, ки агар гунаҳгор хусусиятҳои фоиданокии молу мулки ғайриқонунӣ нигоҳдорандаашро истифода набарад ғайриқонунӣ ба даст овардан ҷой надорад [31, с. 144].

А.В. Комаров баён менамояд, ки ба сифати аломати ҳатмии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан сайр кардан (яъне истифодаи хусусиятҳои фоиданоки молу мулки ғайриқонунӣ нигоҳдошташаванда) тавассути воситаи нақлиёт шарт мебошад [139, с. 33-34].

Н.В. Плохова низ нишон медиҳад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан бо ғайриқонунӣ ҷойивазнамоӣ дар воситаи нақлиёт (бо воситаи нақлиёт) алоқаманд аст [121, с. 42].

В.П. Пантелеев зери мафҳуми сайр кардан, ба ҳаракат даровардани воситаи нақлиёти рабудашаванда бо ёрии муҳаррики дар он пайвастшударо мефаҳмад. Тамоми дигар усулҳои ҷойивазнамоии воситаи нақлиёт аз ҷойи қарордошт, масалан кашола карда бурдан, тела кардан ва ғайра аломати сайр карданро надоранд ва бинобар ин бояд ҳамчун суиқасд ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан бандубаст шаванд [70, с. 37].

Чунин андешаҳоро зери танқид қарор дода Н.А. Лопашенко менависад, ки мувофиқи таъинот истифода бурдан мумкин аст дар ҳолатҳои алоҳида ҷой надошта бошад. Масалан, нақлиёти ғайр ба ҷойи дигар мумкин аст кашола карда бурда шавад бо мақсади ба дӯстони худ намоиш додани “нақлиёти худ” бе мақсади минбаъд низ мувофиқи таъинот истифода накардани он. Дар чунин ҳолат барои инкор намудани мавҷуд набудани ғайриқонунӣ ба даст овардан (ғайриқонунӣ ронда бурдан) асос ҷой надорад [43, с. 392]. Чунин мавқеъро олимони дигар низ тарафдорӣ намуда менависанд, ки бурдани воситаи нақлиёт аз ҷойи қарордошти он

мумкин аст бо усули дилхоҳ содир шавад: бо ёрии муҳаррик, кашола карда бурдан, дастӣ ҷойивазнамоии воситаи нақлиёт ва ғайра [43, с. 397].

А.И. Узденов чунин мешуморад, ки зери мафҳуми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ва амалӣ намудани сайр дар он ё ҷойивазнамоии он бо усули дилхоҳ аз ҷойи қарордод фаҳмида мешавад [155, с. 103] .

А.И. Коробеев чунин меҳисобад, ки тарафи объективии ҷиноят аз маҷмуи ду ҳаракати бо ҳам алоқаманд иборат мебошад: худсарона ғайриқонунӣ ғасб намудани воситаи нақлиёт (ба даст овардани он) ва сайр кардан дар он [45, с. 201].

Олимони дигар низ ба ҷой доштани маҷмуи ду ҳаракат ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ишора менамоянд. Масалан, ба андешаи С.В. Краснобаев чунин ҳаракатҳо аз гирифтани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт аз ҷойи ҷойгиршавии он ва бархилофи иродаи молик ё дигар соҳиби қонунии он муваққатан истифода намудани воситаи нақлиёт иборат мебошад [140, с. 34].

Л.В. Иногамова-Хегай нишон медиҳад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан аз чунин ҳаракатҳо иборат аст, ба даст овардан, яъне ғасби автомобил ё дигар воситаи нақлиёти ғайр ва табдил додани он ба соҳиби муваққатии гунаҳгор бар хилофи иродаи молик ва ҷойивазномии минбаъдаи воситаи нақлиёт аз руйи хатти интихобшуда [89, с. 42].

Баъзе олимон чунин мешуморанд, ки ғасби воситаи нақлиёт аз ба даст овардан бо он фарқ менамояд, ки танҳо ҳангоми ғасб намудан шахс имконияти ба даст овардани воститаи нақлиётро таъмин карда наметавонад, яъне бо назари худ истифода намудани онро; ба даст овардан бошад бе ғасби пешакӣ имконнопазир мебошад [143, с. 38].

А.А. Шербаков тарафи объективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро тавсиф дода истода баён медорад, ки он аз ҳаракатҳое

иборат мебошад, ки ҳангоми он гунаҳгор воситаи нақлиёти ба ӯ мансуб набударо ба даст меорад. Ба даст овардан дар чунин ҳолат на ғасби одии воситаи нақлиёт, балки чунин ғасбе мебошад, ки он бо ҷойивазнамоии воситаи мазкур дар фазо алоқаманд аст [98, с. 36].

Ба андешаи Т.М. Грекова “ҳар ду ибора ғайриқонунӣ будани ҳаракатро тавсиф медиҳанд, аммо дараҷаи ғайриқонунӣ будани онҳо мумкин аст гуногун бошад. Ба даст овардан мумкин аст ниҳонӣ ва бо роҳи фиреб бошад, ғасб бошад бо истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ ё руҳӣ ба ҷабрдида алоқаманд аст” [133, с. 68].

Гарчанде дар м.252 КҶ ҶТ дар фақият аз м.166 КҶ ФР ҳаракат дар намуди ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт нишон дода нашуда бошад ҳам, вале дар қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри 2009 №28 ибораи “ба даст овардани воситаи нақлиёт” ҳангоми тавзеҳи аломатҳои алоҳиди м.252 КҶ ҶТ истифода шудааст (масалан, б.21, 22,23 ).

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи таносуби байни мафҳумҳои “ғайриқонунӣ ба даст овардан” ва “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан” ҷудо карда мешавад. Ҳама мавқеи олимонро дар ин самт метавон ба се гуруҳ ҷудо намуд.

Муаллифоне, ки ба гуруҳи аввал дохил мешаванд, ҳангоми баррасии тарафи объективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт танҳо яке аз ин ибораҳоро истифода мебаранд. Масалан, Н.А. Лопашенко, ҳангоми тавсифи ҷинояти дар м.166 КҶ ФР (м. 252 КҶ ҶТ) муқарраргардида, ибораи "ғайриқонунӣ ба даст овардан"-ро шарҳ дода, онро ҳамчун иваз намудани худсаронаи молик ё соҳиби қонунии воситаи нақлиёт, ғасби он ва муқаррар намудани соҳибияти ғайриқонунии

худ тавзеҳ мекунад. [60, с. 67]. А.В. Комаров бошад, тарафи объективии ҷинояти мазкурро танҳо тавассути ибораи “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан” муайян месозад [139, с. 36].

Гуруҳи дуюми олимон нишон медиҳанд, ки ибораҳои баррасишаванда мазмуни якхела доранд. Аз ҷумла, Н.С.Свидлов ва А.С.Сенсов чунин мешуморанд, ки “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ин худ ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёти механикӣ ба ҳисоб меравад” [80, с. 42], [126, с. 50]. Ба моҳияти мафҳуми “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан” ва “ғайриқонунӣ ба даст овардан” қонунгузор мазмуни якхеларо гузоштааст [131, с. 47].

Гуруҳи сеюми олимон аз он бармеоянд, ки ибораҳои “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан” ва “ба даст овардан” мазмун ва моҳияти гуногун доранд. Масалан, В.И. Плохова ибораҳои мазкурро таҳлил намуда андеша дорад, ки ғайриқонунӣ ба даст овардан ва ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан мафҳумҳои баробармаъно нестанд. Ба даст овардан мумкин аст бидуни ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ҷой дошта бошад ва охирин мумкин аст бидуни ғайриқонунӣ ба даст овардан амалӣ шавад. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан бештар ба истифодаи воситаи нақлиёт мувофиқи хусусиятҳои истеъмолии он наздик мебошад: рафта расидан, бурда расонидан, чизеро бурдан. Ғайриқонунӣ ба даст овардани нақлиёт бошад ин муваққатан қисман соҳиб шудан ба воситаи нақлиёт ё муқаррар намудани назорат аз болои он ба ҳисоб меравад [121, с. 29].

Ба андешаи мо бештар мавқеи олимоне асосноктар мебошад, ки тарафи объективии ин ҷиноятро тавассути ибораи “ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт” тавзеҳ медиҳанд. Зеро барои ҳифзи воситаи нақлиёт ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият муҳим на ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, балки ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба он ба ҳисоб меравад.

Тарафи объективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан танҳо дар шакли ҳаракатҳои фаъолона зоҳир мегардад. Ба андешаи Л.Д.Гаухман,

С.В.Максимов ва А.А. Энгелгардт тарафи объективии ҷинояти баррасишаванда аз беҳаракатӣ содир шуданаш низ мумкин аст. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҳамчун беҳаракатӣ ин бархилофи муқаррароти қонун ё дигар санадҳои меъёрӣ ё шартнома муваққатан аз ҷониби гунаҳгор нигоҳ доштани воситаи нақлиёте мебошад, ки ба ӯ ба сифати гарав, нигоҳдорӣ, зери назорат, барои таъмир ва ғайра супорида шудааст [31, с. 143].

Бо чунин андеша албатта розӣ будан мушкил аст. Зеро қонунгузор дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ ибораи "ҳай карда бурдан"-ро истифода намудааст, ки он шакли беҳаракатиро истисно месозад.

Ба даст овардан ва ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан мафҳумҳои баробармаъно нестанд, баён менамояд Н.В.Лаптева. Ба даст овардан мумкин аст бе ҳай карда бурдан ва ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, мумкин аст бе ғайриқонунӣ ба даст овардан ҷой дошта бошад. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан бо истифода намудани воситаи нақлиёт аз рӯйи хусусиятҳои истеъмолии он наздиктар мебошад: савора рафта расидан, бурда расонидан, савора аз ҷое ба ҷое бурдан. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ин муваққатан соҳиб шудан ба воситаи нақлиёт ё муқаррар намудани назорат аз болои он барои сайр кардан ба ҳисоб меравад. Ба даст овардан бошад ин муваққатан соҳиб шудан ба воситаи нақлиёт ё муқаррар намудани назорат аз болои он мебошад [142, с. 16].

Дар м.252 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ танҳо барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт муқаррар шудааст. Барои "муваққатан соҳиб шудан ба воситаи нақлиёт ё муқаррар намудани назорат аз болои он" бошад КҶ ҶТ ҷавобгарӣ муқаррар накардааст. Вобаста ба ин Ю.С. Белик баён медорад, ки агар гунаҳгор ғайриқонунӣ ба воситаи нақлиёт барои гарм шудан, нишастан, истироҳат кардан аз ҳиссиёти авбошӣ ва ғайра дохил шавад, муносибатҳои моликиятӣ халалдор мешаванд, аз ҷумла ҳуқуқи соҳибӣ, истифода намудани чунин молу мулк. Бинобар ин

пешниҳод менамояд, ки ба КҶ моддаи алоҳида дар варианти зерин дохил карда шавад: Ғайриқонунӣ ба даст овардани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ва ҳай карда бурдан, яъне ҳаракатҳое, ки барои ғайриқонунӣ дохил шудан ба чунин воситаи нақлиёт ва (ё) барои истифодаи муваққатӣ қарор додани он [131, с. 54].

Ба андешаи мо зарурати ҷудо намудани моддаи алоҳида барои чунин кирдорҳо дар КҶ ҶТ ҷой надорад. Зеро ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти ғайр маҳз дар он ифода мегардад, ки воситаи нақлиёт аз як ҷой ба ҷойи дигар бурда мешавад, яъне аз доираи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молик берун мегардад. Дар ҳолатҳои зикршуда бошад чунин аломат ҷой надорад, яъне воситаи нақлиёт ба ҷойи дигар ҳай карда бурда намешавад. Худи ғайриқонунӣ дохил шудан ба воситаи нақлиёт бошад бе мақсади тасарруф ё ҳай карда бурдан агар он бо расонидани зарар ба автомобил ё дигар воситаи нақлиёт алоқаманд бошад, мумкин аст кирдор аз рӯйи м.255 КҶ ҶТ (Қасдан несту нобуд ё вайрон кардани молу мулк) ё м.237 КҶ ҶТ (Авбошӣ) бандубаст гардад. Дараҷаи ба ҷамъият хавфнокӣ танҳо ғайриқонунӣ дохил шудан ба воситаи нақлиёт бе расонидани зарар ба он то он сатҳе нест, ки онро мо ба сифати ҷиноят дар КҶ криминализатсия намоем.

Дар қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри 2009 омадааст, ки “ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз лаҳзаи аз ҷойи воқеъ буданаш ҳай кардан ё ин ки аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани он ҷиноят хотимаёфта дониста мешавад” (б.19). Дар баробари ин “ҳамчун суиқасд барои ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, кирдори қасдонаи шахсе эътироф карда мешавад, ки кӯшиши шикастани

қулф ё воситаҳои огоҳкунии муҳофизатиро кардааст, ё бе мақсади тасарруф муҳаррикро ба кор дароварда, ҳаракатро оғоз кардааст, аммо бо сабабҳои аз ин шахс вобастанабуда, то ба охир расонида нашуда бошад” [168, с. 116].

Д.В. Сухомлинов тавзеҳоти ба ин монанди Пленуми Суди Олии ФР-ро аз 9 декабри 2008 “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ба даст даровардани онҳо бидуни мақсади тасарруф” қобили қабул намешуморад, зеро ҳама гуна ҳаракати то оғози дохил шудан ба воситаи нақлиёт ҳанӯз иҷро намудани ҳаракатҳои бевосита барои содир намудани ҷиноят равонашуда, ки барои суиқасд ба ҷиноят хос мебошад, ҳисоб намешавад, балки он тайёрӣ барои ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ба шумор меравад. Дуюм, ҳама гуна ҳаракатҳое, ки то сайр кардан дар воситаи нақлиёт сурат мегирад, ҳамчун ҷинояти хотимаёфта баррасӣ шуданаш мумкин нест. Сеюм ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз лаҳзаи кашола карда аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани он хотимаёфта эътироф намешавад. Бояд сайр кардан дар он ҷой дошта бошад, ки дар ин маврид мавҷуд нест [154, с. 62].

Баъзе олимон чунин меҳисобанд, ки ҷиноят танҳо аз лаҳзае хотимаёфта шуморида мешавад, ки агар шахс воситаи нақлиётро идора намуда истода бо он сайр намояд, на ин ки онро бо ёрии қувваи ҷисмонии худ ба масофаи муайян кашола карда барад. Бинобар ин ба даст овардани чунин воситаи нақлиёт то лаҳзаи оғози сайр кардан тавассути он бояд ҳамчун суиқасд ба ҷинояти мазкур баррасӣ шавад [95, с. 28].

Барои хотимаёфта эътироф намудани таркиби ҷиноят зарур аст, ки субъект чунин ҳаракатро ба монанди сайр кардан дар воситаи нақлиёти ғасбшударо анҷом диҳад, ё дигар ҷойивазнамоии воситаи мазкурро аз ҷойи исташ амалӣ созад. Муҳлати сайр кардан ва давомнокии он барои

бандубаст аҳаммият надорад, ба шарте ки он аз мақсади табдил додани воситаи нақлиёт ба фоидаи худ ё шахсони сеюм шаҳодат надиҳад [155, с. 105-106].

Лаҳзаи хотимаёбии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бо оғози истифодаи воситаи нақлиёт аз рӯйи таъиноти бевоситаи он, яъне аз ибтидои ба ҳаракат даровардани он муайян карда мешавад [139, с. 39].

Ба андешаи муаллифони Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷинояти м.252 КҶ ҶТ “аз лаҳзаи ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт, яъне аз ҳисоби қувваи дохилии механикӣ ба ҳаракат даровардани он хотимаёфта эътироф мешавад. Масофаи ҳай карда бурдани автомобил ва ё дигар воситаҳои нақлиёт, инчунин, фосилаи вақти муваққатан истифода бурдани онҳо, барои бандубасти ҷиноят аҳаммият надорад” [83, с. 413].

Ба андешаи Ю.С. Белик ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз лаҳзаи ҷойивазнамоии ин воситаи нақлиёт аз ҷойи қарордодаш хотимаёфта эътироф мешавад. Дар баробари ин ба андешаи муаллифи мазкур масофаи ҷойивазнамоии воситаи нақлиёт муҳим мебошад ва он бояд масофаеро ташкил диҳад, ки баробар ба гардиши пурраи чархи мошин бошад [131, с. 13]. Чунин мавқеъ ба қонунгузорӣ мувофиқат намекунад, зеро он дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ тай намудани ягон масофаи мушаххасро пешбинӣ насохтааст.

А.А. Шербакова чунин мешуморад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан аз лаҳзаи бе иҷозати соҳиби воситаи нақлиёт ба ҳаракат даровардани он аз ҷойи ҷойгиршавиаш хотимаёфта ҳисоб мешавад. Аҳаммият надорад, ки ба кадом масофа бурдани воситаи нақлиёт дар фазо амалӣ шудааст [160, с. 42]. Муаллиф баён медорад, ки чунин муқаррарот танҳо ба майдонҳои ҳифзнашавандаи кушод хос мебошад.

Нисбати ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан аз майдонҳои ҳифзшаванда, гараж, анборхона, аз саҳни ҳавлӣ ва ғайра андешаи ӯ мухолиф мебошад.

Дар аввал А.А. Шербакова менависад, ки аз чунин ҷойҳо ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз лаҳзаи пурра берун намудани он аз ҳудуди дахлдор ё бинои дахлдор-гараж, сехҳо, анборхонаҳо ва ғайра хотимаёфта ҳисоб мешавад. Баъдтар қайд месозад, ки “аз лаҳзае, ки ҳадди ақал чархи пеши он аз чунин ҳудуд берун шавад” ин ҷиноят хотимаёфта эътироф мегардад. Ҳаракат кардан дар доираи чунин ҳудудҳо бошад “ҳангоми мавҷуд будани аломатҳои дигари зарурӣ чунин ҳаракатҳо мумкин аст ҳамчун суиқасд ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан баҳо дода шаванд”. Ғайриқонунӣ ҳай кардани воситаи нақлиёт бо нияти сайр кардан дар доираи чунин ҳудудҳо ҷиноят ҳисоб намешавад. [100, с. 825-826].

В.Малсев нишон медиҳад, ки агар воситаи нақлиёт дар ҳудуди ҳифзшаванда қарор дошта бошад (масалан, таваққуфгоҳ бо системаи рухсатномадиҳӣ) ҷиноят аз лаҳзаи баровардани воситаи нақлиёт аз чунин ҳудуд хотимаёфта ба шумор меравад [118, с. 12-15].

Н.А.Лопашенко чунин мешуморад, ки танҳо оғоз намудани баҳаракатдарорӣ барои хотимаёфта эътироф намудани ҷинояти мазкур кифоя нест. Зарур аст, ки гунаҳгор имконияти бемонеа, бо хоҳиши худ истифода намудани воситаи нақлиётро пайдо намояд [62, с. 106]. Бинобар ин дар ҳолатҳое, ки шахс мошини ғайрро ба кор даровarда тавассути он дар ҳудуди таваққуфгоҳ ҳаракат намуда, дар назди дарвозаи он ошкор шавад ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан хотимаёфта эътироф мешавад.

З.А. Незнамова низ андеша дорад, ки пурра ба даст даровардани имконияти воқеии ихтиёрдорӣ намудан ба воситаи нақлиёт барои таркиби мазкур ҳатмӣ намебошад [91, с. 324].

Ба андешаи мо вобаста намудани лаҳзаи хотимаёбии ҷинояти мазкур бо лаҳзаи дар гунаҳгор пайдо шудани имконияти ихтиёрдорӣ намудан ба нақлиёти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдашаванда аз руйи салоҳдиди худ бештар ба ҳолатҳои рабудани он аз ҳудудҳои муҳофизатшаванда хос мебошад, яъне агар ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз

ҳудуди ҳифзшавандаи ташкилот, корхона, муассиса, таваққуфгоҳ, аз саҳни ҳавлӣ ва ғайра содир шавад, пас ҷиноят то лаҳзаи аз чунин ҳудуд берун намудани воситаи нақлиёт хотимаёфта ҳисоб намешавад. Дар ҳолатҳое ки барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҳаракатҳои иловагӣ талаб карда намешавад (гузаштан аз назди муҳофизи таваққуфгоҳ, бартараф намудани монеаҳо, гузариш аз нуқтаҳои гуногуни иҷозатдиҳиву назоратӣ ва ғайра) ҷиноят аз оғози ҷойивазнамоии воситаи нақлиёт хотимаёфта эътироф мешавад.

Агар оғози ба ҳаракат даровардани воситаи нақлиёт аз ҳисоби муҳаррики ба он пайвастшуда аз ҷониби бештари олимон ҳамчун лаҳзаи хотимаёбии ҷинояти мазкур эътироф шавад, пас нисбати дигар усулҳои ба ҳаракат даровардани воситаи нақлиёт дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ ягонагӣ ҷой надорад.

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан аз лаҳзае хотимаёфта ҳисоб мегардад, ки вақте муҳаррики он ба ҳолати корӣ омода мешавад (ба кор дароварда мешавад) ва воситаи нақлиёти механикӣ тавассути он ба ҳаракат шуруъ мекунад. Ҳаракатҳое, ки бо дохил шудан ба воситаи нақлиёт алоқаманданд, тела кардан ё кашола карда бурдан амалӣ намудани қисми аломатҳои тарафи объективии ғайриқонунӣ ба даст даровардaнро ифода мекунад. Қисмати дигари аломатҳои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, ки аз сайр кардан дар нақлиёти рабудашуда иборат мебошад, маҳз бо ба ҳаракат даровардан тавассути муҳаррик вобастагӣ дорад. Ҳалли дигари масъалаи мазкур моҳияти ғайриқонунӣ ҳай карда бурданро халалдор месозад ва ҷудо намудани воситаи нақлиёти механикиро ба сифати предмети ягонаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан беасос мегардонад. Ҳамин тавр, хотимаёбии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан тавассути ба ҳаракат даровардани воситаи нақлиёт зери таъсири қувваи муҳаррики дар он пайвастшуда муайян мегардад [103, с. 323].

Ю.И. Ляпунов бошад чунин мешуморад, ки мафҳуми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан на танҳо ғайриқонунӣ сайр кардан бо худи он, балки интиқоли онро бо ёрии қувваи ҷисмонии ҷинояткор низ дар бар мегирад [63, с. 94].

Мавқеи олимоне, ки ғелонида бурдани воситаи нақлиётро бе ба кор даровардани муҳаррики он ҷинояти нотамом меҳисобанд, асоснок намешуморем. Чунки ҳам ҳангоми бо ба кор даровардани муҳаррик ронда бурдани воситаи нақлиёт ва ҳам тавассути ғелонида бурдани он воситаи нақлиёт аз соҳибии қонунии ҷабрдида берун монда суиқасд ба муносибатҳои ҷамъиятии моликиятӣ ба назар мерасад. Бинобар ин шубҳаовар аст, ки ғелонида ё тела карда бурдани воситаи нақлиёт дар чунин мавридҳо на ҷинояти хотимаёфта, балки ҳамчун суиқасд ба ҷиноят эътироф шавад. Ғайр аз ин дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ низ баён нашудааст, ки воситаи нақлиёт бояд ҳатман бо ёрии муҳаррики худ ҷой иваз кунонида шавад. Яъне мумкин аст, ба хулоса омад, ки Суди Олӣ имконияти бандубаст намудани тела карда бурдани воситаи нақлиётро тавассути қувваи ҷисмонӣ ё ба воситаи дигар кашола кардани онро ҳамчун ҷинояти хотимаёфта эътироф менамояд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳое иброз мешаванд, мувофиқи онҳо таркиби ҷинояти баррасишаванда моддӣ ҳисоб мешавад ва ҷиноят танҳо аз лаҳзаи фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок хотимаёфта эътироф мешавад. Масалан, А.А. Шербаков ба сифати оқибатҳои ҷинояти мазкур инҳоро нишон медиҳад: 1) тағйир ёфтани макони воситаи нақлиёт; 2) беадолатӣ, ки вобаста ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти ба гунаҳгор мансуб набуда бо вайрон намудани қоидаҳои иқтисоди бозоргонӣ ба вуҷуд меояд; 3) ба вуҷуд омадани садама; 4) дар натиҷаи садама расонидани зарар ба воситаи нақлиёт; 5) расонидани зарари дараҷаи гуногун ба саломатии ҷабрдида ва ба марг расонидани ӯ (дар ҳолати ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан бо

садамаи нақлиётӣ) [100, с. 831]. Агар ба оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ҳамчун аломати таркиби ҷиноят чунин баҳо диҳем, пас таркиби ҳама ҷиноятҳоро мо бояд таркиби моддӣ эътироф созем. Бинобар ин мо ба чунин андешаи А.А. Шербакова розӣ буда наметавонем. Ғайр аз ин ду ҳолати охирони аз ҷониби муаллифи мазкур ҷудошаванда ба ҳолатҳои вазнинкунандаи ҷинояти мазкур мансуб мебошанд ё ҷинояти алоҳидаи содиршуда ҳисоб мешаванд. Вобаста ба ин барои таркиби асосии ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт онҳо оқибати он ба шумор намераванд.

Беадолатӣ ҳангоми истифода намудани воситаи нақлиёти ғайр ба молик ё шахси дигар зарар намерасонад. Ин ҳолат танҳо кирдори барои ҷамъият хавфноки гунаҳгорро тавсиф дода, ба оқибати барои ҷамъият хавфнок мансуб намебошад.

Тағйир додани ҷойи воситаи нақлиёт албатта оқибати ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ба ҳисоб меравад. Вале он худ аз худ барои ҷамъият хавфнок нест ва зарари дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда ба ҳисоб намеравад.

Олимони дигар низ таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро ҳамчун таркиби моддӣ меҳисобанд, “чунки ҳангоми содиршавии ҷинояти мазкур предмети таҷовузи ҷиноятӣ аз соҳибии молик берун шуда, бо ҳамин воқеан муносибатҳои моликиятӣ халалдор мешаванд” [106, с. 76].

Ба андешаи мо таркиби ҷинояти қ.1 м.252 КҶ ҶТ-ро ҷинояти дорои таркиби моддӣ ҳисобидан асоснок намебошад. Чунки таркиби асосии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт расмӣ ба ҳисоб меравад, яъне қонунгузор лаҳзаи хотимаёбии ҷиноятро на бо фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, балки бо таҳдиди воқеии фаро расидани онҳо вобаста намудааст. Оқибатҳои барои ҷамъият хавфноки кирдор аломати иловагии тарафи объективии ҷинояти мазкур ба ҳисоб

мераванд. Он мумкин аст тағйиротҳои зараровареро дар бар гирад, ки дар натиҷаи истифодаи ғайриқонунии воситаи нақлиёт ба вуҷуд меоянд, масалан несту нобуд гардидани автомобил ё дигар молу мулк ва ғайра. Бандубасти ҷиноят дар чунин маврид вобаста ба б “а” қ.3 м.252 КҶ ҶТ ба вуҷуд меояд. Ҳангоми фаро расидани дигар оқибатҳои имконпазир масалан расонидани зарар ба саломатии ҷабрдида кирдор аз рӯйи б “в” қ.2 ё б “в” қ.3 м.252 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад.

Дар амалия ҳолатҳое рух доданашон мумкин аст, ки вақте пас аз содир намудани рабудани воситаи нақлиёт гунаҳгор воситаи нақлиёти рабудашударо ба ҷойи аввалааш бармегардонад. Чунон ҳаракатҳо оё ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят ба ҳисоб меравад? Аз сабаби он ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан дорои таркиби расмӣ мебошад ва аз лаҳзаи ба ҳаракат даровардани воситаи нақлиёт хотимаёфта эътироф мешавад, мумкин аст ба хулоса омад, ки ихтиёран даст кашидан аз ҷиноят дар чунин маврид ҷой надорад ва шахс ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Далели ихтиёран баргардонидани воситаи нақлиёт ҳамчун ҳолати сабуккунандаи ҷазо баррасӣ мешавад [156, с. 74].

Ба андешаи  Д.В. Сухомлинов таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро расмӣ шумаридан низ нодуруст мебошад.

Дар фаҳмиши дилхоҳи лаҳзаи хотимаёбии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ҷиноят дар ибтидои содир намудани ҳаракати дахлдор ба охир мерасад. Ба тарзи дигар  барои гунаҳгор аз нигоҳи ҳуқуқӣ хотимаёфта эътироф намудани ҷиноят зарур нест, ки ҳаракатҳои худро пурра ба охир расонад. Нопуррагии иҷрои ҳаракат (беҳаракатӣ) хоси таркиби ҷиноятҳои кӯтоҳкардашуда мебошад. Ҷиноят дар чунин ҳолат аз ибтидои содир намудани ҳаракат ё беҳаракатии барои ҷамъият хавфнок хотимаёфта ҳисоб мешавад. Бинобар ин таркиби

ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф кӯтоҳкардашуда мебошад [154, с. 68-69].

Дар таркиби кӯтоҳкардашуда, қонунгузор лаҳзаи хотимаёфта ҳисобидани ҷиноятро бо ҳаракатҳои тайёрӣ ё суиқасд ба ҷиноят алоқаманд мекунад [94, с. 98]. Дар таркибҳои расмӣ бошад тарафи объективии ҷиноят ба сифати нишонаи ҳатмӣ фақат кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) барои ҷамъият хавфнокро дохил менамояд, яъне ҷиноят аз лаҳзаи содир намудани ҳаракат ё беҳаракатӣ хотимаёфта эътироф мешавад. Дар таркиби м.252 КҶ ҶТ қонунгузор ба сифати аломати ҳатмӣ содир намудани ҳаракат- ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро муқаррар сохтааст. Барои хотимаёфта эътироф намудани он бояд гунаҳгор кирдорро дар намудани ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт анҷом диҳад. Дар ҳолатҳои ба пуррагӣ содир накардани ҳаракате, ки тарафи объективии ҷинояти мазкурро ташкил медиҳанд, масалан, кӯшиши шикастани қулф ё воситаҳои огоҳкунии муҳофизатӣ ё танҳо муҳаррикро ба кор даровварда, ҳаракати воситаи нақлиётро оғоз кардан, ҳамчун суиқасд ба ҷиноятӣ мазкур ба ҳисоб меравад.

Баъзе олимон чунин меҳисобанд, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҷинояти дарозмуддат ба ҳисоб меравад. Масалан, Г.Л. Кригер чунин андеша дорад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҷинояти дарозмуддат ба шумор рафта “новобаста аз давом ёфтани истифодаи нақлиёт он то даме идома меёбад, ки автомобил баргардонида нашавад ё ҳаракатҳои гунаҳгор қатъ карда нашаванд”.

Н.А.Лопашенко чунин мешуморад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз ҷиноятҳои “классикии” дарозмуддат фарқ менамояд. Дар онҳо ҳаракатҳои гунаҳгор нисбати ин ё он молу мулк равона нашудааст он танҳо бо кирдори ғайриқонунии шахс алоқаманд буда бо қатъ гардидани он ҷиноят низ қатъ мегардад. Дар ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан хусусиятҳои кирдор дигархелтар аст. Ҳаракатҳои

ғайриқонунӣ нисбати автомобил ё дигар воситаи нақлиёт содир шуда... то даме идома меёбад, ки гунаҳгор онро истифода мебарад. Ҳамин тавр, сарҳади объективии идома ёфтани ин ҷиноят ҷой дорад, ки дар муқоиса бо дигар таркиби ҷиноятҳои дарозмуддат ба давраи барвақттари хотимаёбӣ гузошта шудааст-ба лаҳзаи дастгир кардани шахс, ихтиёран омада ба гуноҳи худ иқрор шудан ё ба лаҳзаи монда рафтани воситаи нақлиёти рабудашуда [61, с. 395].

Бинобар ин бо андешаҳо оид ба он ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҷинояти дарозмуддат мебошад, розӣ шудан мушкил аст. Чунки мутобиқи тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ИҶШС аз 4 марти 1929 (бо тағйироту иловаҳо аз 14 марти 1963) " Дар бораи шартҳои татбиқ намудани гузаштани муҳлат ва авф ба ҷиноятҳои дарозмуддат ва давомдор" ҷинояти дарозмуддат "ҳаракат ё беҳаракатӣ эътироф мешавад, ки бо минбаъд ба муддати дурудароз иҷро накардани уҳдадории ба зиммаи гунаҳгор бо қонун бо таҳдиди таъқиби ҷиноятӣ гузошташуда вобаста мебошад" [165, с. 5]. Дар қ.6 м.19 КҶ ҶТ низ ҷиноятҳои дарозмуддат ҳамчун дар муддати дароз иҷро накардани уҳдадориҳое, ки хусусияти пайваста содир намудани таркиби як ҷиноятро дорад, муайян шудааст. Ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ба гунаҳгор чунин уҳдадориҳо гузошта нашудааст. Бинобар ин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро ҳамчун пайваста амалӣ намудани кирдор дар давраи ҷинояти хотимаёфта ҳисобидан асоснок намебошад.

**Аз таҳлили тарафи объективии ҷинояти мазкур ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:**

1. Пешниҳод мешавад, ки дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ калимаи "ғайр" нисбат ба автомобил ё дигар воситаи нақлиёт илова карда шавад. Чунки аломати "ғайриқонунӣ" бештар ба худи предмети ҷиноят мансуб буда ифодагари он аст, ки воситаи нақлиёт ба гунаҳгор тааллуқ надорад, барои ӯ бегона мебошад. Дар акси ҳол масалан, бе шаҳодатномаи

ронандагӣ, дар ҳолати мастӣ ва ғайра ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти худ низ мумкин аст расман, ҳамчун “ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт...” маънидод шавад.

2. Вобаста намудани лаҳзаи хотимаёбии ҷинояти мазкур бо лаҳзаи дар гунаҳгор пайдо шудани имконияти ихтиёрдорӣ намудан ба нақлиёти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдашаванда аз рӯйи салоҳдиди худ бештар ба ҳолатҳои рабудани он аз ҳудудҳои муҳофизатшаванда хос мебошад, яъне агар ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз ҳудуди ҳифзшавандаи ташкилот, корхона, муассиса, таваққуфгоҳ, аз саҳни ҳавлӣ ва ғайра содир шавад, пас ҷиноят то лаҳзаи аз чунин ҳудуд берун намудани воситаи нақлиёт хотимаёфта ҳисоб намешавад. Дар ҳолатҳое ки барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҳаракатҳои иловагӣ талаб карда намешавад (гузаштан аз назди муҳофизи таваққуфгоҳ, бартараф намудани монеаҳо, гузариш аз нуқтаҳои гуногуни иҷозатдиҳиву назоратӣ ва ғайра) ҷиноят аз оғози ҷойивазнамоии воситаи нақлиёт хотимаёфта эътироф мешавад.

3. Масофаи ронда бурдани воситаи нақлиёт, усулҳои содир намудани он барои бандубасти ҷиноят аҳаммият надорад. Ин мумкин аст ҳам сайр кардан бо воситаи нақлиёт тавассути ба кор даровардани муҳаррики он ва ҳам дилхоҳ усули ҷойивазкунии он, аз ҷумла тела карда бурдан, бо ёрии нақлиёти дигар интиқол додан ва ғайра бошад.

4. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан мумкин аст ҳам пинҳонӣ ва ҳам ошкоро бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё бо истифодаи зӯроварие, ки барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест содир шавад.

5. Ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт ин ҳай карда бурдани он ба ҳисоб меравад, ки зери он ҳаракатҳо оид ба муқаррар намудани назорат ва ҷойивазкунии воситаи нақлиёт аз ҷойи қарордоштааш тавассути усули дилхлоҳ фаҳмида мешавад.

## 2.3. Аломатҳои субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф

Субъекти ҷиноят унсури ҳатмии тамоми таркиби ҷиноятҳо ба ҳисоб меравад. Мутобиқи м.22 КҶ ҶТ субъекти ҷиноят танҳо шахси воқеии мукаллафе эътироф мешавад, ки ба синну соли муқаррарнамудаи КҶ ҶТ расидааст. Аз таърифи қонунгузорӣ муайян мешавад, ки субъекти ҷиноят бо аломатҳои зерин тавсиф мегардад: 1) ба чунин сифат танҳо шахси воқеӣ баромад карда метавонад; 2) шахс бояд мукаллаф бошад; 3) ба синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан расида бошад. Маҳз бо чунин аломатҳо унсури мазкури таркиби ҷиноят аз ҷониби аксарияти олимон муайян мешавад [69, с. 8]. Аломатҳои мазкури бо ном субъекти умумӣ барои дилхоҳ таркиби ҷиноят ҳатмӣ мебошад.

Масъала дар бораи муқаррар намудани мукаллаф будани шахс, яъне қобилияти ҳангоми содир намудани ҷиноят дарк намудани кирдорҳои худ ва роҳбарӣ намудан ба он ҳангоми ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт кам ба назар мерасад. Ин аз мураккабии тарафи объективии ҷинояти баррасишаванда вобастагӣ дорад, ки он фаъолияти нисбатан шадиди руҳиро ҳангоми содир намудани ин ҷиноят талаб менамояд. Вале дар ҳолатҳое, ки агар ҳолати руҳии шахс оид ба дарк намудани кирдор ва идора намудани он дар лаҳзаи содир намудани ҷиноят ягон шубҳаро ба вуҷуд орад, дар чунин маврид экспертизаи дахлдор таъин карда мешавад.

“Синну соле, ки аз лаҳзаи он ҷавобгарии ҷиноятӣ фаро мерасад-ин доираи вақти тақвимии дар қонуни ҷиноятӣ муқарраршудае мебошад, ки аз лаҳзаи таваллуди шахс то содир намудани ҷиноят гузашта ҳолати муайяни руҳиву ҷисмонии субъектро тавсиф медиҳад. Бо чунин ҳолат як қатор тағйиротҳои тиббӣ-биологӣ, иҷтимоӣ-руҳӣ ва ҳуқуқии шахсият вобаста мебошанд” [145, с. 17].

Мутобиқи м.23 КҶ ҶТ ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз синни 14-солагӣ ба вуҷуд меояд.

Аз синни 14-солагӣ муқаррар шудани ҷавобгарӣ барои ҷинояти мазкур дар адабиётҳои ҳуқуқӣ бо он асоснок мегардад, ки чунин кирдорҳо бештар дар байни наврасони 14-15-сола паҳн шуда, дар бисёр ҳолатҳо он бо вайрон намудани қоидаҳои бехатарии ҳаракат алоқаманд мебошад, ки дар натиҷа ба ҳаёт ва саломатии одамон зарар расонида мешавад. Ғайр аз ин, "бе ҷазо гузоштани категорияи мазкури шахсон, инчунин дар таҷриба мушкил будани исбот кардани мақсади рабудани воситаи нақлиёт мумкин аст ба гуруҳи ҷинояти барои содир намудани тасарруфи воситаи нақлиёт бо истифода аз чунин шахсон имкон диҳад" [137, с. 60].

Ҷинояти мазкур ба муносибатҳои моликиятӣ ва муносибатҳои таъминкунандаи бехатарии истифодаи воситаҳои нақлиёт ҳамчун объекти иловагӣ таҷовуз меоварад.

Одатан аллакай аз синни 14-солагӣ наврас бо расидан ба сатҳи муайяни инкишофи руҳӣ, ба даст овардани таҷрибаи ҳаёт қобилият дорад, ки аломатҳои воқеӣ ва ба ҷамъият хавфнокии кирдори худро дарк намуда ба аҳаммият ва оқибатҳои ҳуқуқии он сарфаҳм равад.

Субъекти м.252 КҶ ҶТ умумӣ мебошад, яъне шахси воқеии мукаллафи ба синни 14-солагӣ расида. Қонун ягон аломати дигари тавсифдиҳандаи гунаҳгорро муқаррар накардааст. Барои ҳама субъектони ин ҷиноят воситаи нақлиёти рабудашаванда бегона мебошад. Субъект нисбати он на ҳуқуқи воқеӣ ва на ҳуқуқи эҳтимолӣ надорад. Дар баробари ин агар нисбати субъекти тасарруфи воситаи нақлиёт дар байни олимон ягон хел мухолифати ҷиддӣ ҷой надошта бошад, пас нисбати доираи субъекти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани нақлиёт бидуни мақсади тасарруф андешаҳои гуногун баён мешавад: 1) ронандае, ки ба ӯ воситаи нақлиёт вобаста шудааст; 2) шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо

ва ташкилотҳо, ки функсияҳои ташкиливу амридиҳӣ нисбати воситаи нақлиёт амалӣ менамоянд; 3) шахсоне, ки вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти худ ба воситаи нақлиёт дастрасӣ доранд; 4) аъзоёни оила ва хешовандони наздики соҳиб ё истифодабарандаи воситаи нақлиёт.

Бештари олимон андеша доранд, ки "субъекти ин ҷиноят ронандае шуда наметавонад, ки бе иҷозат воситаи нақлиёти дахлдори ба ӯ вобасташударо рабудааст" [36, с. 64].

Чунин андешаро В.А.Зверяк тарафдорӣ накарда чунин меҳисобад, ки ҳуқуқи истифодаи воситаи нақлиёт дар ронанда танҳо дар ҳолатҳое пайдо мешавад, ки агар корхонаи нақлиётӣ ба чунин ронанда бо додани варақаи роҳхат ва дигар ҳуҷҷатҳои ҳамроҳикунанда барои истифодаи нақлиёт иҷозат диҳад. Бинобар ин чунин ронанда низ бояд субъекти ғайриқонунӣ ронда бурдани воситаи нақлиёт эътироф шавад [137, с. 62-63].

Дар ҳақиқат худсарона воситаи нақлиётро рабуда истода чунин ронанда ғайриқонунӣ амал менамояд ва аз доираи ваколатҳои худ мебарояд. Аммо воситаи нақлиёти мазкур барои ӯ бегона намебошад, бо он мазмуне, ки дар м.252 КҶ ҶТ муайян шудааст. Ҳамчун шахси нисбати воситаи нақлиёт ҷавобгарии моддӣ дошта ӯ ба муносибатҳои моликиятӣ нисбати воситаи нақлиёт таҷовуз наоварда, танҳо тартиби амалӣ намудани ҳуқуқи истифодаи воситаи нақлиётро, ки ба ӯ молик додааст, вайрон месозад. Бинобар ин чунин ҳаракатҳо бояд ҳамчун ҳуқуқвайронкунии интизомӣ баҳо дода шаванд [95, с. 55-56]. Агар бо чунин кирдор ба манфиатҳои шаҳрвандон, давлат ё манфиатҳои ҷамъиятӣ зарари ҷиддӣ расонида шуда бошад ҷавобгарӣ мутобиқи м.334 КҶ ҶТ фаро мерасад.

Инчунин дар ҳолатҳои худсарона бо мақсади ғаразнок истифода бурдани воситаи нақлиёт аз ҷониби ронандаи ба он вобасташуда ҳангоми ҷой доштани аломатҳои дахлдор бояд мутобиқи м.253 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, ки оид ба идоракунии фаврӣ, истифода ё ихтиёрдории воситаи нақлиёт ваколатҳои муайян доранд, субъекти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани чунин воситаи нақлиёт шуда наметавонад[9, с. 11].

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ чунин мисол оварда мешавад. Сардори колонияи нақлиётӣ Ш., дар ҳолати барои анҷом додани эҳтиёҷоти шахсии худ ҳай карда бурдани автомашинаи ба яке аз тобеони ӯ вобаста кардашуда аз ҷониби кормандони милитсия дастгир карда мешавад. Дар қарор дар бораи қатъ кардани парвандаи ҷиноят нишон дода шудааст, ки сардори колонаи нақлиётӣ Ш., ҳуқуқи ихтиёрдорӣ намудани воситаҳои нақлиёти колонияро дошт, бинобар ин ҳаракатҳои ӯ аломатҳои таркиби ҷиноятро надорад ва бояд ҳамчун ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ баррасӣ шавад [137, с. 64].

Аллбатта  чунин ҳолат дуруст баҳо дода шудааст. Зеро шахси мансабдори дахлдор нисбати воситаи нақлиёт на ҳуқуқҳои эҳтимолӣ, балки ваколатҳои ҳақиқӣ ва воқеии идоракунии фаврӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ намудани онро  дорад. Ба чунин шахсон роҳбарони ташкилотҳои нақлиётӣ, сардорони гараж, автоколонияҳо, сармуҳандисон ва механикҳо, шахсони вазифаҳои идоракуниро дар ташкилтҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳо анҷомдиҳанда дохил мешаванд.

Аз ҷониби чунин шахсони мансабдор истифода шудани воситаи нақлиёт аз рӯйи ангезаҳои ғаразнок ё дигар манфиатҳои шахсӣ вобаста ба ҳолатҳои кор мумкин аст мутобиқи м.314 КҶ ҶТ бандубаст гардад.

Шахсони дигаре, ки вобаста ба хусусиятҳои фаъолияти кории худ воситаи нақлиёт барои онҳо дастрас мебошад (ронандаи аз идораи воситаи нақлиёт дуркардашуда ё аз чунин ҳуқуқ маҳрумшуда, муҳофизҳо, челонгарҳо ва ғайра) ба андешаи баъзе аз олимон ба сифати субъекти ҷинояти баррасишаванда баромад менамоянд [30, с. 40], дигар олимон бошанд инро инкор месозанд [51, с. 142-144].

Пештар таҷрибаи судӣ чунин шахсонро субъекти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт эътироф наменамуд. Масалан, дар як ҳолат муҳофизи гараж [10, с. 8] ва дар дигар ҳолат челонгари идораи механикиро [10, с. 8], ки воситаи нақлиёти ғайрро барои сайр кардан истифода намудаанд суд субъекти ҷинояти мазкур эътироф накардааст.

Ба андешаи А.Безверхов субъекти ҷиноят бояд ҳуқуқи истифода ё ихтиёрдорӣ намудан ба воситаи нақлиятро надошта бошад, инчунин воситаи нақлиёт бо асосҳои дигар барои ӯ дастрас набошад [104, с. 28].

Ин ҷо ба андешаи мо бояд шахсонеро фарқ намуд, ки барои истифодаи нақлиёт ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ доранд ва шахсоне, ки вобаста ба фаъолияти корӣ танҳо воситаи нақлиёт барои онҳо дастрас мебошад. Муҳофиз, механикҳо, челонгарҳо, диспечерҳо ва ғайра маҳз ба категорияи дуюм дохил шуда онҳо ба воситаи нақлиёт ҳуқуқи идоракунии фаврӣ, ихтиёрдорӣ ё вазифаҳои ташкиливу амридиҳиро надоранд. Бинобар ин шахсони зикршуда аз доираи субъектони м.252 КҶ ҶТ истисно набуда мумкин аст, мутобиқи моддаи мазкур ба ҷавобгарӣ кашида шаванд.

Дар адабиётҳои солҳои охир дар бораи доираи субъектони м.252 КҶ ҶТ андешаҳои гуногун баён мешавад. Масалан, ба сифати субъекти ин ҷиноят шахсе, ки ба ӯ воситаи нақлиёт вобаста ба муносибатҳои меҳнатӣ бо ташкилотҳои нақлиётӣ ва дигар ташкилотҳо бовар карда супорида шудааст, инчунин шахси дорои ваколатномаи идора кардани воситаи нақлиёт баромад карда наметавонад, чунки чунин шахсон ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ намудан ба воситаи нақлиётро доранд [127, с. 17].

Ба андешаи мо чунин ҳолат қобили қабул намебошад. Чунки воситаи нақлиёт воқеан барои чунин шахсон бегона буда он нисбати чунин корманд мустаҳкам карда нашудааст; онҳо ваколати идоракунии фаврӣ ё ихтиёрдорӣ намуданро ба воситаи нақлиёт надоранд. Чунин шахсон танҳо функсияи хизматрасонӣ ё муҳофизиро иҷро менамоянд. Бинобар ин, шахсе,

ки ба воситаи нақлиёт вобаста ба фаъолияти кориаш дастрасӣ дорад, бояд субъекти ҷинояти баррасишаванда ҳисоб шавад.

Категорияи дигари шахсоне, ки ба сифати субъекти ҷинояти м.252 КҶ ҶТ эътироф шудани онҳо боиси баҳс қарор гирифтааст ин аъзоёни оила ва хешовандони наздики соҳиб ё истифодабарандаи воситаи нақлиёт мебошад.

Аксарияти олимон бар он ақидаанд, ки бе иҷозат ва худсарона ҳай карда бурдани автомобил ва дигар воситаҳои нақлиёт аз ҷониби аъзои оила, инчунин, шахсе, ки ронандаи штатии чунин автомобил мебошад, таркиби ин ҷиноятро ташкил намедиҳад [83, с. 574] ,[45, с. 111]..

Ин бо он асоснок мешавад, ки шахсони зикршуда ҳангоми содир намудани ҳаракатҳои худ аз доштани “ҳуқуққҳои эҳтимолӣ” [55, с. 104], “доштани ҳуқуқ” барои ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт амал менамоянд.

Масалан, ба андешаи А.И. Узденов аъзоёни оилаи соҳиби воситаи нақлиёти шахсӣ, ҳатто агар онҳо бе розигӣ ё иҷозати молик воситаи нақлиётро истифода намуда бошанд, барои рабудани воситаи нақлиёт ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида намешаванд [155, с. 141].

Гуруҳи дигари олимон бар он ақидаанд, ки аъзоёни оила ва хешовандони наздик танҳо дар ҳолатҳое ба сифати субъекти ҷинояти мазкур баромад карда наметавонанд, ки агар ба онҳо қаблан истифодаи нақлиёт иҷозат дода шуда бошад [80, с. 15], [126, с. 50]. Ҷой надоштани чунин иҷозат ҷавобгарии чунин шахсонро барои ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт истисно намесозад.

В.М. Хомич чунин зикр менамуд, ки аъзоёни оилаи соҳиби воситаи нақлиёт низ субъекти рабудани воситаи нақлиёт эътироф мешаванд. Чунки онҳо бидуни иҷозати аъзои дигари оила, ки воситаи нақлиёт ба ӯ мансуб мебошад, новобаста за муносибатҳои хешутаборӣ ҳуқуқи истифодаи онро надоранд. Инҷо байни аъзои оила ва шахсони бегона фарқияте нест, зеро

ҳар ду ҳолат барои сайр кардан бо воситаи нақлиёт аз қарори молики он вобастагӣ доранд [95, с. 34].

Чунин андешаро А.А. Шербаков тарафдорӣ намуда баён медорад, ки агар автомобил ба ҳуқуқи моликиятии якчанд нафар, масалан, зану шавҳар, дигар аъзоёни калонсоли оила, коргарони як бригада, ҳамсояҳо, саҳомони як ташкилот ва ғайра мансуб бошад, пас ҳар яке аз молик метавонад чунин воситаи нақлиётро танҳо ҳангоми розигии дигарон истифода барад. Ҷой надоштани чунин розигӣ ба истифодаи воситаи нақлиёт хусусияти ғайриқонунӣ рабуданро медиҳад [160, с. 66].

Ҳуқуқи моликиятӣ ба воситаи нақлиёт ба шахси мушаххас тааллуқ дорад, бинобар ин ҷавобгарии шахсони дигар аз ҷумла хешовандони наздик бояд аз ваколатҳое вобаста бошад, ки қаблан барои соҳибӣ ва истифодаи воситаи нақлиёти мушаххас пешниҳод шудааст.

Аъзоёни оила ва шахсони наздик субъекти ҷинояти мазкур шуда метавонанд, агар онҳо нақлиётро бе иҷозат истифода баранд, инчунин барои онҳо истифодаи нақлиёт манъ шуда бошад[158, с. 14-15].

Ба андешаи Н.А. Лопашенко низ шахсоне, ки ваколатҳои молик ё соҳиби дигари қонунии воситаи нақлиётро надошта, бо ӯ дар муносибатиҳои хешутаборӣ ё дӯстона қарор доранд ва қаблан воситаи нақлиётро чандин бор истифода намуда ба ин молик муқобил набаромадааст (масалан, фарзандони соҳиби нақлиёт ва рафиқони ӯ) [62, с. 109] субъекти ҷинояти м.252 КҶ ҶТ шуда наметавонанд.

Пеш аз ҳама бояд баён дошт, ки ба доираи чунин шахсон бояд танҳо он аъзоёни оила ва хешовандони наздике дохил шаванд, ки барои воситаи нақлиёт дар ҳақиқат ҳуқуқ доранд. Масалан, мутобиқи м.34 Кодекси оилаи Ҷумҳуруии Тоҷикистон "молу мулке, ки зану шавҳар дар давраи заношӯи ҷамъ кардаанд, моликияти муштараки онҳо мебошад. Даромаде, ки зану шавҳар дар натиҷаи фаъолияти меҳнатӣ, соҳибкорӣ ва зеҳнӣ ба даст овардаанд, нафақа, ёрдампулӣ ва пардохтҳои дигари пулии гирифтаашон,

ашёҳои харидаашон, қоғазҳои қиматнок, саҳмия ва ҳама гуна молу мулки манқул ва ғайриманқули дар давоми заношӯӣ ҷамъкардаашон, сарфи назар аз он, ки ба номи кадоме аз зану шавҳар харида шудааст (ё маблағ гузаронида шудааст), моликияти муштараки онҳо ҳисоб мешавад” [5] (м.34 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар **бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” низ тавзеҳ дода шудааст, ки** “бе иҷозат ва худсарона ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт аз ҷониби аъзои оила, инчунин шахсе, ки ронандаи воҳидии он мебошад, таркиби ин ҷиноятро ташкил намедиҳад” (б.19).

Бояд зикр намуд, ки мафҳуми аъзои оила дар Кодекси оилаи ҶТ бевосита дода нашудааст. Чунин мафҳум дар Кодекси манзили ҶТ омадааст, ки мутобиқи он “Ҳамсар, фарзандон, падару модар, бобо, бибӣ, наберагон ва аберагони молик, ки дар манзили истиқоматии молик бо ӯ доимӣ истиқомат мекунанд, аъзои оилаи молики манзили истиқоматӣ эътироф карда мешаванд” [4] (м.24).

Бинобар ин хешовандони дигар, ки ба аъзои оила мансуб намебошанд, барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

Масалан, ноболиғ Т.Ж., автомобили тамғаи «Опел-Астра» -ро, ки ба падараш Т.А. тааллуқ доштааст идора намуда, ҳангоми ҳаракат бехатарии ҳаракат дар роҳро таъмин накарда, аз уҳдаи идора намудани автомобил набаромада, ба канори рости роҳ рафта, пиёдагарди ноболиғ Ч.З., ки дар канори рости роҳ нисбат ба самти ҳаракати автомобил ҳаракат карда истода будааст, зада пахш мекунад, ки дар натиҷа пиёдагарди ноболиғ Ч.З.ҷароҳатҳои вазнини ҷисмонӣ ба саломатиаш бардошта, ҳангоми ба беморхона дастрас гардиданаш ба ҳалокат расидааст.

Дар рафти тафтиши пешакии парвандаи ҷиноятии мазкур муайян карда шуд, ки гумонбаршуда Т.Ж, автомобили падараш Т.А.-ро, ки тамғаи «Опел-Астра», мебошад бидуни иҷозати падараш, аз ҷое, ки падараш дар он ҷо автомобилашро гузошта будааст ҳай карда ба мактаби худаш дар он ҷо таҳсил менамуда рафтааст ва ҳангоми аз мактабаш омадан дар роҳи автомобилгарди деҳаашон ба садамаи нақлиётӣ дучор шудааст. Падараш дар рафти тафтишоти пешакӣ нишондод додаст, ки Т. Ж. писари ӯ буда, дар як вақт аъзои оилаи ӯ ба ҳисоб мерафтаасту дар пешбурди хоҷагии ӯ ёрӣ мерасонидааст, мутобиқи муқаррароти КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон, бе иҷозат ва худсарона ҳай карда бурдани автомобил ва дигар воситаҳои нақлиёт аз ҷониби аъзоёни оила таркиби ҷинояти дар моддаи 252 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо ташкил намедиҳад.

Дар асоси гуфтаҳои боло зарур аст, ки як қисми маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, нисбати гумонбаршуда Т.Ж., бинобар сабаби дар кирдораш мавҷуд набудани аломатҳои таркиби ҷинояти дар м. 252 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, дар пешбурд қатъ карда шудааст[171].

Чи тавре аз тавзеҳоти мазкур бармеояд, ба доираи шахсони барои худсарона ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт ба ҷавобгарӣ кашиданашаванда танҳо аъзои оила мансуб мебошанд. Хешовандони дигари наздик ба ин доира мансуб набуда барои содир намудани ҷинояти мазкур мумкин аст ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шаванд. Масалан, М.Д. ҳангоми дар хонаи бибиаш қарор доштанаш ногоҳ дар болои ҷевони дар ошхонаи бибиаш буда, як адад калиди автомашинаи холааш М.Т.-ро дида дарҳол ба худ мақсад намудааст, ки калиди мазкурро ба таври пинҳонӣ гирифта автомашинаи холаашро меронад. Баъдан ӯ ба назди мошини холааш рафта онро бо калиди гирифтааш ба кор даровард ҳаракат намудааст. Дар вақти ҳаракат кардан ӯро кормандони БДА боздошт намудаанд. Шаҳрванд М.Д. мутобиқи қ.1 м.252 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида шудааст [170].

Ба андешаи мо ҳалли ин масъала муқаррар намудани на фақат ҷой надоштани розигӣ, балки ба таври ҳатмӣ мавҷуд будани манъи истифодаи воситаи нақлиёт аз тарафи наздикони соҳиби он ба мақсад мувофиқ мебуд. Чунин андеша пештар низ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ баён шуда буд: аъзоёни оила ва шахсони наздик субъекти ҷинояти мазкур шуда метавонанд, агар онҳо нақлиётро бе иҷозат истифода баранд, инчунин барои онҳо истифодаи нақлиёт манъ шуда бошад [158, с. 14-15].

Варианти мазкур дар гунаҳгор ҷой доштани на танҳо ҳуқуқи воқеӣ, балки ҳуқуқи эҳтимолиро низ истисно менамуд.

Ҳамин тавр, дар қонун сухан дар бораи субъекти умумии ҷиноят меравад, яъне шахси воқеии мукаллафи ба синни 14 расида. Танҳо нафароне ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд, ки ба қатори ҳуқуқҳои субъективии онҳо ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолии истифодаи нақлиёт дохил мешавад.

Ғайриқонунӣ будани ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт онро ифода мекунад, ки гунаҳгор воситаи нақлиёти ғайрро ҳай карда мебарад, яъне воситаи нақлиёте, ки нисбати он ҳуқуқи моликиятӣ надоранд ва дар соҳибии қонунии ӯ қарор надорад, ба ӯ аз рӯйи хизмат вобаста карда нашудааст ва ӯ ихтиёрдорӣ кардан ба онро надорад. Агар шахс яке аз ҳуқуқҳои зикршударо дошта бошад таркиби рабудани воситаи нақлиёт ҷой надорад.

**Тарафи субъективии таркиби ҷиноят ҳолати дохилии шахсро инъикос намуда, равандҳои фикрӣ, иродавӣ ва эмотсионалии ӯро дар лаҳзаи содир кардани кирдори барои ҷомеа хавфнок, ки қонун онро манъ намудааст, муайян мекунад. Ба аломатҳои он гуноҳ, ангеза, мақсад ва ҳолати эмотсионалии шахс ҳангоми содир кардани ҷиноят шомил мешаванд.** Дар таркиби умумии ҷиноят гуноҳ аломати ҳатмии тарафи субъективӣ ба ҳисоб меравад. Ангеза, мақсад ва ҳаяҷон аломатҳои иловагӣ (факултативӣ) буда,

аммо дар таркибҳои мушаххас онҳо ба сифати аломатҳои ҳатмӣ баромад карда метавонанд [99, с. 107].

Муқаррар намудани тарафи субъективии ҷиноят аҳаммияти муҳим дорад. Чунки он аломати ҳатмии таркиби ҷинояти дилхоҳ ба ҳисоб рафта ҷой надоштани он мавҷуд будани ҷиноятро истисно месозад. Тарафи субъективии ҷиноят ба бандубаст таъсир расонида, имкон медиҳад, ки таркиби ҷиноятҳои муҷовир аз ҳам ҷудо карда шаванд. Ғайр аз ин муқаррар намудани аломатҳои тарафи субъективии ҷиноят барои фардикунонидани ҷавобгарӣ аҳаммият доранд.

КҶ ҶТ ибораи “тарафи субъективии ҷиноят”-ро истифода намебарад. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ бошад мазмуни тарафи субъективӣ тавассути ошкор намудани мафҳумҳои гуноҳ, ангеза ва мақсад муайян карда мешавад.

Гуноҳ аломати ҳатмии тарафи субъективии ҷиноят ба ҳисоб меравад. Мутобиқи м.7 КҶ ҶТ “Шахс танҳо барои он кирдори барои ҷамъият хавфнок ва оқибати хавфнокии ҷамъиятии ба вуқуъ пайвастани он, ки гуноҳи ӯ нисбати он муайян шудааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Гунаҳгоркунии объективӣ, яъне барои зарари бегуноҳона расонидашуда ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан мумкин нест” [2].

Гуноҳ ин муносибати руҳии шахс нисбат ба кирдори барои ҷамъият хавфноки содирнамудааш ва оқибати он, ки дар шакли қасд ё беэҳтиётӣ баромад менамояд. Дар м.28 КҶ ҶТ шаклҳои гуноҳ пешбинӣ шудааст ва мутобиқи он танҳо шахсе дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор эътироф мешавад, ки ӯ ин кирдорро қасдан ё аз беэҳтиётӣ содир карда бошад.

Ба сифати унсурҳои таркибии гуноҳ лаҳзаҳои зеҳнӣ ва иродавӣ баромад менамоянд, ки таносуби гуногуни онҳо боиси ҷудо намудани шаклҳои гуноҳ гардидааст. Шакли гуноҳ,-менависад, А.И.Рарог,-ба муносибати зеҳнӣ ва иродавии субъект бо ҳолатҳои объективиро нишон

медиҳад, ки тавсифи ҳуқуқии намуди мазкури ҷиноятро ташкил медиҳанд [100, с. 647].

Тарафи субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф (м.252 КҶ ҶТ) бо гуноҳ дар шакли қасд дар намуди қасди бевосита тавсиф мегардад [139, с. 15], чунки ҷинояти мазкур дорои таркиби расмӣ мебошад. Ин ҷо мо бо андешаи дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ паҳншуда оид ба он ки дар ҷиноятҳо бо таркиби расмӣ қасд мумкин аст танҳо қасди бевосита бошад, розӣ ҳастем.

Муносибати субъект дар чунин таркибҳо танҳо нисбати кирдор равона шудааст, яъне "гунаҳгор дарк менамояд, ки ғайриқонунӣ, муваққатӣ, яъне, бе мақсади тасарруф воситаи нақлиёти ғайрро гирифта ҳай карда мебарад ва хоҳони он аст, ки чунин кирдорро содир намояд" [83, с. 413].

Қасди бавосита дар таркибҳои расмӣ вуҷуд дошта наметавонад, чунки аломати иродавии онро қонуни ҷиноятӣ бо фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок вобаста намудааст, ки ин барои таркибҳои моддӣ хос мебошад [75, с. 39].

Бинобар ин гуноҳ ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф танҳо бо қасди бевосита тавсиф мегардад.

Аломати зеҳнии қасди бевосита аз ҷониби шахс дарк шудани мазмуни воқеии кирдори содиршаванда ва ҳам аҳаммияти иҷтимоии онро дар бар мегирдад [100, с. 661].

Ин онро ифода мекунад, ки гунаҳгор дарк менамояд, ки ба муносибатҳои моликиятии бо қонуни ҷиноятӣ ҳифзшаванда таҷовуз оварда истодааст. Шахс ҳама аломатҳои воситаи нақлиётро ҳамчун предмети ҷиноят дарк менамояд, инчунин дарк месозад, ки ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро ғайриқонунӣ бархилофи иродаи соҳиби он ё дигар истифодабарандаи қонунии он содир намуда истодааст. Ҳангоми ҷой

надоштани дарки яке аз ин аломатҳо гарчанде аломатҳои тарафи объективии он мавҷуд бошанд ҳам, тарафи субъективии ҷинояти мазкур ҷой надорад.

Дарки содир намудани кирдор нисбати воситаҳои нақлиёт фаҳмиши онро дар назар дорад, ки ҳаракатҳои гунаҳгор маҳз ба воситае равона шудааст, ки "барои бо роҳҳо интиқол додани одамон, бор ё таҷҳизоти дар болои он васлшуда таъйин шудааст" [7]. Агар зеҳни шахс дигар предмети таъсиррасониро дар бар гирад, пас ҷинояти дар м.252 КҶ ҶТ пешбинишуда ҷой надорад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар бораи он ки субъект дар баробари дарк намудани ба ҷамъият хавфнокии кирдор, инчунин бояд ғайриқонунӣ будани онро дарк созад, андешаи ягона мавҷуд нест. Баъзе олимон чунин меҳисобанд, ки дарк намудани ғайриқонунӣ будани кирдорро лаҳзаи зеҳнии қасд дар бар мегирад [29, с. 25-27]. Дигарон ба ин мухолиф мебошанд [54, с. 413]. Ба андешаи мо дарки ба ҷамъият хавфнокии кирдор ва дарки зиддиҳуқуқӣ будани он, яъне бо қонуни ҷиноятӣ манъ карда шудан як чӣ нестанд. Гарчанде қонунгузор ҳангоми муайян намудани қасд дар м.28 КҶ ҶТ танҳо ба дарки ба ҷамъият хавфок будани кирдор ишора месозад, вале дар бештари ҳолатҳои содир намудани ҷинояти қасдона шахс зиддиҳуқуқӣ будани онро дарк менамояд. Аз ин рӯ, яке аз хусусиятҳои асосии гуноҳи қасдона дар он зоҳир мешавад, ки "шахс **аз зиддиҳуқуқӣ будани кирдори худ огоҳ буда**, онро бо иродаи худ анҷом медиҳад" [100, с. 662].

Дарки ғайриқонунӣ будани рабудани воситаи нақлиёт маънои онро дорад, ки гунаҳгор бояд фаҳмад, ки ҳаракатҳои ӯ ғайриқонунӣ буда, ба воситаи нақлиёти шахси дигар равона шудааст. Агар шахс бо эътимоди доштани ҳуқуқи воқеӣ ё гумони доштани ҳуқуқи эҳтимолии истифодаи воситаи нақлиёт амал кунад, ҷинояти дар **м. 252 КҶ ҶТ** пешбинишуда ҷой надорад. Дар чунин ҳолат, ҷавобгарӣ аз рӯйи **м. 334 КҶ ҶТ, яъне барои**

**худсарӣ фаро расида метавонад**. Аломати иродавии қасди бевосита самти иродаи субъектро тавсиф дода дар қ.2 м.28 КҶ ҶТ ҳамчун хоҳони фаро расидани оқибати барои ҷамъият хавфнок муайян шудааст. “Хостан ҳамчун унсури қасд,-баён медорад А.И. Рарог,-дар кӯшиши ба оқибатҳои муайян, дар қабули он ҳамчун зарурияти қонеъ намудани таълаботи ҳисшаванда тавассути содир намудани ҷиноят ифода мегардад” [100, с. 666]. Новобаста ба он ки таърифи қонунгузории қасди бевосита бо муайян намудани лаҳзаи иродавӣ нисбати оқибат  ба ҷиноятҳои дорои таркиби моддӣ нигаронда шудааст, лаҳзаи иродавии ин намуди қасд бо ҳамин маҳдуд буда наметавонад. Дар акси ҳол худи кирдор хусусияти иродавиашро аз даст медиҳад, ки ин нодуруст мебошад [134, с. 10].

Дар ҷиноятҳо бо таркиби расмӣ аломати иродавии қасди бевосита дар хоҳони содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок будан ифода мегардад. Ғайриқонунӣ воситаи нақлиётро рабуда истода гунаҳгор хоҳони содир намудани маҳз чунин кирдор мебошад. Кӯшиши иродавии субъект ҳамин тавр танҳо дар кирдор ифода меёбанд.

Қасд ҳангоми содир намудани ҷинояти м.252 КҶ ҶТ мушаххас ва дар бештар ҳолатҳо пешакӣ андешидашуда ба ҳисоб меравад.

Баъзе аз олимон ақида доранд, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт мумкин аст, бо қасди бевосита ва ҳатто аз беэҳтиётӣ низ содир шавад. Масалан, А.А. Шербаков чунин баён медорад, ки барои тарафи субъективии ҷинояти мазкур нисбати оқибат дар намуди ҷой иваз намудани воситаи нақлиёт аз як ҷой ба ҷойи дигар қасди бевосита, нисбати оқибатҳои хурдашавии воситаи нақлиёт қасди бавосита ва нисбати оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ беэҳтиётӣ, нисбати оқибатҳои молу мулкӣ ва ҷисмонӣ танҳо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ хос мебошад [100, с. 843].

Тарафи субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт,-менависад, Л.Р. Аветисян,-бо гуноҳи қасдона тавсиф мегардад: гунаҳгор дарк месозад, ки ғайриқонунӣ автомобил ё дигар воситаи

нақлиётро бидуни мақсади тасарруф гирифта истодааст, пешбинӣ менамояд, ки бо чунин усул ба ҷабрдида зарари молумулки расонида мешавад ва бидуни мақсади тасарруф хоҳони расонидани чунин зарар мебошад [127, с. 86-87].

Ба андешаи олимони зикршуда розӣ будан мушкил аст. Аввалан, аз беэҳтиётӣ содир шудани ҷинояти мазкур имконнопазир мебошад. Зеро мутобиқи қ.2 м.27 КҶ ҶТ кирдори "танҳо аз беэҳтиётӣ содиршуда дар ҳолате ҷиноят эътироф мешавад, ки агар он дар моддаи дахлдори Қисми махсуси ҳамин Кодекс пешбинӣ шуда бошад" [2]. Дар м.252 КҶ ҶТ қонунгузор ба чунин шакли гуноҳ ишора накардааст.

Ҳангоми тавсифи тарафи субъективии ҷинояти мазкур муайян намудани қасди бевосита тавассути муносибати руҳии шахс нисбат ба оқибат низ асоснок намебошад. Чунки, дар таркиби асосии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ( қ.1 м.252 КҶ ҶТ) оқибати барои ҷамъият хавфнок ҳамчун аломати таркиби ҷиноят нишон дода нашудааст. Таркиби ҷинояти дар қ.1 м.252 КҶ ҶТ пешбинишуда таркиби расмӣ буда, он танҳо бо қасди бевосита содир мешавад. Шахс ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро дарк менамояд, инчунин мефаҳмад, ки воситаи нақлиёти шахси дигарро, ки ба он ҳуқуқи ихтиёрдорӣ кардан надорад ҳай карда бурда истодааст (лаҳзаи зеҳнӣ) ва хоҳони муваққатан истифода бурдани чунин воситаи нақлиётро дорад (лаҳзаи иродавӣ).

Гарчанде гуноҳ аломати асосии тарафи субъективии ҷиноят ба ҳисоб равад ҳам, аммо он ба саволи барои чӣ гунаҳгор ҷиноят содир намудааст, ҷавоб дода наметавонад. Ҳалли саволи гузошташуда бо ёрии чунин аломатҳои тарафи субъективӣ ба монанди ангеза ва мақсад амалӣ мегардад. Бар замми ин "мазмуни худи гуноҳ бештар тавассути ангеза ва мақсади ҷиноят муайян мешавад" [101, с. 170].

Ангеза ин омили аз талаботи дохилӣ сарчашмагиранда мебошад, ки гунаҳгор ҳангоми содир намудани ҷиноят онро ба роҳбарӣ мегирад [100, с. 636]. Дар баробари ин омили водоркунанда танҳо дар ҳолатҳе ангезаи ҷиноят мегардад, ки агар содир шудани ҷиноятро ба миён оварда бошад [94, с. 42]. Ангеза ин омиле мебошад, ки дар шуури субъект инъикос ёфта ӯро барои содир намудани ҷиноят водор месозад [29, с. 62].

Таркиби ҷинояти м.252 КҶ ҶТ ангезаро ҳамчун аломати ҳатмии таркиби ҷиноят муқаррар накардааст, бинобар ин ангеза барои бандубасти ҷиноят таъсир намерасонад.

Омӯзиши таҷрибаи судиву тафтишотӣ (зиёда аз 100 паравандаи ҷиноятӣ) нишон медиҳад, ки ангезаи ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт гуногун буда метавонанд. Вобаста ба хусусиятҳои воситаи нақлиёт ҳамчун предмети ҷиноят ҳама ангезаҳои ҷинояти мазкурро метавон ба ду гуруҳ ҷудо намуд:1) ангезаҳое, ки бо худи ҷараёни сайр кардан бо воситаи нақлиёт қонеъ мегарданд (баланд ё мустаҳакам намудани эътибори худ дар байни шиносон, танҳо сайр кардан); 2) ангезаҳое, ки дар натиҷаи рабудани воситаи нақлиёт қонеъ мешаванд (фоида, хоҳиши то ҷои муайян рафтан, бурдани бор, қасос ва ғайра). Аз ҳама бештар ҳангоми содир шудани ҷинояти мазкур ангезаҳои зерин ба назар мерасанд: 1) сайр кардан, санҷиши малакаҳои ронандагии худ; 2) хоҳиши баланд бардоштани эътибори худ дар назди шиносон; 3) то ҷойи муайян расидан; 4) қасос; 5) ҳасуд; 6) шӯхӣ; 7) ангезаҳои авбошӣ; 8) хоҳиши содир намудани ҷинояти дигар бо истифода аз воситаи нақлиёт.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ масъалаи бештар баҳсноки тарафи субъектии таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ба аломати дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ нишондодашуда “бидуни мақсади тасарруф” вобаста мебошад.

Аз рӯйи мазмуни б.21 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва

истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 [168, с. 304] ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бе “ба даст овардани воситаи нақлиёт бо мақсади минбаъд ба қисмҳо ҷудо намудан ва аз худ кардани қисмҳои он ё ин ки ба фоидаи худ ё шахсони дигар даровардани воситаи нақлиёт содир шавад” [168, с. 304]. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ аломати “бидуни мақсади тасарруф” дар байни олимон гуногунфикриро ба вуҷуд овардааст.

Масалан, А.А.Шербаков чунин меҳисобад, ки “мақсади ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар он ифода мегардад, ки ҷинояти мазкур “бидуни мақсади тасарруф”, яъне бидуни мақсади ғайриқонунӣ, боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани воситаи нақлиёти ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон, ки метавонист ба молик ё соҳиби дигари воситаи нақлиёти мазкур зарар расонад” содир мешавад” [100, с. 845].

А.И.Коробеев вобаста ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт баён медорад, ки дар он мақсади ғаразнок ҷой надорад, яъне “ҷинояткор кӯшиш наменамояд, ки воситаи нақлиётро ба моликияти худ табдил диҳад” [45, с. 207]. Н.А. Лопашенко чунин андеша дорад, ки гунаҳгор ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт одатан мақсади муваққатан истифода бурдани онро бе розигии молик ё соҳиби дигари воситаи нақлиётро дорад”-“сайр кардан”, “ба ягон ҷой рафтан ва ғайра [61, с. 395].

Ю.С. Белик чунин меҳисобад, ки мақсади ҷиноят мумкин аст, гуногун бошад (сайр кардан, ба ягон ҷой рафтан, санҷидани маҳорати худ оид ба идора карда тавонистани воситаи нақлиёт, истифодаи он барои содир намудани ҷинояти дигар ё барои кашонидани бор, баланд бардоштани эътибори худ дар байни шиносон), ба ғайр аз мақсади ба таври доимӣ табдил додани воситаи нақлиёт ба соҳибӣ, истифодабарӣ ё ихтиёрдории худ [131, с. 15]. Бо ин Н.В. Лаптева розӣ шуда, таъкид менамояд, ки

“моҳиятан дар диспозитсияи м.166 КҶ ФР (м.252 КҶ ҶТ) сухан дар бораи на дар кирдор ҷой надоштани мақсади тасарруф балки дар бораи ҷой надоштани яке аз аломатҳои тасарруф-ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон табдил додани молу мулк меравад”. Бинобар ин, ба андешаи муаллиф “аз нигоҳи ҳуқуқӣ дурустар мебуд, агар дар диспозитсияи м.166 КҶ ФР дар кирдор мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф нишон дода мешуд” [142, с. 17]. Н.С. Сорокун низ мухолифи тарзи дар қонун “бидуни мақсади тасарруф”нишон дода шудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт буда, аммо пешниҳод месозад, ки ба таҳрири нави пешниҳодшавандаи м.166 КҶ ФР эзоҳ бо мазмуни зайл илова карда шавад: “зери мафҳуми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар моддаи мазкур содир намудани кирдорҳои қасдонаи ғайриқонуние фаҳмида мешавад, ки бо кадом усули дилхоҳе набошад бархилофи иродаи молик ё истифодабарандаи қонунии воситаи нақлият барои гирифтани он равона шудааст”.

Ба андешаи мо ба ҷой доштани баҳсу мунозираҳо дар мавриди мақсади ҷинояти мазкур худи қонунгузор низ мусоидат намудааст. Чунки, аломати “ бидуни мақсади тасарруф”, ки дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ омадааст, имконияти бо ду тарз маънидод намудани он роҳ медиҳад.

Тарзи аввали маънидод намудани аломати мазкур онро ифода мекунад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бояд бидуни мақсади тасарруф, яъне бе мақсади боғараз, ройгон гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулки ғайр ба фоидаи гунаҳгор ё дигар шахсон (эзоҳи м.244 КҶ ҶТ) содир шавад. Ба тарзи дигар маънидод намудани аломати мазкур онро ифода мекунад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади барои тасарруф хос буда, яъне бе мақсади ғаразнок содир гардад.

Вале дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳолатҳои бо мақсади ғаразнок содир гаштани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт истисно

намешавад. Масалан, ба андешаи А. Безверхов ангеза ва мақсади ҷинояти мазкур мумкин аст, гуногун бошад-ҳиссиёти авбошӣ, манфиатҳои шахсӣ, хусумат ва аз ҷумла мақсади ғаразнок [105, с. 29-30]. В.В. Векленко низ баён менамояд, ки мақсад ҳангоми ғайриқонуни ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт на фақат ғаразнок буда метавонад, балки баръакс бештар чунин мақсад ба он хос мебошад [132, с. 262]. Яке аз ангеза ва мақсади бештар паҳншудаи рабудани воситаи нақлиёт,-менависад С.В. Краснобаев,-ин ғараз ба ҳисоб меравад. Аммо мақсади ғаразнок ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз чунин мақсад ҳангоми тасарруф фарқ мекунад. Дар мавриди ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт мақсади ғаразнок дар муваққатан ба фоидаи худ табдил додани molу мулки ғайр ифода мегардад [140, с. 61]. Ҷой доштани мақсади ғаразнокро ҳангоми ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт Л.Р. Аветисян дар он мебинад, ки "агар ҷинояти мазкур бо кӯшиши сарфа намудани хароҷот барои нақлиёт содир шуда бошад [127, с. 79].

Дар баробари ин, баъзе аз олимон ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро ба ҷиноятҳои ғаразноки муқобили моликият, ки бо тасарруф алоқамандӣ надоранд, дохил менамоянд [26, с. 99]. Яке аз сабабҳои гуногунандешӣ дар мавриди имконияти ҷой доштани мақсади ғаразнок ҳангоми содир гардидани ҷинояти дар м.252 КҶ ҶТ муқарраршуда ин истифода шудани аломати "ғаразнокӣ" дар ҷиноятҳои гуногун бо мазмуни ҳархела ба ҳисоб меравад. Чунончи, мутобиқи б.15 Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба одамкушӣ" аз 26 июни соли 2009 №21 "куштор бо нияти ғаразнок бояд кушторе бандубаст карда шавад, ки бо мақсади ба даст овардани манфиати моддӣ барои гунаҳгор ё шахсони дигар (маблағ, молу мулк ё ҳуқуқи ба даст овардани он, ҳуқуқ ба манзил ва ғайра) ё халос шудан аз хароҷотҳои моддӣ (баргардонидани молу мулк, қарз, ҳаққи хизматрасонӣ, иҷрои уҳдадориҳои молумулкӣ, пардохти алимент ва ғайра)

содир шуда бошад” [168, с. 304] , яъне ин ҷо “ғараз” бо мазмуни васеъ маънидод шудааст. Ҳангоми тасарруф бошад, мақсади ғаразнок танҳо аз ба даст овардани фоидаи моддӣ иборат мебошад, яъне ҷидду ҷаҳди шахс барои ба даст даровардани фоидаи ғайриқонунии моддӣ бо роҳи мубаддал намудани молу мулки ғайр ба фоидаи худ ё фоидаи шахси сеюм мебошад [83, с. 302]. Вобаста ба ин ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт мумкин аст, мақсади ғаразнокӣ дар намуди халос шудан аз хароҷотҳо ҷой дошта бошад [123, с. 139].

Агар ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт хоҳиши ба даст овардани фоидаи моддӣ ҷой дошта бошад, ин ҷо бояд кирдори шахс ҳамчун тасарруф бандубаст карда шавад. Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар **бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф”** низ омадааст, ки “дар ҳолатҳое, ки шахс воситаи нақлиётро ғайриқонунӣ ҳай карда бурда, мақсади минбаъд ба соҳибаш бар ивази мукофотпулӣ баргардонидани онро дошта бошад, ҳаракатҳои ӯ бояд бо моддаи дахлдори Кодекси ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои тасарруфи молу мулки ғайр пешбинӣ намудааст, бандубаст карда шаванд “[168, с. 304] (б.26).

Агар ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар баробари хоҳиши халос шудан аз хароҷотҳои моддӣ, инчунин ба даст овардани фоидаи моддӣ мавҷуд бошад, пас ҳам ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ва ҳам тасарруф ҷой дорад, яъне қасд барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф мумкин аст, якҷоя бо қасди минбаъд тасарруф намудани қисмҳои алоҳидаи он ҷой дошта бошад [123, с. 139]. Ю.С. Белик чунин меҳисобад, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани қасд барои тасарруф намудани қисмҳои алоҳидаи воситаи нақлиёт ва бо ин мақсад минбаъд ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани

он кирдори шахс бояд аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад, яъне ҳамчун дуздӣ ва ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт, чунки гунаҳгор муваққатан воситаи нақлиётро барои минбаъд тасарруф намудани қисмҳои алоҳидаи он истифода намудааст [131, с. 767].

С.В. Краснобаев чунин бандубастро танҳо бо ҳолатҳое вобаста менамояд, ки "агар қасд барои тасарруф намудани қисмҳои алоҳидаи воситаи нақлиёт пас аз ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани он ба вуҷуд ояд" [140, с. 18].

Олимони дигар низ андеша доранд, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бо мақсади тасарруфи баъзе аз қисмҳои он бояд танҳо ҳамчун тасарруф бандубаст карда шавад [127, с. 62]. Пленуми Суди Олии ҶТ низ чунин мавқеъро ишғол намуда дар б.21 Қарори худ "Дар **бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" тавзеҳот медиҳад, ки** "ба даст овардани воситаи нақлиёт бо мақсади минбаъд ба қисмҳо ҷудо намудан ва аз худ кардани қисмҳои он ё ин ки ба фоидаи худ ё шахсони дигар даровардани воситаи нақлиёт бояд ҳамчун тасарруфи молу мулки ғайр бандубаст карда шавад" [168, с. 304].

Дар ҳолатҳои зикршуда ба андешаи мо аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст намудани кирдор бештар асоснок ба назар мерасад, зеро дар чунин маврид ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҷузъи тасарруф намудани молу мулк ҳисоб намешавад. Ғайр аз ин, ҳангоми тасарруфи молу мулки дар воситаи нақлиёт буда, низ далели тасарруфи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро дар бар намегирад ва дар чунин ҳолат мувофиқи тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ "Агар шахси воситаи нақлиётро бидуни мақсади тасарруф ғайриқонунӣ ҳай карда бурда, ҳамзамон молу мулки даронбударо тасарруф карда бошад, кирдори содирнамуда бояд бо моддаи 252-и КҶ ва моддаҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои

тасарруфи молу мулки ғайр пешбинӣ намудааст, бандубаст карда шавад” [168, с. 304]. Ба ин монанд ҳагоми тасарруфи қисми алоҳидаи воситаи нақлиёт низ қасди шахс бевосита ба тасарруф намудани маҳз ҳамин қисм на ин ки барои тасарруфи воситаи нақлиёт дар умум равона шудааст. Бинобар ин, дар чунин ҳолат аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо м.252 ва м.244 КҶ ҶТ бандубаст намудани кирдор бештар асоснок мебошад.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баъзе аз олимон пешниҳод менамоянд, ки ибораи “бидуни мақсади тасарруф” бо ибораи “ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф” иваз карда шавад [123, с. 140]. Чунин тарз ҳангоми тартиб додани таркиби баъзе аз ҷиноятҳо аз тарафи қонунгузор истифода шудааст (м.м. 253, 264, 267). Дар ҳақиқат ба андешаи мо аломати фарққунандаи м.252 КҶ ҶТ аз тасарруф на танҳо дар ҷой доштан ё надоштани мақсади ғаразнок вобаста мебошад, балки ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бояд дар умум аломатҳои тасарруф ҷой надошта бошанд, дар акси ҳол кирдори шахс ҳамчун тасарруф бандубаст карда мешавад. Бинобар ин, мо ҷонибдори он мебошем, ки дар диспозитсияи қ.1 м.252 КҶ ҶТ ибораи “бидуни мақсади тасарруф” бо ибораи “ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф” иваз карда шавад.

Дар баробари ин баъзе аз олимон иброз менамоянд, ки ҳангоми дуздӣ ва ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф “аломатҳо ва унсурҳои таркиби ин ҷиноятҳо, ки мансуб ба объект ва тарафи объективӣ мебошанд, амалан монанд ҳастанд. Дар ҳар ду ҳолат ҳам ғайриқонунӣ гирифтани воситаи нақлиёти ғайр (ғасби он) ҷой дорад ва ягона ҳолате, ки ин ҷиноятҳоро аз ҳам ҷудо месозад дар сари ҷинояткор пинҳон аст, ки ин ҳам бошад дар мақсади гирифтани воситаи нақлиёт ба ҳисоб меравад” [35, с. 166]. А.А. Шербаков баён медорад, ки аломатҳои тасарруф ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт назар ба тасарруф дигартар мебошанд, аммо ба ин нигоҳ накарда

ба андешаи ӯ аломатҳои тасарруф ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз байн намераванд [100, с. 846].

Албатта бо чунин андешаҳо розӣ будан мушкил аст.Зеро ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт гирифтан ва (ё) ситонидани молу мулк ба фоидаи гунаҳгор ё шахси дигар сурат намегирад.

Аз сабаби он ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф содир мешавад, бинобар ин, он дар фарқият аз тасарруф хусусияти муваққатӣ дорад, [61, с. 392], ки инро бояд гунаҳгор дарк созад. Кӯшиши муайян намудани ҳадди аксари давомнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, ки пас аз гузаштани он ҷинояти мазкур ба тасарруф мубаддал мегардад, аз ҷониби олимон Л.Д. Гаухман ва С.В. Максимов пешниҳод мешавад. Олимони мазкур андеша доранд, ки чунин ҳад мумкин аст гузаштани муҳлати шашмоҳа аз лаҳзаи воқеан аз соҳибияти қонунии шахс дур мондани воситаи нақлиёт эътироф шавад [31, с. 144]. А.И. Коробеев ба чунин андеша дуруст эрод гирифта қайд месозад, ки ҳангоми чунин муносибат принсипи гунаҳгории субъективӣ халалдор мегардад: аз рӯйи асосҳои расмӣ маҷбур мешавем ҳаракатҳоеро ки қасди шахси гунаҳгор онро фаро намегиранд, ҳамчун тасарруф бандубаст намоем [45, с. 208]. Ба андешаи мо, ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф то он замоне идома меёбад, ки барои гунаҳгор истифодаи он хусусияти муваққатӣ дошта, нияти ихтиёрдорӣ кардан ё тасарруфи он ба миён наомадааст.

**Ҳамин тавр, аломатҳои субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруфро таҳлил намуда ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:**

1. Таркиби ҷинояти дар қ.1 м.252 КҶ ҶТ пешбинишуда дорои таркиби расмӣ буда, он танҳо бо қасди бевосита содир мешавад. Шахс ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро

дарк менамояд, инчунин дарк менамояд, ки воситаи нақлиёти шахси дигарро, ки ба он ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ кардан надорад, ҳай карда бурда истодааст (лаҳзаи зеҳнӣ) ва хоҳони муваққатан истифода бурдани чунин воситаи нақлиётро дорад (лаҳзаи иродавӣ).

2. Аломати фарққунандаи м.252 КҶ ҶТ аз тасарруф на танҳо дар ҷой доштан ё надоштани мақсади ғаразнок вобаста мебошад, балки ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бояд дар умум аломатҳои тасарруф ҷой надошта бошанд. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки дар диспозитсияи қ.1 м.252 КҶ ҶТ ибораи “бидуни мақсади тасарруф” бо ибораи “ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои тасарруф” иваз карда шавад.

3. Субъекти ҷинояти мазкур умумӣ мебошад, яъне шахси воқеии мукаллафи ба синни 14 расида. Танҳо нафароне ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд, ки ба қатори ҳуқуқҳои субъективии онҳо ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолии истифодаи нақлиёт дохил мешавад.

4. Ронандагони аз идораи воситаи нақлиёт дур карда нашуда, ки худсарона воситаи нақлиёти ба онҳо вобасташударо ҳай карда мебаранд, инчунин шахсони мансабдори корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, ки барои воситаи нақлиёт ваколатҳои идоракунии фаврӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ карданро доранд, ба сифати субъекти ҷинояти мазкур баромад карда наметавонад.

5.Шахсоне, ки вобаста ба хусусияти фаъолияти меҳнатии худ ба воситаи нақлиёт дастрасӣ дошта, аммо нисбати он ягон хел ҳуқуқ надоранд, субъекти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт эътироф мешаванд.

# БОБИ 3. ФАРҚГУЗОРИИ ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ БАРОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ҲАЙ КАРДА БУРДАНИ АВТОМОБИЛ Ё ДИГАР ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ БИДУНИ МАҚСАДИ ТАСАРРУФ

## 3.1 Аломатҳои вазнинкунандаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф

Моддаи 252 КҶ ҶТ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ҷавобгариро вобаста ба дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии он фарқгузорӣ намудааст. Дар қ.2 модда аломатҳои вазнинкунанда ва дар дар қ.3 аломатҳои махсусан вазнинкунандаи ин ҷиноят пешбинӣ шудааст.

Аломатҳои вазнинкунанда воситаҳои муҳимми фарқгузории ҷазо барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ба ҳисоб мераванд. “Мавҷудияти онҳо аз дараҷаи баланди ба ҷамъият хавфнокии кирдор (дар фарқият аз аломатҳои таркиби асосӣ) ва шахси содирнамудаи он шаҳодат медиҳанд” [49, с. 174]. Ҳамзамон қонунгузор танҳо ба чунин сифат ҳолатҳоеро интихоб менамояд, ки ба таври ҷиддӣ барои ба хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят таъсир мерасонанд.

Ҷавобгарии ҷиноятӣ аз рӯйи қ.2 м.252 КҶ ҶТ дар ҳолатҳое фаро мерасад, ки “агар ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт: а) такроран; б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ; в) бо зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок намебошад ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шуда бошад” [2].

Қисми 3 м.252 КҶ ҶТ ҷавобгариро барои кирдорҳои пешбининамудаи қисмҳои якум ё дуюми ҳамин модда, агар:

“а) бо расонидани зарар ба миқдори калон;

б) аз ҷониби гурӯҳи муташаккил;

в) бо истифодаи зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок аст ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст” [2] муқаррар месозад.

Хусусияти аломатҳои мазкурро ҳангоми бандубасти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт баррасӣ менамоем.

**Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, ки такроран содир шудааст (б “а” қ.2 м.252 КҶ ҶТ).**

Мутобиқи м.19 КҶ ҶТ такрори ҷиноят кирдоре эътироф мешавад, ки шахс дар вақти гуногун ду ё зиёда ҷинояти дар ҳамон як модда ё қисми моддаи ҳамин Кодекс пешбинишударо содир намудааст. Ҷиноят такрорӣ эътироф намешавад, агар шахс барои ҷинояти қаблан содирнамудааш мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шуда буд ё доғи судӣ барои ин ҷиноятҳо барҳам хӯрда ё бардошта шудааст (қ.3 м.19 КҶ ҶТ).

Барои ҷиноятро такроран эътироф намудан аҳаммият надорад, ки ҷинояти қаблӣ, ки ба такрорӣ дохил мешавад, хотимаёфта ё нотамом буд, инчунин кадом нақшро шахс ҳангоми содир намудани ҷиноят иҷро намудааст. Бандубасти кирдорҳои гунаҳгор дар ин маврид аз рӯйи аломати қ.2 м.252 КҶ ҶТ анҷом дода мешавад.

Масалан, шаҳрванд А. Т. бо ҳукми суди марҳилаи якум барои он гунаҳгор дониста маҳкум карда шудааст, ки ӯ бо мақсади ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, аз кушода будани дари автомашинаи тамғаи “Опел Хачибек”, ки ба шаҳрванд Ф.Р. тааллluқ дошт, истифода бурда, вориди автомашинаи мазкур шуда, дар сари чамбарак нишаста, бе иҷозати соҳибмулк муҳаррики автомашинаро ба кор даровarda, аз ҷойи ҳодиса ғайриқонунӣ ҳай карда ба роҳи калони мошингард ҳаракат карда, худи ҳамон рӯз дар роҳ бо як автомашинаи ба тафтишот номаълум бархӯрда, дар натиҷа ба миқдори 4500 (чор ҳазору панҷсад) сомонӣ, ки тибқи хулосаи техникии молшиносӣ-нақлиётӣ ба миқдори на камтар 2709 (ду ҳазору ҳафтсаду нуҳ) сомонӣ ба шаҳрванд Ф.Р. зарари моддӣ расонида, баъдан автомашинаи мазкурро партофта аз ҷойи ҳодиса ба самти номаълум ғайб задааст.

Боз ӯ такроран санаи 27 феврали соли 2022, бо мақсади ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, автомашинаи тамғаи “Деу Тико”, ки ба шаҳрванд И.И. тааллуқ доштааст, бе иҷозати соҳибмулк муҳаррики автомашинаро ба кор даровада, ғайриқонунӣ ронда, аз ҷойи ҳодиса ба самти дигар рафтааст. Рӯзи дигар ӯ ҳангоми бо воситаи автомашинаи мазкур ҳаракат намудан бо қисмати пушти автомашинаи мазкур ба симчӯб бархӯрдааст, ки дар натиҷаи он воситаи нақлиёт зарари техникӣ дида, тибқи хулосаи судӣ-молшиносӣ ба шаҳрванд И.И. ба маблағи 264 (дусаду шасту чор) сомонӣ зарари моддӣ расонида, худи ҳамон рӯз, автомашинаи мазкурро партофта гурехта ба самти номаълум рафтааст.

Кирдори шаҳрванд А. Т. аз ҷониби суд бо б.“а” қ. 2 м. 252 КҶ ҶТ бандубаст карда шуда, ба ӯ ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ ба мулати 3 (се) сол бо адо кардани ҷазо дар колонияи тарбиявии дорои низоми умумӣ таъин карда шудааст [178].

Аммо, агар ҷинояти аввали ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҷинояти хотимаёфта буда, ҷинояти дуюм нотамом бошад (ё бараъкс) дар чунин ҳолат ҳар як ҷиноят ба таври мустақил бандубаст карда мешаванд, бар замми ин ҷинояти дуюм аз руйи аломати такрорӣ. Маҳз чунин қоида имкон медиҳад, ки ҳама ҳолатҳои кирдор ба пуррагӣ ба инобат гирифта шаванд. Чунин қоида дар ҳолатҳое низ истифода мешавад, ки агар яке аз ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз ҷониби гунаҳгор дар шарикӣ содир шуда, дар он ӯ нақши таҳриккунанда, ёрдамчӣ ё ташкилкунандаро ва дар дигараш нақши иҷрокунандаро иҷро намуда бошад [162].

Дар Пленуми Суди Олии ҶТ «Доир ба таҷрибаи судӣ оиди таъин намудани ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо ва аз рӯйи маҷмуи ҳукмҳо» аз 13 марти соли 2003, таҳти №5 низ омадааст, ки “тарзи бо қонун пешбинишудаи таъини ҷазо барои маҷмуи ҷиноятҳо... ҳамчунин дар мавриди аз чониби шахс содир намудани ҳаракатҳои якхелае, **ки** якеашон

**ҳамчун ҷинояти тамомшуда ва дигарашон ҳамчун тайёрӣ, суиқасд ё шарикӣ дар ҷиноят бандубаст мегардад, татбиқ карда мешавад” [168, с. 25].**

Муқобили чунин мавқеъ баромад намуда, Б.А. Куринов ва В.М. Хомич баён менамоянд, ки ҳангоми бандубасти якчанд факти рабудани воситаи нақлиёт, агар ҷинояти охирин дар суиқасд ифода гардида бошад, ягон асос ҷой надорад, ки шахс аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо ба ҷавобгарӣ кашида шавад. Ҳама ҷиноятҳои содиршударо бояд ҳамчун такроран бандубаст намуд. Ҳолатҳои ҷинояти нотамом будани ҷинояти аввал ва хотимаёфта ҳисоб шудани ҷинояти дуюм низ бояд бо ҳамин тарз бандубаст карда шаванд. Дар аввал содир намудани ҷинояти хотимаёфта ва баъдан суиқасд ба рабудани воситаи нақлиётро онҳо тавсия медиҳанд, ки дар умум ҳамчун суиқасд ба такроран содир намудани рабудани воситаи нақлиёт бандубаст гардад [95, с. 36-37].

Ба чунин андеша розӣ будан мушкил аст. Қоидаи тавсияшудаи бандубасти рабудани воситаи нақлиёт дар ҳолати аввал ҳамчун такроран содир намудани ҷиноят ва дар ҳолати дуюм ҳамчун суиқасд ба такроран содир намудани ҷинояти мазкур қобили қабул буда наметавонад. Зеро қонунгузор дар м.м. 32 ва 36 КҶ ҶТ мушаххасан дар чунин ҳолатҳо ишора намудан ба қисмҳои дахлдори Қисми умумии КҶ дар бораи ҷиноятҳои нотамом ва содир намудани ҷиноят дар шарикиро муқаррар намудааст.

Вобаста ба ин, дар ҳолатҳое ки яке аз ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёти ба маҷмуъ дохилшаванада ҷинояти нотамом ҳисоб шавад, ё гунаҳгор дар содир намудани он ба сифати ёрдамчӣ ё ташкилкунанда иштирок намуда бошад, дар якҷоягӣ истифода намудани қоидаҳои такрорӣ ва маҷмуъ зарур ҳисобида мешавад.

Ҳангоми содир намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дар шарикӣ аломати такроран танҳо ба шахси алоҳида дахл дорад, бинобар ин аломати мазкур нисбати шарикӣ дигар татбиқ карда намешавад [26, с. 585].

Аксарияти олимон ба таври асоснок чунин меҳисобанд, ки кӯшиши чандинкаратаи содир намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт нисбати ҳамон як восита ҳангоми кушишҳои бебарор, ки дар доираи начандон зиёди вақт ва дар як ҷой амалӣ мешавад, аломати такроран ҷой надорад [45, с. 211].

В.А. Зверяка муқобили чунин андешаҳо баромада баён медорад, ки чунин ҳалли масъала ба эътироф намудани давомдор будани ҷинояти рабудани воситаи нақлиёт оварда мерасонад, ки ин принсипан ғайриимкон аст, зеро ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт дорои таркиби расмӣ мебошад. Ҳолатҳое ки, вақте гунаҳгор кӯшиш менамояд, ки муҳаррики се автомашинаро ба кор дарорад ва танҳо дар чорум автомашина ба мақсади худ ноил мешавад, наметавонад ҳамчун ҷинояти давомдор бандубаст гардад, ин ҷо суиқасд ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани се автомобил ва ҳай карда бурдани автомобили чорум ҷой дорад [137, с. 71].

Вобаста ба чунин андеша ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар гунаҳгор якчанд қасд барои рабудани якчанд автомобил ҷой дошта, пайдарҳам ба вуҷуд омадаанд ва танҳо яке аз он амалӣ шудааст.Танҳо дар чунин ҳолат бандубасти пешниҳодшуда қобили қабул буда метавонад. Аммо сухан дар бораи он ҳолатҳое меравад, ки вақте гунаҳгор барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт қасди ягона дошт [64, с. 26].

Якчанд бор аз тарафи гунаҳгор истифода шудани воситаи нақлиёт, ки ӯ онро муваққатан ғайриқонунӣ рабудааст, такроран ҳисобида намешавад, агар чунин кирдорро қасди ӯ дарбар гирифта бошад. Дар ҳолатҳое ки, вақте пас аз содир намудани ҷиноят гунаҳгор бо хоҳиши пинҳон доштани ҷиноят онро ба макони ҷойгиршавии аввалааш бурда расонида, пас аз он боз ғайриқонунӣ воситаи нақлиётро ҳай карда барад, дар ин маврид такроран содир намудани ҷинояти мазкур ҷой дорад. Чунин

тавзеҳот бояд дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28 мустаҳкам карда шавад.**

**Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, ки аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шудааст (б “б” қ.2 м.252 КҶ ҶТ).**

Аз ҷониби гуруҳи шахсон содир шудани ҷиноят бо маслиҳати пешакӣ дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии ҷинояти мазкурро зиёд мегардонад, зеро “ҳангоми ёрии ҳамдигарӣ ва пешакӣ маслиҳатшудаи гунаҳгорон барои амалӣ гаштани нияти ҷинояткорона иконияҳои бештар фароҳам меоварад, инчунин дар баъзе ҳолатҳо танҳо муттаҳидии кӯшиши якчанд шахс ба содиршавии ҷиноят имкон медиҳад” [48, с. 218].

Мутобиқи м.35 КҶ ҶТ иштироки якҷояи қасдонаи ду ё зиёда шахсон дар содир намудани ҷинояти қасдона шарикӣ дар ҷиноят эътироф мешавад.

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содиршуда эътироф мешавад, “агар дар он шахсоне иштирок карда бошанд, ки дар хусуси якҷоя содир намудани он пешакӣ маслиҳат кардаанд” (қ.2 м.39 КҶ ҶТ). Вобаста ба ин гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ дорои аломатҳои объективӣ ва субъективӣ мебошад.

Аломатҳои объективӣ. Якум, дар содир намудани ҷиноят бояд на камтар аз ду шахс иштирок намояд, ки ҳар яки он субъекти ҷиноят ҳисоб мешавад, яъне бояд шахси мукаллаф ва ба синну соли муқаррарнамудаи қонун барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан расида бошад.

Дуюм, бояд кирдорҳои шарикон якҷоя бошад. Ин онро ифода менамояд, ки ҷиноят бо кӯшиши якҷояи ҳама шарикон содир мешавад.

Ҳаракатҳои онҳо бо ҳам мувофиқ гардонида шуда, байни кирдорҳои иҷрокунандаи рабудани воситаи нақлиёт ва кирдорҳои шарикон робитаи сабабӣ мавҷуд бошад [37, с. 85].

Ҷинояте, ки бо маслиҳати пешакӣ аз ҷониби гурӯҳи шахсон содир мешавад, иштирок ва ҳамоҳангии **на камтар аз ду нафар**ро дар иҷрои тарафи объективии ҷинояти қаблан мувофиқашуда дар назар дорад. “Агар ҷинояти қаблан маслиҳатшуда танҳо аз ҷониби як шахс содир гардад, аломатҳои ин шакли шарикӣ вуҷуд надоранд” [87, с. 189]. Бинобари ин гуруҳи шахсон ҷой надорад, агар шарикони дигар дар амалӣ намудани тарафи объективии ҷиноят иштирок накарда танҳо ба сифати ёрдамчӣ, таҳриккунанда ё ташкилккунанда баромад намоянд.

Дар банди 23 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28 чунин муқаррар шудааст: “**Аз ҷониби якчанд шахс ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бо маслиҳати пешакӣ, ҳаракати ҳар кадоми онҳо бояд ҳамчун шарикони ҷиноят, яъне ҳамиҷрокунанда (қисми 2 моддаи 37-и КҶ) дониста шуда, кирдори содирнамудаашон бе назардошти он, ки кадоме аз иштирокчии гурӯҳи ҷиноятkорона воситаи нақлиётро идора менамуд, бо банди "б" қисми 2-и моддаи 252 КҶ бе ишора ба моддаи 36-и ҳамин Кодекс бандубаст карда мешавад” [168, с. 116].

Вале дар муайян намудани он ки киҳо ҳамиҷрокунандагони ба даст овардани воситаи нақлиёт эътироф мешаванд, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаи ягона ҷой надорад. Масалан, Г.А. Кригер чунин меҳисобид, ки дар мавриди содир намудани ҷиноят аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ муҳим аст, ки шарикон бо ин ё он тарз дар рабудани воситаи нақлиёт иштирок намоянд. Дар баробари ин, зарур нест,

ки шахс бевосита автомобил ё дигар воситаи нақлиётро идора намояд, шарики ҷиноят мумкин аст дар воситаи нақлиёти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдашаванда набошад, муҳим он аст, ки функсияҳои аз тарафи ӯ иҷрошаванда ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт мусоидат намояд [76, с. 170]. Мафҳуми иҷрокунандаи ҷинояти мазкурро ба таври васеъ Б.В. Волженкин муайян намуда баён медорад, ки функсияҳои иштирокчиёни ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз ҷониби гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ мумкин аст тақсимбандӣ шавад: нафаре бевосита нақлиёти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдашавандаро идора менамояд, дигар қулфи гаражро мешиканад, сеюмин садои огоҳкунандаро хомӯш месозад, чорумин бехатарии ҳаракати шарикони дигарро таъмин менамояд ва ғайра. Дар баробари ин, ҳама шарикони ҷинояти гуруҳӣ бояд бо ин ё он тарз бевосита дар худи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани нақлиёт иштирок намоянд [42, с. 371].

Бараъкс А.А. Шербаков чунин меҳисобад, ки ҳамиҷрокунандагӣ дар ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани  воситаи нақлиёт ҷой надорад, агар ҳаракатҳои дигар иштирокчиёни ҷинояти мазкур (ба ғайр аз иҷрокунанда) танҳо дар ёрӣ расонидан, таҳрикнамоӣ ё ҳаракатҳои ташкилотчигӣ ифода гардад [160, с. 25].

Ба андешаи Ю.С. Белик бошад иҷрокунандаи ҷиноят шахсоне эътироф мешаванд, ки бо тарзи дилхоҳ дар ҷараёни ба даст овардани воситаи нақлиёт, масалан, муҳаррикро ба кор даровардан, хомӯш кардани сигнали огоҳкунанда, идора намудани воситаи нақлиёт ва ғайра иштирок намудааст. Шахсоне, ки дар ҷараёни ба даст овардани нақлиёт иштирок накарда танҳо ба он барои сайр кардан нишастаанд ба ҷавобгарӣ кашида намешаванд [131, с. 17].

Албатта ба чунин андеша пурра розӣ будан мушкил аст. Зеро барои бандубасти ҷиноят аҳаммият надорад, ки кадоме аз шарикон воситаи нақлиёти рабудашударо идора намудааст ва кадоме ҳангоми рабудан ба

сифати мусофир дар он сайр намудааст. Асос дар он аст, ки ҳамиҷрокунандагони ҷинояти мазкур шахсоне эътироф мешаванд, агар дар амал баровардани тарафи объективии ҷиноят бевосита иштирок карда бошанд. Аз ин ҷо иҷрокунандаи ҷиноят мумкин аст шахсе эътироф шавад, ки бо тарзи дилхоҳ дар ҷараёни ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт, масалан бо роҳи ба кор даровардани муҳаррик, аз кор баровардани сигнали огоҳкунанда, идора намудани он ва ғайра иштирок намудаанд.

Аломатҳои субъективӣ. Гунаҳгорон ҳангоми шарикӣ танҳо қасдан амал менамоянд. Ин онро ифода мекунад, ки ҳама шарикон барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт қасди умумӣ доранд. Дар баробари ин, лаҳзаи зеҳнии қасди умумӣ дар он ифода мегардад, ки ҳар яке аз шарикон ба ҷамъият хавфнокии на танҳо кирдори худ, балки кирдори шарики дигарро дарк менамояд. Лаҳзи иродавии қасди умумӣ бошад, хоҳиши ҳар яке аз шарикон оид ба ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиётро дар бар мегирад.

Масалан, шаҳрвандон Ш.И. ва М.Т. дар канори роҳи мошингард автомашинаи тамғаи ВАЗ 21012-ро беназорат мебинанд. Ин вақт Ш.И. ба шарикаш пешниҳод мекунад, ки автомашинаи номбурдаро ҳай карда мошинсаворӣ намоянд. Бо ин таклиф шарикаш М.Т. розӣ мешавад ва Ш.И. дари автомашинаро кушода ба сари чамбараки он нишаста ба номбурда фармудааст, ки онро тела кунад ва автомашинаро тела карда тахминан 20-30 метр аз ҷойи истодааш пештар бурдаанд. Сипас, Ш.И. аз дохили автомашина калиди онро ёфта муҳаррики мошинро ба кор медарорад ва шарикаш М.Т. ба автомашина нишаста, бидуни мақсади тасарруф таҳти идораи Ш.И. автомашинаро ҳай карда аз ҷойи ҳодиса ғайб задаанд. Танҳо бо гузашти ду шабонарӯз шахсони мазкур аз тарафи кормандони милитсия дастгир шуданд. Кирдори шаҳрвандон Ш.И. ва М.Т. вобаста ба б “б” қ.2. м.252 КҶ ҶТ ҳамчун ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани

автомобил бидуни мақсади тасарруф аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ бандубаст карда шудааст [172].

Барои бандубасти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт мутобиқи б "б" қ.2 м.252 КҶ ҶТ зарур аст, ки маслиҳати пешакӣ байни иштирокчиёни гурӯҳ ҷой дошта бошад. Масалан, дар бораи хусусиятҳои кирдор, вақт ва маҳалли содир намудани ҷиноят, ҳадди ақал ба таври умумӣ тақсим намудани нақшҳо ва ғайра. Ба таври дигар маслиҳати пешакӣ барои содир намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт мумкин аст танҳо то суиқасд ба он, то аз ҷониби яке аз шарикон иҷро гардидани кирдоре, ки тарафи объективии ҷиноятро ташкил медиҳад, имконпазир мебошад.

Аммо баъзе аз олимон чунин меҳисобанд, ки маслиҳати пешакӣ барои якҷоя содир намудани ҷиноят дар давраи суиқасд низ имконпазир аст [137, с. 75].

Бо чунин андеша розӣ будан мушкил аст. Аз мазмуни қ.2 м.39 КҶ ҶТ бармеояд, ки маслиҳати пешакӣ барои содир намудани ҷиноят бояд пешакӣ ба вуҷуд омада бошад, яъне то оғози ҷиноят. Лаҳзаи оғози ҷиноят содир намудани ҳаракатҳои дилхоҳе ҳисоб мешавад, ки дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ мустаҳкам шудаанд. Шакли маслиҳат байни шарикон мумкин аст гуногун бошад: хаттӣ, даҳонӣ, имову ишора ва ғайра. Муҳим он аст, ки байни шарикон маслиҳат шуда бошад.

**Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, ки бо зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок намебошад ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст (б "в" қ.2 м.252 КҶ ҶТ).**

Дар б "в" қ.2 м.252 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, ки бо зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок намебошад ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст ва дар б "в" қ.2

м.252 КҶ ҶТ бошад бо истифодаи зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок аст ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст, муқаррар шудааст.

Хусусияти ҷудо намудани ҳолати мазкури вазнинкунанда бо он асоснок мегардад, ки ба ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт истифодаи зӯроварӣ ҳамроҳ мегардад, ки ин ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятро зиёд мегардонад.

Ба андешаи А.В. Арендаренко сохтори ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро бидуни мақсади тасарруф, ки бо истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он содир шудааст, метавон шартан ба ду кирдори мустақил ҷудо намуд, кирдори асосӣ ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ва иловагӣ (ёрирасон) – зӯроварии дараҷаи гуногун. Вобаста ба робитаи ногусастани ва ягонагӣ ин ду кирдор ҷинояти ягонаро ташкил медиҳанд. Дар як қатор ҳолатҳо истифодаи зӯроварӣ ҳамчун усули бартараф намудани монеаҳо дар роҳи амали гардидани нияти ҷинояткорона – ба даст овардани воситаи нақлиёт ва сайр кардан бо он ҳисоб мешавад [129, с. 87].

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, ки бо истифодаи зӯроварӣ содир мешавад ба ҷой доштани ду объект тавсиф мегардад. Чунки дар ин маврид ба ғайр аз объекти асосӣ зарар инчунин ба объекти иловагӣ, ки ба сифати он саломатии инсон баромад менамояд, расонида мешавад.

Аломатҳои истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда, инчунин таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт дар б.22 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “**Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28 ошкор шуда**

**мутобиқи он** “ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт таҳти мафҳуми зӯроварие, ки барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок намебошад (банди "в" қисми 2-и моддаи 252 КҶ) бояд қасдона лату кӯб кардан ё содир намудани дигар ҳаракатҳои зӯроварие, ки бо расонидани дарди ҷисмонӣ ба ҷабрдида ё маҳдуд намудани озодии ӯ алоқаманд мебошад (бастани дастҳо, истифода бурдани дастбандҳо ва ғайра) фаҳмида шавад.

Таҳти мафҳуми зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок ё ин ки таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ ҳангоми рабудан (банди “в” қисми 3-и моддаи 252 КҶ) бояд ҳаракатҳои қасдонае, ки боиси ба саломатии ҷабрдида расонидани зарари миёна ё вазнин, инчунин зарари сабук, ки ба муҳлати кӯтоҳ ба вайрон шудани саломатӣ ё андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнат гардидааст ва таҳдиди содир намудани ҳаракатҳои номбаршуда, фаҳмида шаванд.

Ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, ки бо аломатҳои бандубасткунандаи дар боло зикргардида содир шудаанд, ҳаракати шахсро ба таври иловагӣ бо моддаҳои дахлдори КҶ барои ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатии инсон бандубаст кардан зарурат надорад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар натиҷаи зӯроварие, ки зимни рабудан истифода шудааст, марги ҷабрдида ба амал омадааст.

Дар мавриди ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт дар натиҷаи қасдан истифода намудани зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок аз беэҳтиётӣ боиси фавти ҷабрдида гардида бошад, кирдори содиршуда бояд вобаста аз ҳолатҳои мушаххаси кор бо банди “в” қисми 3-и моддаи 252 ва банди “в” қисми 3-и моддаи 110 КҶ бандубаст карда шавад” [168, с. 116].

Дар Қарори мазкур Пленум дар чӣ ифода ёфтани таҳдиди истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфноокнабударо ошкор накардааст, таҳдиди истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок бошад ба

таври тавтологӣ (сафсата) ҳамчун таҳдиди содир намудани ҳаракатҳои номбаршуда муайян шудааст.

Тавсифи бештар пурра ва амиқи истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда ва хавфнок буда, инчунин таҳдиди истифодаи онҳо дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» [168, с. 40-42] дода шудааст, ки тавзеҳоти мазкур бешубҳа мумкин аст нисбати ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф истифода шавад. Дар б “г” қ.2 м.248 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ барои ғоратгарӣ, ки бо “истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок нест ва ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ” содир шудааст, дар қ.1 м.249 роҳзанӣ ҳамчун ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр “бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст” муқаррар гардидааст. Ҳар ду ибораҳои дар моддаҳои мазкур истифодашаванда айнан дар б “в” қ.2 ва б “в” қ.3 м.252 КҶ ҶТ истифода шудааст.

Бояд зикр намуд, ки барои аз руйи б “в” қ.2 ё б “в” қ.3 м.252 КҶ ҶТ бандубаст намудани кирдори гунаҳгор зарур аст, ки зӯроварӣ дар ҷараёни ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт расонида шуда бошад. Аммо А.И. Коробеев чунин баён менамояд, ки ҷиноят бо истифодаи зӯроварӣ содиршуда эътироф мешавад, инчунин дар ҳолатҳое, ки худи факти ба даст овардани воситаи нақлиёт бо истифодаи зӯроварӣ алоқаманд набуда танҳо баъдан бо мақсади нигоҳ доштани он ба ҷабрдида зӯроварӣ истифода мешавад [45, с. 211-212]. Бо чунин андеша ба пуррагӣ розӣ будан мушкил аст. Зеро дар м.252 КҶ ҶТ сухан дар бораи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф меравад, ки бо истифодаи зӯроварӣ содир

шудааст, яъне зӯроварӣ бояд маҳз ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт истифода шавад.

Дар ҳолатҳое ки гунаҳгор аввал ҷабрдидаро аз ҳиссиёти авбошӣ лату куб намуда, баъд ба қарори ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт омада бошад, чунин кирдор низ аломати б “в” қ.2 м.252 КҶ ҶТ-ро ба вуҷуд намеоварад. Дар чунин ҳолат шахс барои ҳар як ҷинояти содирнамудааш ба таври алоҳида, масалан, аз рӯйи м.237 КҶ ҶТ ва м.252 КҶ ҶТ ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Ғайр аз ин, ҳангоми бандубасти кирдор мутобиқи б “в” қ.2 ё б “в” қ.3 м.252 КҶ ҶТ аҳаммият надорад, ки ба кӣ зуроварӣ ё таҳдиди он истифода мешавад, зеро дар моддаи баррасишаванда аломатҳои ҷабрдида инъикос карда нашудааст [131, с. 18]. Зӯроварӣ мумкин аст, нисбати молик, соҳиби дигар ё нисбати шахси бегона (масалан, нисбати қаровул ё шахси дигари ба содиршавии ҷиноят мақобилиятнишондиҳанда)  истифода шавад.

Зӯроварӣ мумкин аст аз зуроварии ҷисмонӣ ва ҳам руҳӣ иборат бошад. Зери мафҳуми зуроварии ҷисмонӣ таъсиррасонии ғайриқонунӣ ба ҷисми шахси дигар бархилофи иродаи ӯ [43, с. 27], расонидани зарари ҷисмонӣ бо роҳи таъсиррасонӣ ба узвҳо, бофтаҳо ё функсияҳои бадани ҷабрдида [98, с. 290]  фаҳмида мешавад.

Аммо дар б “в” қ.2 м.252 КҶ ҶТ сухан дар бораи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок набуда меравад. Аз ин ҷо ҳангоми истифода шудани зӯроварӣ шарт нест, ки нисбати ҷабрдида ё шахси дигар ҳатман таъсиррасонии ҷисмонӣ бо расонидани зарари ҷисмонӣ алоқаманд бошад. Тавассути истифодаи зуроварии ҷисмонӣ мумкин аст озодии шахс маҳдуд карда шавад.

Бандубасти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт мутобиқи б “в”қ.2 м.252 КҶ ҶТ дар ҳолатҳои зерин ҷой дошта метавонад. Якум, аз рӯйи аломати истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок набуда, агар кирдор бо лату кӯб ё содир намудани

дигар ҳаракатҳои зӯроваронаи бо расонидани дарди ҷисмонӣ ба ҷабрдида ё маҳдуд кардани озодӣ алоқаманд буда (бастани дастҳо, истифодаи дастбандҳо, дар бино маҳкам кардан ва ғайра), истифодаи он барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набошад. Дуюм, бо мақсади ба оҷизӣ расонидан бе розигии ҷабрдида ба бадани ӯ гузаронидани воситаҳои нашъадор, психотропӣ, сатхтаъсир ё заҳролуд бо мақсади рабудани воситаи нақлиёт низ бояд ҳамчун истифодаи зӯроварӣ баррасӣ шавад. "Вобаста ба ҳаёт ва саломатӣ хавфнок будан ё набудани воситаҳои мазкур кирдори гунаҳгор аз рӯйи б "в" қ.2 ё б "в" қ.3 м.252 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Хусусият ва хосияти таъсири воситаҳое, ки ҳангоми содир кардани ҷиноят истифода шудаанд, мумкин аст бо роҳи гузаронидани экпертиза муайян карда шавад" [168, с. 42].

Н.А. Лопашенко чунин намудҳои зуроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набударо ҷудо менамояд: 1) нигоҳ доштани ҷабрдида; 2) бо дигар роҳ маҳдуд кардани озодии ӯ; 3) аз пой афтонидани ҷабрдида; 4) тоб додани дасти ҷабрдида; 5) истифодаи дастбандаҳо; 6) истифодаи усулҳои ягон намуди муҳориба (каратэ, ҷудо); 7) ба ҷабрдида расонидани зарбаҳои алоҳида; 8) ба ӯ расонидани лату кӯб ва ғайра [61, с. 109]. Дар баробари ин, дар ҳама гуна ҳолат истифодаи зӯроварӣ бояд барои ҳаёт ва саломатии ҷабрдида хавфнок набошад.

Бандубасти кирдор мутобиқи б "в" қ.3 м.252 КҶ ҶТ дар ҳолатҳое мутобиқи тавзеҳоти Пленуми Суди Олии ҶТ имконпазир аст, ки "агар кирдор ҳангоми содир намудани ҷинояти мазкур боиси ба саломатии ҷабрдида расонидани зарари миёна ё вазнин, инчунин зарари сабук, ки ба муҳлати кӯтоҳ ба вайрон шудани саломатӣ ё андаке ба таври устувор аз даст додани қобилияти меҳнат гардида бошад ё бо таҳдиди содир намудани ҳаракатҳои номбаршуда, алоқаманд бошад" [168, с. 116]. Бояд зикр намуд, ки истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок вобаста ба ду ҳолат муайян карда мешавад: оқибатҳои дахлдори

истифодаи он ва усули таъсиррасонӣ. Бинобар ин, масалан, маҳдуд кардани озодӣ ё истифодаи зӯроварӣ, ки боиси расонидани зарар ба саломатӣ нагашта, аммо дар лаҳзаи истифода хавфи воқеиро барои ҳаёт ва саломатӣ ба вуҷуд овардааст, мумкин аст ҳамчун истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок эътироф шавад.

Вобаста ба ин ба мақсад мувофиқ мебуд агар б.22 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28 дар қисмати муайян намудани мафҳуми зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок бо иловаи зайл пурра карда шавад: **“Таҳти мафҳуми зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок..., инчунин маҳдуд кардани озодӣ ё истифодаи зӯроварӣ, ки боиси расонидани зарар ба саломатӣ нагашта, аммо дар лаҳзаи истифода хавфи воқеиро барои ҳаёт ва саломатӣ ба вуҷуд овардааст... фаҳмида шаванд”.**

Бандубасти кирдор аз рӯйи қ.2 ва 3 м.252 КҶ ҶТ дар ҳолатҳои истифода шудани таҳдиди истифодаи зуроварӣ низ имконпазир аст.

Зери мафҳуми зӯроварии руҳӣ дар қ.2 ва 3 м.252 КҶ ҶТ танҳо таҳдиди истифодаи зӯроварии ҷисмонӣ, яъне имконияти истифода шудани он фаҳмида мешавад. Дигар намудҳои зӯроварӣ, ба монанди таҳдиди несту нобуд кардани молу мулк, таҳдиди ошкор намудани маълумот, ки онҳоро ҷабрдида мехоҳад пинҳон дорад, ба мазмуни аломати мазкури вазнинкунанда дохил намешаванд. Ҳангоми ҷой доштани чунин таҳдид бандубасти ҷиноят аз рӯйи қ.1 м.252 КҶ ҶТ анҷом дода мешавад.

Таҳдиди истифодаи зӯроварӣ дар тарсонидани ҷабрдида оид ба истифода шудани зӯроварии ҷисмонӣ, аз ҷумла таҳдиди куштор ифода шуда метавонад. Гунаҳгор бо ин ё он шакл таҳдид намуда (бо сухан, имову ишора, намоиш додани силоҳ ва ғайра) мехоҳад, ки дар ҷабрдида

тасаввуроте ба вуҷуд ояд, агар ӯ муқобилият нишон диҳад ё талаботи ӯро иҷро накунад, таҳдид фавран амалӣ мегардад.

Таҳдидро бояд ҷабрдида ҳамчун воқеӣ ва амалишаванда қабул намояд. Маҳз воқеӣ будани таҳдид ҳамчун аломати ҳатмӣ ченаке ба ҳисоб меравад, ки барои баҳои дурусти ҳуқуқӣ додан ба кирдори гунаҳгор имкон медиҳад [78, с. 68]. Дар ҳолатҳое ки шахс бо предметҳои корношоям таҳдид менамояд ва ҷабрдида онро ҳамчун барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок қабул мекунад, таҳдид ҷой дошта эътироф мешавад.

Дар мавридҳое ки таҳдиди истифодаи зуроварӣ хусусияти номуайян дорад, масъалаи ба ҳаёт ва саломатӣ хавфнок будан ё набудани он бо назардошти ҳама ҳолатҳои кор: ҷой ва вақти содир кардани ҷиноят, шумораи гунаҳгорон, хусусияти олотҳое, ки бо онҳо ба ҷабрдида таҳдид карда шудааст, аз ҷиҳати субъективӣ қабул кардани таҳдид, содир кардани ягон намуди ҳаракатҳои намоишкоронаи мушаххас, ки дар бораи нияти истифода намудани зӯроварии ҷисмонӣ шаҳодат медиҳад ва ғайра, ҳал карда мешавад.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ андешае баён шудааст, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи он бояд аз лаҳзаи истифодаи зӯроварӣ хотимаёфта эътироф шавад (ба монанди роҳзанӣ) [45, с. 214]. Бо чунин андеша розӣ шудан мушкил аст. Роҳзанӣ ин ҳуҷум бо мақсади тасарруфи молу мулки ғайр бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ мебошад. Бинобар ин, ин ҷиноят аз лаҳзаи ҳуҷум хотимаёфта ҳисоб мешавад. Хотимаёбии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бо истифодаи зӯровариро бошад, қонунгузор ба лаҳзаи ҳай карда бурдан вобаста медонад. Истифодаи зӯроварӣ бо мақсади ба даст овардани воситаи нақлиёт ҷинояти хотимаёфта эътироф намешавад ва бояд ҳамчун суиқасд ба ин ҷиноят бандубаст карда шавад (қ.3 м.32 ва қ.3 м.252 КҶ ҶТ).

**Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бо расонидани зарар ба миқдори калон (б “а” қ.3 м.252 КҶ ҶТ).**

Пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои ҷинояти мазкур бо расонидани зарар ба миқдори калон ба соҳиби воситаи нақлиёт вобаста мебошад. Мутобиқи эзоҳи 2. м.244 КҶ ҶТ ҳангоми муайян намудани зарар ба миқдори калон андозаи арзиши молу мулке дар назар дошта шудааст, ки аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёдтар мебошад. Андозаи зарари ба моликияти шахсӣ расонидашуда, аз ҷумла зарар ба миқдори калон аз рӯи аҳволи моддии ҷабрдида муайян карда мешавад.

Чи тавре, аз эзоҳи м.244 КҶ ҶТ бармеояд дар он қонунгузор андозаи арзиши молу мулкро на ин ки андозаи зарарро муайян намудааст. Ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт зарар мумкин аст на танҳо дар арзиши нақлиёти рабудашуда, балки бо зарари ба чунин воситаи нақлиёт расонидашуда алоқаманд бошад, масалан, ҳангоми ба садама дучор шудани он. Бинобар ин, ҳангоми муайян намудани маблағи умумии зарар дар баробари арзиши нақлиёти рабудашуда, инчунин маблағи зарари ба нақлиёт расида, маблағи барои таъмири он сарфшаванда ва ғайра ба назар гирифта мешаванд.

Аз ин ҷо ба андешаи мо нисбати таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт муқаррароти эзоҳи м.244 КҶ ҶТ ба пуррагӣ мувофиқат намекунад.

Вобаста ба ин зарур шуморида мешавад, ки нисбати таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф мафҳуми зарар ба миқдори калон ва миқдори махсусан калон ба таври алоҳида дар эзоҳ ба м.252 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад. Бояд зикр намуд, ки расонидани зарар ба миқдори махсусан калон ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят аз мадди назари қонунгузор дур

мондааст. Ҳол он ки дар дигар моддаҳои ҷиноятҳо ба муқобили моликият чунин аломат ҳамчун асоси фарқгузорӣ намудани ҷавобгарӣ муқаррар шудаанд (б “а” қ.4 м.245 КҶ ҶТ, б “б”, қ.3 м.247 КҶ ҶТ  ва ғайра). Аз ин лиҳоз зарур мешуморем, ки расонидани зарар ба миқдори калон дар қ.2 ва расонидани зарар ба миқдори махсусан калон дар қ.3 м.252 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шавад.

Аз сабаби он ки дар қонунгузории ҷиноятӣ мазмуни мафҳуми “зарар ба миқдори калон”, инчунин маҳакҳои арзишии муайян намудани андозаи он ҷой надорад, бинобар ин дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ андешаҳои гуногун дар атрофи ин масъала баён мегардад.

Мутобиқи мавқеи як гуруҳ олимон зарар ба миқдори калон мутобиқи эзоҳи 4 м.158 КҶ ФР (эзоҳи 2 м.244 КҶ ҶТ) муайян гардида, он вобаста ба арзиши молу мулк, яъне воситаи нақлиёти рабудашуда муқаррар карда мешавад [41, с. 516].

Тарафдорони андешаи дуюм бар он ақидаанд, ки ҳангоми муайян намудани зарар ба миқдори калон бояд ҳам арзиши баҳои зарар ва ҳам ҳолатҳои дигари аҳаммиятдошта ба инобат гирифта шавад, масалан арзиши таҷҳизоти зарардидаи автомобил, маблағи зарар аз гум шудани намуди молии он, ки ин бо тартиби экспертиза муайян мегардад [39, с. 405].

Гуруҳи сеюми олимон, зарар ба миқдори калонро ҳамчун “зарари мушаххаси моддӣ ва дараҷаи зарари фоидаи аздастрафта” баррасӣ менамоянд [122, с. 13-19]. Масалан, ба андешаи А.И. Узденов зери мафҳуми зарар ба миқдори махсусан калон бояд ҳам зарари мушаххаси моддӣ ва ҳам дараҷаи зарар дар намуди фоидаи аздастрафта фаҳмида шавад [155, с. 163].

Бештар ба назари мо андешаи гуруҳи сеюми олимон қобили қабул буда, дохил намудани фоидаи аздастрафта ба таркиби зарар, ки дар б ““**а” қ.3 м.252 КҶ ҶТ) муқаррар шудааст, асоснок ҳисоб мешавад. Чунки масалан, соҳиби воситаи нақлиёти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдашаванда**

**онро агар дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода барад, аз чунин имконият муҳлати муайян маҳрум мегардад.**

Ғайр аз ин, бояд онро ба инобат гирифт, ки ҷинояти дар м.252 КҶ ҶТ муқарраршуда аз аввал дар фарқият аз тасарруф ба муваққатан ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт нигаронида шудааст.

Дигар асоси дохил намудани фоидаи аздастрафта ба таркиби зарар ин паст шудани арзиши молии воситаи нақлиёт ба ҳисоб меравад, ки мумкин аст ҳангоми зарар расонидан ба он ҷой дошта бошад. Паст шудани арзиши молӣ дар паст гардидани арзиши фурӯши он ифода мегардад.

Дар б.24 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" аз 18 декабри соли 2009 №28 ба назар гирифтани зарари воқеии расонидашуда муқаррар шудааст: ҳангоми бо б "а" қ.3 м.252 КҶ ҶТ, дар ҳолати расонидани зарар ба миқдори калон, бандубаст намудани ҳаракати шахсе, ки воситаи нақлиётро бидуни мақсади тасарруф ғайриқонунӣ ҳай карда бурдааст, бояд хароҷоти воқеан сарфкардаи соҳиби он барои таъмири автомобили ёфтшуда, агар ҳангоми рабудан вайрон карда шуда бошад, ба асос гирифта шавад.

Воситаи нақлиёти рабудашуда дучори вайроншавие шуда бошад, ки барқарор кардан ва минбаъд истифодаи онро имконнопазир гардонад, андозаи зарари расонидашуда бояд аз арзиши воқеии он дар санаи содир шудани ҷинояти зикргардида ҳисоб карда шавад" [168, с. 116].

Дар таҷрибаи судиву тафтишотӣ низ андозаи зарар вобаста ба зарари воқеан ба автомобил расонидашуда муайян карда мешавад. Масалан, шаҳрванд М.М. автомашинаи "Хундай-Старек"-и худро дар назди ошхонаии таваққуфгоҳ гузошта, худ вориди ошхона шудааст. Шаҳрванд П.М. бошад аз фурсати мусоид истифода бурда, бо мақсади содир

намудани ҷинояти ғайриқонунӣ рабудани автомобил автомобили номбурдаро, ки калид дар дохилаш буда, дараш кушода буд, савор шуда, ба самти беморхонаи Қарияи-Боло идора карда омада, ба садама дучор шуда, ба автомашина аз қисмати пешаш осеб расонида, ба маблағи умумии 8610 сомонӣ зарар расонидааст. Суд кирдори шаҳрванд П.М.-ро мутобиқи б “а” қ.3 м.252 КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил бидуни мақсади тасарруф бо расонидани зарар ба миқдори калон пешбинӣ мекунад, бандубаст намудааст [175].

Дар мисоли дигар шаҳрванд Ҳ.О. автомашинаи тамғаи “Мерседес-Бенс”-и ба шаҳрванд А.З. тааллуқдоштаро бе назорат дида, аз набудани ронанда истифода карда, бе иҷозати соҳибмулк бо калиди дардасташбуда, автомашинаи мазкурро ғайриқонунӣ идора намуда, зимни ҳаркат аз идора кардани автомашина набаромада, бо сурати баланд ба панҷараҳои оҳанини канори роҳ бархӯрда автомашинаи мазкурро корношоям мегардонад. Дар натиҷа мутобиқи ташхиси автотехникии РТК ВКД ҶТ ба шаҳрванд А.З. зарари моддӣ ба маблағи 229113 сомонӣ мерасонад. Суд ҳаракатҳои судшаванда Ҳ.О.-ро мутобиқи б “а” қ.3 м.252 КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил бидуни мақсади тасарруф бо расонидани зарар ба миқдори калон бандубаст намудааст [177].

Шаҳрванд Н.А. дар назди устои рангмол (маляр) О.С. ба касбомӯзӣ машғул шуда, санан 30-юми августи соли 2023, соати 04:00-и субҳ калиди автомашинаи тамғаи "Тайота кемри“, арзишаш 385000 сомонӣ, ки ба ҷабрдида Х. Р. тааллуқ дошта, охирон онро барои таъмир ба назди О. С. оварда буд, аз дохили ҷевони мошинсарой гирифта, ба воситаи он дари автомашинаро, ки дар саҳни ҳавлии манзили истиқоматӣ қарор дошт, кушода бидуни мақсади тасарруф ғайриқонунӣ ҳай карда, ба роҳи мошингард баромада, суръатаи ҳаракатро баланд карда, дар ин вақт аз

уҳдаи идора кардани он набаромада бо қисми пешаш ба дарахти дар шафати роҳ буда бармехӯрад.

Мувофиқи хулосаи экспертизаи судӣ-молшиносӣ арзиши зарари расонидашуда ба автомашинаи тамғаи “Тайота кемри" бо ҳисоби нархи миёнаи бозорӣ тақрибан 154000 сомониро ташкил додааст.

Инчунин, ноболиғ Н. Л. дар як вакт, яъне санаи 30-юми августи соли 2023, соати 04:00-и субҳ автомашинаи тамғаи “Тайота кемри"-ро, бидуни мақсади тасарруф ғайриқонунӣ ҳай карда, бархилофи талаботи банди 11 зербанди “п"-и Қондаҳои ҳаракат дар роҳ, ки шаҳодамномаи ронандагӣ барои идора карданн воситаҳои нақлиётро надошт амал намуда, рафиқаш Қ.Л.-ро аз манзили зисташ даъват карда, ба курсии пеши автомашинаи мазкур савор карда ба роҳи мошингард баромада, суръати ҳаракатро баланд карда, дар ин вақт аз уҳдаи идора кардани воситаи нақлиёт набаромада бо қисми пешаш ба дарахти дар шафати роҳбуда бармехӯрад.

Тибқи хулосаи ташхиси суди-тиббӣ, ҷароҳатҳои бардоштаи Қ. А. ҳамчун зарари вазнин ба саломатӣ расонидашуда мансуб дониста шудааст.

Ноболиг Н. А. дар маҷлиси судӣ худро дар содир кардани ҷиноят бо м.м. 252 қ. 3 б. “а" ва 212 қ.1 КҶ ҶТ пурра гунаҳгор шуморида, илова кард, ки ӯ қасди дуздии воситаи наклиётро надоштааст, танҳо аз рӯйи ҳавас бо мақсади ҳай кардани автомашина ба ин кирдор даст задааст.

Суд шаҳрванд Н. А.-ро дар содир кардани ҷиноят бо м.м. 252 қ. 3 б. “а” ва 212 қ.1 КҶ ҶТ гунаҳгор дониста ба ӯ бо б “а” қ.3 м.252 КҶ ҶТ ҷазо дар намуди маҳрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати хафт сол, бо қ.1 м.212 КҶ ҶТ ҷазо дар намуди махрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати як сол бо маҳрум кардани аз хуқуқи идора кардани воситаҳои наклиёт ба муҳлати як сол таъйин намудааст.

Дар асоси қ.3 м.67 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бо роҳи қисман зам кардани ҷазоҳои таъйиншуда ба Н. А. ҷазои ниҳоӣ дар намуди махрум сохтан аз озодӣ ба муҳлати хафт солу шаш моҳ

бо нигоҳ доштан дар колонияҳои тарбиявии дорои низоми умумӣ бо маҳрум сохтан аз хуқуқи идора кардани воситаҳои наклиёт ба муҳлати як сол, таъйин намудааст [180].

**Ҳамин тавр ҳангоми бандубасти кирдор мутобиқи б “а” қ.3 м.252 КҶ ҶТ бояд андозаи зарари воқеии моддии расонидашуда ба назар гирифта шавад. Арзиши воситаи нақлиёти рондашуда, ки ҳангоми рабудан зарар надидааст, наметавонад ҳамчун асос барои бандубасти кирдор ба миқдори калон бошад.**

Вобаста ба ин, чунин ҳолатро аз таҷрибаи судӣ мисол овардан мумкин аст. Бо ҳукми суди И.Сомонии шаҳри Душанбе шаҳрванд О.Д., бо б “а” қ. 3 м. 252 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон гунаҳгор дониста шуда, ба ӯ бо дастрасии м. 63 КҶ ҶТ ҷазои маҳруми аз озодӣ ба муҳлати 3 солу 6 моҳ бо адо намудани ҷазо дар колонияи ислоҳии дорои низоми пурзӯр таъйин карда шудааст.

Суди марҳилаи якум О.Д.- ро барои он маҳкум намудааст, ки ӯ бо маслиҳати пешакӣ бо роҳбарии як зани шиносаш, автомашинаи тамғаи «Хундай GENESIS», ки ба ҷабрдида Г. Э. тааллуқ доштааст, аз назди таваққуфгоҳ пинҳонӣ, ғайриқонунӣ, бидуни мақсади тасарруф ронда ба самти номаълум ғайб задааст, ки бо ин кирдори қасдонаашон ба ҷабрдида Г. Э. ба маблағи 1.150.000 сомонӣ зарари калони моддӣ расонидааст.

Дар натиҷаи гузаронидани як қатор чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯй аз ҷониби кормандони милитсия автомашинаи мазкур ҳамчун далели шайъӣ дарёфт карда гирифта шудааст. Тибқи хулосаи экспертизаи судӣ-молшиносӣ-нақлиётии МДЭС Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми истифодабарӣ автомашинаи тамгаи “Хундай GENESIS” фарсудашавии он 3% муайян гардида, арзиши эҳтимолии он дар вақти азназаргузаронӣ 1.071.687 сомонӣ муқаррар карда шудааст.

Бо ҳукми дар боло зикршуда муовини Прокурори генералии ҶТ розӣ нашуда, эътирози назоратӣ оварда, ваҷҳ оварда, хоҳиш намудааст, ки

Ҳукми суди ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе нисбати О.Д. бо б «а» қ. 3 м. 252 КҶ ҶТ бинобар нодуруст бандубаст намудан тағйир дода шуда, кирдори маҳкумшуда бо б.“б” қ. 2 м.252 КҶ , яъне аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ аз нав бандубаст карда шавад.

Суди ш.Душанбе эътирози назоратии муовини Покурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбати ҳукми мазкур баррасӣ намуда, онро бинобар нодуруст бандубаст намудани кирдори маҳкумшуда, ғайриқонунӣ ҳисобида, тағйир додани онро бо асосҳои зерин зарур шумо`ридааст.

“Мувофиқи б. 24 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №28 аз 18 декабри соли 2009 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни тасарруф” ҳангоми бо б.“а” қ. 3 м. 252 КҶ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати расонидани зарар ба микдори калон, бандубаст намудани ҳаракати шахсе, ки воситаи нақлиётро бидуни мақсади тасарруф ғайриқонунӣ ҳай карда бурдааст, бояд хароҷоти воқеан сарфкардаи соҳиби он барои таъмири автомобили ёфташуда, агар ҳангоми рабудан вайрон карда шуда бошад, ба асос гирифта шавад.

Аз муҳтавои ин меъёри Қарори Пленуми Суди Олӣ бармеояд, ки ҳангоми ғайриқонунй ҳай карда бурдани автомобил ба он зарар расонида шуда ва бояд аз ҷониби мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судӣ зарари моддии ба ҷабрдида расонидашуда муайян карда шуда бошад.

Мақомоти тафтишоти пешакӣ ва судӣ маблағи арзиши автомобилро ба инобат гирифта, онро ҳамчун зарари калон ҳисоб намудаанд, ки ин мутлақо нодуруст аст. Зеро ғайриқонуни ҳай карда бурдани автомобил аз ҷониби маҳкумшуда бидуни мақсади тасарруф буда, дар ин ҳолат арзиши автомобил барои бандубасти кирдор аҳаммият надорад [167].

**Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, ки аз ҷониби гурӯҳи муташаккил содир шудааст ( б “б” қ.3 м.252 КҶ ҶТ).**

Гуруҳи муташаккил дараҷаи нисбатан баланди устувории робитаҳои субъективии миёни шариконро доро мебошад. Аломати содир намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт аз ҷониби гуруҳи муташаккилро қонунгузор дар қ. 3 м.252 КҶ ҶТ ҳамчун ҳолати махсусан вазнинкунанда муқаррар намудааст.

Дар қонунгузории ҷиноятии амалкунанда гуруҳи муташаккил ҳамчун содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, муайян гардидааст (қ.3 м.39 КҶ ҶТ).

Мутобиқи муқаррароти қонунгузорӣ, гурӯҳи муташаккил бо чунин аломатҳо тавсиф карда мешавад:

1. **Ҳайати гурӯҳи шахсон** – гурӯҳ бояд аз ду ё зиёда нафар иборат бошад.
2. **Устуворӣ** – фаъолияти гурӯҳ бояд дорои хусусияти доимӣ ё давомнок бошад.
3. **Муттаҳидии пешакӣ** – аъзоён қаблан барои содир кардани ҷиноят созиш мекунанд.
4. **Мақсади ҷинояткорона** – гурӯҳ бо мақсади содир намудани як ё якчанд ҷиноят ташкил карда мешавад.

**Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» (бо тағйиру иловаҳо бо қарори Пленум аз 30 июни соли 2011, таҳти №2) [168, с. 38]** чунин омадааст: “Бар хилофи гуруҳи шахсоне, ки пешакӣ дар бораи якҷоя содир намудани ҷиноят маслиҳат кардаанд, гуруҳи муташаккил, аз ҷумла, аз рӯйи устувориаш, дар ҳайати он мавҷуд будани ташкилкунанда (роҳбар) ва доштани нақшаи пешакӣ тартибдодашуда фаъолияти якҷояи ҷинояткорона, тақсим намудани

вазифаҳо байни аъзоёни гуруҳ ҳангоми тайёрӣ ба содир кардани ҷиноят ва амалӣ намудани қасди ҷинояткорона, тавсиф карда мешавад.

Дар бораи устувории гуруҳи муташаккил на танҳо фосилаи зиёди замони мавҷудияти он, аз ҷониби аъзои гуруҳ якчанд маротиба содир гардидани ҷиноят, балки аз ҷиҳати техникӣ таҷҳизонидани он, давомнокии тайёрии ҳатто яке аз ҷиноятҳо, ҳамчунин дигар ҳолатҳо (масалан, тайёрии махсуси иштирокчиёни гуруҳи муташаккил барои ворид шудан ба анборхона барои гирифтани пул ё дигар сарватҳои моддӣ) шаҳодат дода метавонанд.

Ҳангоми содир намудани ғоратгарӣ аз ҷониби гуруҳи муташаккил содиргардида эътироф намудан, ҳаракатҳои содиргардида, бояд чун ҳамиҷрокунандагон, бе ҳавола ба м. 36 КҶ ҶТ бандубаст карда шаванд (б.17).” [168, с. 38].

**Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи таҷрибаи татбиқ намудани қонунгузорӣ оид ба хариду фурӯши одамон ва хариду фурӯши ноболиғон” [168, с. 178] аз 23 декабри 2011 №12** гуруҳи муташаккилро чунин муайян намудааст: Гурӯҳи муташаккилро аз гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ аз рӯйи аломати устуворӣ ва муташаккилӣ фарқ мекунанд. Аз рӯйи қоида, ба чунин гурӯҳ сатҳи баланди муташаккилӣ хос аст, он содир намудани ҷиноятро дақиқ омода намуда, ба нақша мегирад, нақшҳоро байни ҳамиштирокчиён тақсим мекунад, бо техника муҷаҳҳаз мегардонад. “Ҳамин тавр, оид ба устуворӣ, муттаҳидшавии ду ва ё зиёда шахсон ба муҳлати нисбатан дароз барои содир намудани як ва ё якчанд ҷинояте, ки бо тайёрии якҷояи тулонӣ ё иҷроиши мураккабона ҳамроҳ мебошад, шаҳодат медиҳад. Муташаккилӣ дар тобеияти иштирокчиёни гурӯҳ ба нишондодҳои як ва ё якчанд шахс, қатъиян дар ноил гаштан ба амалисозии ҳадафҳои ҷинояткорона зоҳир мешавад (б.25)”. [168, с. 178]

**Дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи татбиқи меъёрҳои қонунҳои ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ оид ба мубориза бар зидди терроризм” аз аз 14 июни соли 2013 №5 чунин**

**муайян шудааст:** зери мафҳуми гурӯҳи муташаккил-гурӯҳи устувори шахсоне, ки пешакӣ барои содир кардани як ё якчанд ҷиноят муттаҳид шудаанд, фаҳмида мешавад. Дар бораи устувории гурӯҳи муташаккил муҳлати дароз мавҷуд будани он, борҳо содир намудани ҷиноят аз тарафи аъзои гурӯҳ, таъминоти техникӣ ва тақсимоти нақшҳо байни аъзои гурӯҳ, муддати дуру дарози тайёрӣ ҳатто ба як ҷиноят, инчунин дигар ҳолатҳо (масалан, тайёрии махсуси иштирокчиёни гурӯҳ) шаҳодат медиҳанд (б.6) [168, с. 218-219].

Чи тавре мушоҳида мешавад, дар Қарорҳои зикршудаи Пленуми Суди Олии ҶТ аломатҳои гуруҳи муташаккил ва доираи он ба таври гуногун тавзеҳ дода шудааст. Дар умум метавон аз тавзеҳотҳои мазкур чунин аломатҳои тавсифдиҳандаи гуруҳи муташаккилро ҷудо намуд:

1) устуворӣ;

2) мавҷуд будани ташкилкунанда;

3) ҷой доштани нақшаи пешакӣ;

4) фаъолияти якҷояи ҷинояткорон;

5) тақсими вазифаҳо байни аъзоёни гуруҳ;

6) сатҳи баланди муташаккилӣ;

7) бо техника муҷаҳҳаз будан;

8) муҳлати дароз мавҷуд будани гуруҳ;

9) таъминоти техникӣ.

Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ низ гуруҳҳои муташаккил ба таври гуногун тавзеҳ дода мешавад.

Гуруҳи аввали олимон гуруҳи муташаккилро бештар тавассути аломатҳои криминологӣ муайян месозанд. Масалан, ҳамчун муттаҳидии шахсоне, ки малакаҳои хоси ҷиноятӣ, робита, таҷриба доранд, дурудароз мавҷуд будани гуруҳ ё ташкили гуруҳ бо мақсади фаъолияти давомдори ҷиноятӣ, доимӣ будани ҳайат ва шаклу усулҳои фаъолияти ҷиноятӣ, омодагии дурудароз ва истифодаи воситаҳои гуногуни техникӣ, нақлиёт ва ғайра [108, с. 19-20].

Бешубҳа аломатҳои зикршуда ба гуруҳи муташаккил хос мебошанд, аммо ин аломатҳо гуруҳи муташаккилро аз шарикӣ бо тақсими нақшҳо ва гуруҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ фарқ карда наметавонанд.

Олимони дигар гуруҳи муташаккилро тавассути хусусиятҳои ҳуқуқии ҷиноятии он ба монанди аломатҳои устуворӣ ва пешакӣ муттаҳид шудани аъзоёни он барои содир намудани як ё якчанд ҷиноят ва то андозае ягонагии ниятҳои ҷиноятӣ муайян месозанд [110, с. 47-49].

Бояд ба андешаи Р.Х. Кубов розӣ шуд, ки чунин баён менамояд, ки проблемаи асосӣ дар он аст, ки қонунгузор ин ё он шаклҳои шарикӣ дар ҷиноятро тавассути аломатҳое тавсиф медиҳад, ки худ аломатҳои баҳододашаванда ба ҳисоб рафта ҳангоми ошкор намудани моҳияти онҳо омезиши маҳакҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, криминологӣ ва сотсиологӣ сурат мегирад. Дар натиҷа ҷудо намудани шаклҳои мураккаби шарикӣ аз рӯйи парвандаҳои мушаххас мушкилотро ба вуҷуд меорад [50, с. 15-16].

Ҳамин тавр, аломатҳои гуруҳи муташаккил аз инҳо иборат мебошад: устуворӣ, ки зери он на танҳо мунтазам содир намудани ҷиноят, балки дурудароз тайёрӣ дидан ба содир намудани ҷиноят ҳангоми тақсими амиқи нақшҳо байни шарикон фаҳмида мешавад.

Ҷой доштани маслиҳати пешакӣ барои амалӣ намудани фаъолияти ҷиноятӣ, яъне тақсими нақшҳоро ҳангоми содир намудани ҷиноят ифода месозад.

Муносибати аъзоёни гуруҳ ба ҷинояти содиршуда, яъне онҳо бояд дарк намоянд, ки ба гуруҳи муташаккил мансуб мебошанд, ҷиноятро дар якҷоягӣ бо дигар шарикон барои ноил шудан ба мақсади муайян содир менамоянд.

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ баъзе олимон андеша доранд, ки аз қатори ҳолатҳои вазнинкунандаи м.252 КҶ ҶТ бояд содир шудани он аз ҷониби гуруҳи муташаккил хориҷ карда шавад. Чунки аломати гуруҳи муташаккил бо хусусиятҳои мавридӣ, нобаҳангом содир шудани рабудани

воситаи нақлиёт мувофиқат наменамояд [139, с. 9]. Бо чунин андеша қисман розӣ шудан мумкин аст. Аммо бояд зикр намуд, ки асоснокии дохил намудани аломати мазкур ҳамчун ҳолати вазнинкунанда бо он шарҳ дода мешавад, ки гуруҳи муташаккил мумкин аст барои содир намудани якчанд ҷиноят таъсис дода шуда бошад ва воситаи нақлиёти рабудашуда ҳамчун воситаи содир намудани ҷинояти дигар баромад намояд, яъне аз ҷинояти мазкур дар ҷараён ё рафти содир намудани ҷиноятҳои дигар ҷой дошта бошад.

**Ҳамин тавр, аломатҳои вазнинкунандаи ҷинояти мазкурро таҳлил намуда, ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:**

1. Якчанд бор аз тарафи гунаҳгор истифода шудани воситаи нақлиёт, ки ӯ онро муваққатан ғайриқонунӣ ҳай карда бурдааст такроран ҳисобида намешавад, агар чунин кирдорро қасди ӯ дарбар гирифта бошад. Дар ҳолатҳое ки, вақте пас аз содир намудани ҷиноят гунаҳгор бо хоҳиши пинҳон доштани ҷиноят онро ба макони ҷойгиршавии аввалааш бурда расонида, пас аз он боз чунин воситаи нақлиётро ғайриқонунӣ ҳай карда барад, дар ин маврид такроран содир намудани ҷинояти мазкур ҷой дорад. Чунин тавзеҳот бояд дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28 мустаҳкам карда шавад.

2. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ дорои аломатҳои объективӣ ва субъективӣ мебошад. Аломатҳои объективӣ бо чунин хусусиятҳо тавсиф мегардад: якум, дар содир намудани ҷиноят бояд на камтар аз ду шахс иштирок намояд, ки ҳар яки он субъекти ҷиноят ҳисоб мешавад; дуюм, бояд кирдорҳои шарикон якҷоя бошад; сеюм, содир

намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ иштироки ду ва ё зиёда шахсро дар иҷро намудани тарафи объективии ҷинояти пешакӣ маслиҳатшударо талаб менамояд. Аломатҳои субъективӣ дар он ифода мегардад, ки гунаҳгорон ҳангоми шарикӣ танҳо қасдан амал менамоянд.

3. Дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" аз 18 декабри соли 2009 №28 дар чӣ ифода ёфтани таҳдиди истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ё саломатӣ хавфнок набударо ошкор накардааст, таҳдиди истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок бошад ба таври тавтологӣ (сафсата) ҳамчун таҳдиди содир намудани ҳаракатҳои номбаршуда муайян шудааст. Тавсифи бештар пурра ва амиқи истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок набуда ва хавфнок буда, инчунин таҳдиди истифодаи онҳо дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни 2004, таҳти №3 «Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ» [168, с. 40-42] дода шудааст, ки тавзеҳоти мазкур бешубҳа мумкин аст нисбати ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф истифода шавад.

Вобаста ба ин ба мақсад мувофиқ мебуд агар б.22 Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф" аз 18 декабри соли 2009 №28 дар қисмати муайян намудани мафҳуми зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок бо иловаи зайл пурра карда шавад: **"**Таҳти мафҳуми зӯроварии барои ҳаёт ва саломатии инсон хавфнок..., инчунин маҳдуд

кардани озодӣ ё истифодаи зуроварӣ, ки боиси расонидани зарар ба саломатӣ нагашта, аммо дар лаҳзаи истифода хавфи воқеиро барои ҳаёт ва саломатӣ ба вуҷуд овардааст... фаҳмида шаванд”.

4. Зарур шуморида мешавад, ки нисбати таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф мафҳуми зарар ба миқдори калон ва миқдори махсусан калон ба таври алоҳида дар эзоҳ ба м.252 КҶ ҶТ муқаррар карда шавад. Бояд зикр намуд, ки расонидани зарар ба миқдори махсусан калон ҳамчун ҳолати вазнинкунандаи ҷиноят аз мадди назари қонунгузор дур мондааст. Ҳол он ки дар дигар моддаҳои ҷиноятҳо ба муқобили моликият чунин аломат ҳамчун асоси фарқгузорӣ намудани ҷавобгарӣ муқаррар шудаанд (б “а” қ.4 м.245 КҶ ҶТ, б “б”, қ.3 м.247 КҶ ҶТ ва ғайра). Аз лиҳоз зарур мешуморем, ки расонидани зарар ба миқдори калон дар қ.2 ва расонидани зарар ба миқдори махсусан калон дар қ.3 м.252 КҶ ҶТ мустаҳкам карда шавад.

**5.** Ҳангоми бандубасти кирдор мутобиқи б “а” қ.3 м.252 КҶ ҶТ бояд андозаи зарари воқеии моддии расонидашуда ба назар гирифта шавад. Арзиши воситаи нақлиёти рондашуда наметавонад ҳамчун асос барои бандубасти кирдор ба миқдори калон бошад.

### 3.2. Ҷудо намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз таркиби ҷиноятҳои дигар

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурадани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бо таркиби як қатор ҷиноятҳо монандӣ дорад, ки ин зарурати аз ҳам ҷудо намудани чунин таркибҳоро дар таҷрибаи судиву тафтишотӣ ба вуҷуд меорад. Пеш аз ҳама, таркиби ҷинояти баррасишаванда бо ҷинояти дар м.244 КҶ ҶТ муқарраршуда наздикӣ дорад. Мушкили дар фарқ намудани ҷинояти м.252 КҶ ҶТ ва м.244 КҶ ҶТ аз он вобаста аст, ки аломатҳои объективии ҷиноятҳои мазкур асосан бо ҳам мувофиқат менамоянд. “Объект ва предмети ҳар ду ҷиноят

мумкин аст ҳамон як чиҳо бошад. Ғайр аз ин зикр мешавад, ки ҳар ду ин ҷиноят бо мақсади ғаразнок содир мешаванд” [120, с. 62]. Аммо бо чунин андеша мо розӣ буда наметавонем. Зеро фарқияти асосии рабудани воситаи нақлиёт аз дуздӣ маҳз бештар дар ҷой надоштани мақсади ғаразнок ифода мегардад, ки чунин аломати фарққунанда аз ҷумла дар диспозитсияи м.252 КҶ ҶТ низ зикр шудааст.

Ҷиноятҳои мазкур бо якчанд аломатҳои дигар аз ҳамдигар фарқ менамоянд. Масалан, вобаста ба лаҳзаи хотимаёбӣ. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз лаҳзи аз ҷои воқеъ буданаш ҳай кардан ё ин ки аз як ҷой ба ҷойи дигар бурдани он  (аз ҷумла бе ба кор даровардани муҳаррики он), дуздӣ бошад “дар мавриде тамомшуда ҳисобида мешавад, ки агар молу мулк гирифта шуда бошад ва гунаҳгор барои аз рӯйи салоҳдиди худ истифода бурдан ё ихтиёрдорӣ намудани он (масалан, молу мулки тасарруфшударо ба манфиати худ ё ба манфиати дигарон равона кунад, ё аз рӯйи ғараз бо дигар тарз онро ихтиёрдорӣ намояд) имконияти воқеӣ дошта бошад” (Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ аз 25 июни соли 2004 “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба парвандаҳои марбут ба дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ ва роҳзанӣ”) [168, с. 36].

Тарафи субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ба монанди дуздӣ бо қасд дар намуди қасди бевосита тавсиф мегардад: гунаҳгор дарк менамояд, ки воситаи нақлиёти шахси дигарро ғайриқонунӣ ҳай карда бурда истодааст ва содир намудани чунин ҳаракатро мехоҳад, аммо мақсади ба моликияти худ ё шахси дигар табдил додани онро надорад. Ҳамин тариқ вобаста ба тарафи субъективӣ ҷинояти мазкур “аз тасарруфи автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бо он фарқ мекунад, ки дар он гунаҳгор мақсади ройгон ва бебозгашт аз худ кардани онҳоро надорад, зеро ки ӯ танҳо нияти муваққатан истифода бурдани воситаҳои нақлиётро дорад” [83, с. 573].

Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба таносуби таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт ва дуздӣ асосан ду мавқеъ ҷой дорад. Мутобиқи андешаи гуруҳи аввали олимон аломати асосии фарққунандаи ин ҷиноятҳо “аз ҷой доштан ё надоштани мақсади ғаразнок вобаста мебошад, ки муқаррар намудани он на ҳама вақт дар таҷриба имконпазир аст. Бинобар ин пешниҳод мешавад, ки таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф хориҷ карда шуда, ҳама ҳолатҳои содир шудани чунин кирдор вобаста ба ҳолатҳои кор ҳамчун тасарруф бандубаст гардад” [130, с. 12].

Инчунин иброз мешавад, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҳама вақт тасарруфи (муваққатан аз они худ кардан) воситаи нақлиёт на чизи дигар ба ҳисоб меравад, ки он вобаста ба ҳолатҳои кор мумкин аст ҳам бо роҳи ихтиёран даст кашидан (вақте ки воситаи нақлиёт ба соҳибаш баргардонида ё дар ягон ҷой партофта мешавад) ё ғайриқонунӣ ихтиёрдорӣ кардан, масалан бо роҳи қисман ё пурра несту нобуд кардани он хотима ёбад.

Чунин ба назар мерасад, ки қонунгузор рабудани воситаи нақлиётро аз доираи тасарруф вобаста ба он берун намудааст, ки он дар бисёр ҳолатҳо аз рағбати ҷавонӣ ё барои қонеъ гардонидани талаботи яклаҳзаинаи шахс барои нақлиёт содир мешаванд ва гарчанде ки расман аломатҳои тасарруф дар чунин кирдор ҷой дошта бошад ҳам ба ҷамъият хавфнокии он ва ҳам хавфнокии шахсияти гунаҳгор мумкин аст назар ба тасарруфи одӣ камтар бошад. Зеро молу мулк гарчанде аз соҳибии қонунии молик берун шавад ҳам имконияти баргардонидани он ба молик зиёдтар мебошад (аз ҷониби худи гунаҳгор ихтиёран баргардонидан, ошкор шудан аз ҷониби милитсия, шаҳрвандон, аз тарафи худи ҷабрдида пайдо кардан) [109, с. 6].

Гуруҳи дуюми олимон пешниҳод месозанд, ки бояд аломатҳои таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт

такмил дода шуда, дар Қарори Пленуми Суди Олӣ ба таври пурра тавзеҳ дода шаванд. Олимони мазкур фарқияти байни рабудани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ва дуздиро дар лаҳзаи хотимаёбии ин ҷиноятҳо, қасди гунаҳгор ва мақсади содир шудани чунин кирдорҳо мебинанд [119, с. 44]. Масалан, Ю.С. Белик фарқияти байни ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ва дуздиро дар он мебинад, ки тарафи субъективии ҷинояти аввал бо қасди бевоста тавсиф гардида гунаҳгор дарк месозад, ки ғайриқонуӣ автомобил ё дигар воситаи нақлиётро бархилофи иродаи молики он рабуда истодааст ва содир намудани чунин ҳаракатро мехоҳад. Дар баробари ин мақсади ба моликияти худ ё шахси дигар табдил додани он ҷой надорад. Мақсади гунаҳгор мумкин аст аз ба рафиқон намоиш додани малакаи рондани воситаи нақлиёт, нияти истифодаи он барои анҷом додани корҳои худ ва ғайра иборат бошад. Агар гунаҳгор воситаи нақлиётро бо мақсади ба қисмҳо ҷудо намудани он ва минбаъд истифодаи онҳоро ба сифати қисмҳои эҳтиётӣ дошта бошад кирдор ҳамчун тасарруф бандубаст карда мешавад [131, с. 96].

Масъалаи аз ҳам ҷудо намудани таркиби ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ва шаклҳои тасарраф бахусус дуздӣ ҳангоми бандубасти кирдорҳои гунаҳгор дар ҳолатҳои муайян гуногунандеширо ба вуҷуд меорад. Дар чунин маврид дар адабиётҳои ҳуқуқӣ асосан ду ақида иброз шудааст. Мутобиқи андешаи гуруҳи аввали олимон рабудани воситаи нақлиёт бо мақсади тасарруф намудани қисмҳои алоҳидаи он бояд ҳамчун тасарруф бандубаст карда шавад. Дар чунин ҳолат маҷмуи ҷиноят ҷой надорад, зеро рабудани нақлиёт ҳамчун воситаи содир намудани тасарруф ҳисоб мешавад.

Маҷмуи ҷиноят дар ҳолатҳое ҷой дошта метавонад, ки агар қасд барои тасарруфи қисмҳои нақлиёт пас аз рабудани воситаи нақлиёт ба вуҷуд омада бошад [74, с. 69] ё рабудани восита нақлиёт бо мақсади

тасарруф намудани предметҳое содир шавад, ки ба қисмҳои воситаи нақлиёт мансуб набошанд [143, с. 47].

Мутобиқи андешаи гуруҳи дуюми олимон ҷой надоштани мақсади тасарруф танҳо ба воситаи нақлиёти рабудашаванда дахл дорад. Бинобари ин, рабудани нақлиёт бо мақсади тасарруф намудани бори дар он буда бояд ҳамчун маҷмуи ҷиноятҳо бандубаст карда шавад [113, с. 13-14].

Ба андешаи мо бештар чунин мавқеъ қобили қабул мебошад, ки мувофиқи он рабудани воситаи нақлиёт бо мақсади ба қисмҳо ҷудо намудани он ва минбаъд истифода намудани онҳо ҳамчун қисмҳои эҳтиётӣ таркиби тасарруфро ташкил медиҳад. Чунин мавқеъ бо он асоснок мешавад, ки қасд барои тасарруф то аз ҷониби гунаҳгор амалӣ гаштани тарафи объективии ҷиноят ба вуҷуд омадааст, яъне гунаҳгор мақсади ба даст овардани фоидаи молу мулкиро дошт. Рабудани воситаи нақлиёт дар чунин маврид ҳамчун усули содир намудани тасарруф ба ҳисоб меравад. Маҷмуи воқеии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани нақлиёт ва дуздии қисмҳои алоҳидаи он танҳо дар ҳолатҳое имконпазир аст, ки агар қасд барои тасарруф пас аз содир шудани рабудани нақлиёт содир шуда бошад [139, с. 62]. Вале зикр кардани он ки дар “рабудани воситаи нақлиёт дар чунин маврид ҳамчун усули содир намудани тасарруф ба ҳисоб меравад” чандон дуруст нест. Зеро ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт усули тасарруф ба ҳисоб намеравад. Дар чунин ҳолатҳо бандубасти кирдор аз рӯйи м.252 КҶ ҶТ бо сабаби ҷой доштани аломатҳои тасарруф талаб карда намешавад.

Баъзе аз олимон барои фарқгузорӣ намудани байни дуздӣ ва рабудани воситаи нақлиёт аломати давомнокии истифодаи воситаи нақлиётро мегузоранд. Масалан, Ю.А. Панова баён медорад, ки дар ҳолатҳои якчанд ҳафта давом ёфтани рабудани воситаи нақлиёт он бояд ҳамчун тасарруф бандубаст карда шавад. Бинобар ин олими мазкур муқаррар намудани доираи муайяни вақтро пешниҳод месозад (се

шабонарӯз пас аз додани ариза дар бораи рабудани воситаи нақлиёт), ки бо гузашти он кирдор ҳамчун рабудани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф пас аз гузашти он бошад бояд ҳамчун дуздани воситаи нақлиёт ҳисоб шавад [147, с. 113].

Л.Д. Гаухман ва С.В. Максимов муҳлати нисбатан дарозтари рабудани воситаи нақлиётро пешниҳод менамуданд, ки бо гузашти он ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ба тасарруф мубаддал мешавад. Чунин муҳлат ба андешаи онҳо мумкин аст шаш моҳ аз лаҳзаи воқеан дур мондани воситаи нақлиёт аз соҳибии қонунии соҳибмулк эътироф шавад [31, с. 144].

Ба андешаи мо муқаррар намудани чунин муҳлат зарурат надорад. Чунки аз ҳам ҷудо намудани рабудани воситаи нақлиёт ва тасарраф на фақат тавассути муҳлати истифодаи воситаи нақлиёт, балки бо аломатҳои дигари объективӣ: тағйир надодани намуди зоҳирии воситаи нақлиёт, истифодаи яккаратаи он, ҷойи пайдо шудани нақлиёт ва ғайра, инчунин бо аломатҳои субъективӣ (вақти ба вуҷуд омадани қасд, мақсади рабудан, ангезаи он)  мумкин аст муайян карда мешавад. Ғайр аз ин, чи тавре А.И. Коробеев баён медорад, дар мавриди чунин мавқеъ принсипи гунаҳгории субъективӣ вайрон мегардад: лозим мешуд, ки аз рӯйи асосҳои расмӣ ҳаракатҳоеро, ки бо қасди гунаҳгор фаро гирифта намешаванд, ҳамчун тасарруф бандубаст намоем [45, с. 208].

Ҳангоми фарқ намудани дуздӣ ва ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт бояд як қатор маълумотҳои объективӣ ба назар гирифта шаванд, аз ҷумла давомнокии истифодаи воситаи нақлиёт, аз ҷониби гунаҳгор додани воситаи нақлиёти рабудашуда барои истифода ба шахсони дигар, якчандкарата истифода намудани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт ҳатто дар ҷараёни муҳлати на чандон зиёд, тағйир додани шакли берунаи автомобил, вақти ба вуҷуд омадани қасд барои ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт ва ғайра [112, с. 247].

Дар чунин ҳолат низ ба сифати аломати фарққунанда дар умум мазмуни қасд ва мақсади ҷиноят нишон дода шудааст.

Андешаи дигар низ ҷой дорад, ки мувофиқи он агар ҳангоми рабудани воситаи нақлиёт мақсади раҳоӣ ёфтан аз хароҷот вуҷуд дошта бошад, ҷинояти м.252 КҶ ҶТ ҷой дорад, дар ҳолати муқаррар шудани доштани хоҳиши ба дастовардани фоидаи моддӣ кирдор ҳамчун тасарруф бандубаст карда мешавад [154, с. 77].

Чунин андеша ба назари мо номушаххас мебошад. Зеро номуайян аст, ки олим "мақсади раҳоӣ ёфтан аз хароҷот" гуфта чиро дар назар дорад. Бар замми ин рабудани воситаи нақлиёт дар фарқият аз тасарруф мумкин аст бо мақсад ва ангезаҳои гуногун содир шавад. Муҳим он аст, ки бояд дар кирдори шахс аломатҳои тасарруф ҷой надошта бошанд.

Аз ҷониби олимон роҳҳои дигари ҳал намудани фарқгузорӣ кардани ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт ва тасарруф пешниҳод мегардад. Масалан, А.С. Климов иброз медорад, ки бояд ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт ва тасарруфи он дар як модда муттаҳид карда шуда, дар эзоҳ шартҳои фарққардани онҳо муқаррар гардад: "Дар ҳолатҳои дар муҳлати се рӯз аз лаҳзаи рабудан ихтиёран барнагардонидани воситаи нақлиёт бо ҳамон ҳолати техникие, ки дар лаҳзаи рабудан ҷой дошт, кирдор ҳамчун тасарруф баррасӣ мегардад" [138, с. 17-18].

А.Н. Игнатов андеша дорад, ки дар таҷриба муқаррар намудани мақсади тасарруф дар шахси воситаи нақлиётро рабуда хеле мушкил мебошад. Бинобар ин, бо мақсади пурзӯр намудани мубориза бо ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил зарур мебуд, агар таркиби ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан бидуни нишон додани мақсади тасарруф барои дилхоҳ ҳолати содир намудани чунин ҳаракатҳо новобаста аз мақсади он муқаррар карда мешуд [40, с. 394].

Албатта бо чунин пешниҳод розӣ шудан мушкил аст, зеро он зарурати аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ исбот намудани ҷой доштан ё надоштани ангезаи ғараз ва қасд барои тасарруфро истисно намесозад. Ғайр аз ин дараҷаи ба ҷамъият хавфнокии бо мақсади тасарруф ё бидуни он рабудани воситаи нақлиёт гуногун мебошад. Бар замми ин дар модда муттаҳид намудани тасарруф ва кирдори бо тасарруф алоқаманднабуда таснифи ҷиноятҳо ба муқобили моликият ва дар моддаҳои алоҳида пешбинӣ шудани онҳоро халалдор месозад.

Ҷинояти дигаре, ки дар баробари ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт содир шуда метавонад, ин авбошӣ ба ҳисоб меравад. Дар мавриди ҷудо намудани ҷинояти авбошӣ аз ҷинояти мазкур онро ба назар гирифтан лозим аст, ки авбошӣ дар қатори ҷиноятҳо ба муқобили тартиботи ҷамъиятӣ ҷойгир шудааст, яъне ба сифати объекти бевоситаи он муносибатҳо дар соҳаи таъмин намудани тартиботи ҷамъиятӣ баромад менамоянд. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бошад ба гуруҳи ҷиноятҳо ба муқобили моликият мансуб мебошад, яъне объекти он муносибатҳои моликиятӣ ҳисоб мешаванд, тартиботи ҷамъиятӣ бошад мумкин аст ба сифати объекти факултативии он баромад намояд.

Бештар дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми баррасӣ намудани таркиби ин ду ҷиноят баҳс дар сари он аст, ки агар ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт ҳангоми содир намудани ҷинояти авбошӣ содир шуда бошад, пас кирдори шахс чӣ тавр бандубаст карда мешавад: аз руйи маҷмуи ҷиноятҳо ё яке аз ин ҷиноятҳо?

Пештар дар давраи амали КҶ ҶТ соли 1961 баъзе аз олимон баён менамуданд, ки ҳолатҳои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз ҳиссиёти авбошӣ бояд ҳамчун авбошӣ бандубаст карда шавад. Чунин бандубаст бо он асоснок карда мешуд, ки авбошӣ ҷинояти нисбатан хавфнок ба ҳисоб меравад [95, с. 50].

Ҳангоми ҷудо намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт, ки бо ҳиссиёти авбошӣ содир шудааст аз таркиби ҷинояти авбошӣ бояд мазмун ва самти қасди гунаҳгор ва шаклҳои амалишудани он дар кирдор ба инобат гирифта шавад. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз ҳиссиёти авбошӣ аломатҳои авбоширо дар ҳолатҳое дорад, ки агар он аз дағалона вайрон шудани тартиботи ҷамъиятӣ ва зоҳир шудани беэҳтиромӣ нисбат ба ҷамъият шаҳодат диҳад [139, с. 64].

Олимони дигар пешниҳод менамуданд, ки ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бояд ба таври иловагӣ аз рӯйи моддаи ҷавобгариро барои авбошӣ муқарраркунанда бандубаст карда шавад [30, с. 43]. Ба андешаи Б.А. Куринов бошад, чунин бандубаст танҳо дар ҳолатҳое имконпазир аст, ки агар рабудани воситаи нақлиёт бо авбошӣ алоқаманд бошад, на ин ки  аз ангезаи авбошӣ содир шавад [52, с. 146].

Ба андешаи мо низ дар ҳолатҳои бо ангезаи авбошӣ содир шудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт чунин кирдор танҳо мутобиқи м.252 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Бандубасти кирдор аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо дар ҳолатҳое ҷой дорад, ки агар рабудани воситаи нақлиёт бо дағалона вайрон кардани тартиботи ҷамъиятӣ, беэҳтиромӣ нисбат ба ҷамъият зоҳир гардад ва бо зӯроварӣ ба шаҳрвандон, таҳдиди истифодаи зӯроварӣ, ҳамчунин несту нобуд ё вайрон кардани молу мулки ғайр алоқаманд бошад.

А.И. Бойсов чунин мешуморад, ки воситаи нақлиёт ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани он наметавонад предмети қасдан несту нобуд кардани молу мулк бошад. Мавқеи худро бо он асоснок месозад, ки ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт на танҳо рабудан, балки истифодаи минбаъда ё ихтиёрдорӣ намудани воситаи нақлиёти бо роҳи ҷиноятӣ бадастомадаро дар бар мегирад. Бинобар ин, боз барои несту нобуд кардани молу мулк ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани гунаҳгор  ба принсипи non bis in idem мухолифат менамояд [26, с. 753-755].

Ин ҷо бо андешаи А.И. Бойсов розӣ будан мушкил аст. Зеро ҳангоми ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф танҳо ба ҳуқуқи истифодаи он, на ин ки пурра ба ҳуқуқи моликиятӣ нисбати предмети мазкур таҷовуз меоварад. Бинобар ин дар ҳолатҳои ғайриқонунӣ рабудани воситаи нақлиёт ва минбаъд несту нобуд сохтани он кирдор бояд аз рӯйи маҷмуи ҷиноятҳо бо м.м. 252 ва 255 КҶ ҶТ бандубаст карда шавад.

Дар Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҷрибаи судӣ оид ба ҷиноятҳои вайрон кардани қоидаҳои ҳаракати роҳ ва истифодаи воситаҳои нақлиёт, инчунин ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф” аз 18 декабри соли 2009 №28 муқаррар шудааст, ки ”Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф ва минбаъд қасдан несту нобуд ё ин ки корношоям кардани он бояд бо маҷмуи ҷиноятҳои бо қисми дахлдори моддаи 252-и КҶ ва дар сурати мавҷуд будани асосҳо, бо моддаи 255-и ҳамин Кодекс бандубаст карда шавад, агар ин кирдорҳо ба молики воситаи нақлиёт зарари ҷиддӣ расонида, ҳаракатҳои шахси гунаҳгор бошад ҳамчун рабудани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз рӯйи аломати ба ҷабрдида расонидани зарари ба миқдори калон бандубаст карда нашуда бошанд” [168, с. 304].

Масалан, шаҳрванд Т.М. бо мақсади содир намудани ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил бидуни мақсади тасарруф ғайриқонунӣ автомашинаи тамғаи “Волсваген Поло”, ки ба шаҳрванд А.Ф. тааллуқ дошт, ҳай карда бурда ба садама дучор мешавад. Дар натиҷа ба шаҳрванд А.Ф. мутобиқи хулосаи экспертизаи судӣ-молшиносии РТК ВКД ҶТ ба маблағи 9504 сомонӣ зарари ҷиддӣ расонида шудааст.

Суд кирдори шаҳрванд Т.М.-ро бо қ.1 м.252 КҶ ҶТ ва қ.1 м.255 КҶ ҶТ бандубаст намудааст [174].

Дар ҳолатҳои дигари парвандаҳои мавриди омӯзиш қарордодаи мо суд кирдорҳои судшавандагонро танҳо мутобиқан ба қ.1 м.252 КҶ ҶТ бандубаст намудааст.

Масалан, шаҳрванд Ш.С. автомашинаи тамғаи “Опел Астра”-ро, ки ба шаҳрванд К.Ҷ. тааллуқ дорад, ғайриқонунӣ ҳай карда бурда ба дохили ҷӯйбор задааст, ки дар натиҷа автомашинаи мазкур қисман корношоям шудааст. Мувофиқи хулосаи экспертизаи молшиносӣ ба шаҳрванд К.Ҷ. ба миқдори 7211 сомонӣ зарари моддӣ расидааст. Суд кирдори шаҳрванд Ш.С.-ро дар асоси қ.1 м.252 КҶ ҶТ бандубаст намудааст [177].

Бо чунин тарз, яъне танҳо мутобиқи м.252 КҶ ҶТ бандубаст намудани кирдор ба назари мо низ асоснок ба ҳисоб меравад. Зеро дар чунин ҳолатҳо оқибат дар намуди расонидани зарар ба воситаи нақлиёт бо гуноҳ дар шакли беэҳтиётӣ тавсиф гардида, аломатҳои м.255 КҶ ҶТ ҷой надоранд.

Масъалаи ҷудо намудани ҷинояти м.252 КҶ ҶТ аз расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё суиистифода аз боварӣ (м.253 КҶ ҶТ) дар ҳолатҳои ғайриқонунӣ ба мақсадҳои шахсӣ истифода намудани воситаи нақлиётӣ аз рӯйи кор боваркарда супоридашуда ба вуҷуд меояд. Худсарона истифода намудани воситаи нақлиёти бегона, ки зери назорати шахс қарор дорад бо мақсади ба даст овардани фоидаи молумулкӣ бо м.253 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад, зеро куҳнашавии воситаи техникӣ ба амал меояд, дур мондан аз иҷрои корҳое, ки мувофиқи нақша талаб мешаванд ва ғайра ба миён меояд.

Ҳангоми содир шудани ҷинояти м.253 КҶ ҶТ аломати гирифтан ё ситонидани молу мулк аз соҳибии (фонди молу мулкии) молик ҷой надорад. Расонидани зарари молумулӣ дар чунин ҳолат бештар дар фоидаи аздастдода ифода мегардад.

Ҷудо намудани таркиби ин ҷиноятҳо инчунин тавассути предмети таҷовуз низ мумкин аст. Предмети м.253 КҶ ҶТ мумкин аст молу мулки дилхоҳ бошад. Расонидани зарари молумулӣ бо роҳи фиреб ё суиистифода

аз боварӣ дорои таркиби моддӣ буда, он аз лаҳзаи воқеан расонидани зарари молу мулкӣ ба молик ё соҳиби дигари молу мулк, рабудани воситаи нақлиёт бошад аз лаҳзаи ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан хотимаёфта эътироф мешавад.

Тарафи субъектии ҷинояти м.253 КҶ ҶТ бо қасди бевосита ва мақсади ғаразнок тавсиф мешавад. Шахс дарк мекунад, ки бо роҳи фиреб ё суиистифодаи боварӣ ба молик зарари молумулкӣ расонида истодааст ва инро мехоҳад. Тарафи субъективии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бо қасди бевосита барои рабудани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф тавсиф мегардад.

Мушкилии муайян дар аз ҳам ҷудо намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ва худсарӣ (м.334 КҶ ҶТ) ҷой дорад. Мушкилӣ дар он аст, ки дар ҳар ду ҳолат шахс қасдан тартиби муқарраршудаи истифодаи воситаи нақлиётро вайрон менамояд ва вобаста ба ин чунин ҳаракатҳо мумкин аз рӯйи аломатҳои беруна қисман бо ҳам мувофиқат намоянд.

Кирдор ҳангоми худсарӣ бо маҷмуи якчанд аломатҳо тавсиф гардида, тано дар намуди ҳаракатҳои барои амалӣ намудани ҳуқуқҳои худ ва иҷрои уҳдадориҳои ҳуқуқӣ  равонагардида ифода меёбад. Қонунӣ будани чунин ҳаракатҳо  аз тарафи ташкилотҳо ё шаҳрвандон талош карда мешавад. Талош кардан мумкин аст тавассути тартиби судӣ, маъмурӣ ва ғайра сурат гирад. Агар ҳуқуқ ва уҳдадориҳо худсарона амалӣ шаванд ва қонунӣ будани онҳо аз тарафи ҳеҷ кас талош карда нашавад, таркиби ҷиноят ҷой надорад [117, с. 38].

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз худсарӣ вобаста ба объект, предмети таҷовуз ва тарафи субъективӣ фарқ мекунанд. Ҳангоми ҷинояти м.252 КҶ ҶТ гунаҳгор ба муносибатҳои моликиятӣ таҷовуз меоварад, ҳангоми худсарӣ бошад ба тартиби муқарраршудаи идоранамоӣ. Таркиби ҷинояти худсарӣ моддӣ

буда он аз лаҳзаи расонидани зарари ҷиддӣ хотимаёфта эътироф мешавад. Рабудани воситаи нақлиёт бошад дорои таркиби расмӣ аст. Предмети худсарӣ дилхоҳ молу мулк ё ҳуқуқ ба молу мулк буда, предмети ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани нақлиёт бошад автомобил ё дигар воситаи нақлиёт баромад менамояд.

Ҳангоми ҷинояти м.252 КҶ ҶТ гунаҳгор дарк менамояд, ки нисбати автомобил ё дигар воситаи нақлиёти рабудашаванда ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ надорад. Дар мавриди худсарона бурдани воситаи нақлиёт бошад гунаҳгор чунин меҳисобад, ки нисбати он ҳуқуқи воқеӣ ё эҳтимолӣ дорад ва мехоҳад чунин ҳуқуқи худро бар хилофи тартиби муқаррарнамудаи қонун амалӣ созад. Бинобари ин, дар ҳолати охирон кирдори шахс танҳо мутобиқи м.334 КҶ ҶТ бандубаст карда мешавад. Ҳамин тавр, воқеан ҷудо намудани ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз худсарӣ вобаста ба хусусияти ваколатҳои шахс нисбати истифодаи чунин воситаи нақлиёт сурат мегирад.

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бояд аз ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасби ҳавопаймо, киштӣ ё қатори роҳи оҳан (м.184 КҶ ҶТ) фарқ карда шавад. Фарқият дар ҳама аломатҳои таркиби ҷиноят ба назар мерасад: объекти м.184 КҶ ҶТ муносибатҳо дар соҳаи амнияти ҷамъиятӣ, муносибатҳои моликиятӣ бошад ба сифати объекти иловагӣ баромад менамоянд; предмети м.184 КҶ ҶТ ҳавопаймо, киштӣ ё қатораи роҳи оҳан ба ҳисоб меравнд. Ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасби ҳавопаймо, киштӣ ё қатораи роҳи оҳан дар фарқият аз м.252 КҶ ҶТ аз лаҳзаи ба вуҷуд омади мақсади ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасб кардан хотимаёфта эътироф мешавад. Аз тарафи шахсе, ки вобаста ба вазифаи ишғолнамудааш барои истифодаи воситаи нақлиёт ҳуқуқ дошт (масалан, муваққатан истифода бурдани воситаи нақлиёт аз ҷониби ронандаи ба чунин нақлиёт вобасташуда) содир намудани ҷинояти м.252 КҶ ҶТ

ғайриимкон аст. Ба сифати субъекти ҷинояти м.184 КҶ ҶТ бошад мумкин аст, шахсоне баромад намоянд, ки вобаста ба фаъолияти хизматиашон воситаи нақлиёт барои онҳо дастрас мебошад [115, с. 139].

**Ҳамин тавр, ғайриқонунӣ** ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф аз ҷиноятҳои дигар бо чунин аломатҳои худ фарқ мекунад: 1) аз дуздӣ ва дигар шаклҳои тасарруф бо ҷой надоштани аломати мақсади ғаразнок; 2) аз худсарӣ бо объекти таҷовуз ва хусусиятҳои тарафи субъективӣ; 3) аз расонидани зарари молумулкӣ бо роҳи фиреб ё суиистифода аз боварӣ бо мавҷуд набудани аломати гирифтани молу мулк аз фонди молик, тавассути предмети таҷовуз, ҷой надоштани мақсади ғаразнок; 4) аз ҷинояти м.184 КҶ ҶТ (Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан ё ғасби ҳавопаймо, киштӣ ё қатораи роҳи оҳан) вобаста ба объекти таҷовуз ва предмети ҷиноят.

# ХУЛОСА

Дар диссертатсия таҳқиқ ва таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф, ки дар м.252 КҶ ҶТ муқаррар шудааст, амалӣ гардида, як қатор хулосаву пешниҳодҳо оид ба такмил додани таркиби ҷинояти мазкур ва амалияи татбиқи он манзур шудаанд. Натиҷаҳои асосии назариявӣ ва амалии таҳиқоти диссертатсионӣ дар чунин хулосаҳо ифода гардиданд:

**I. Хулосаҳое, ки аҳаммияти назариявӣ доранд:**

1. Ташаккулёбии ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт давра ба давра сурат гирифтааст. Ба вуҷуд омадани чунин меъёрҳо аз пешрафти илму техника ва дар ҳаёти ҳарруза мавриди истифода қарор дода шудани он вобастагӣ дошт. Меъёрҳои муқарраркунандаи ҷавобгарӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар ҳуқуқи ҷиноятии даврони Шуравӣ танҳо пас аз ба таври оммавӣ мавриди истифода қарор қирифтани воситҳои нақлиёт ва пайдо шудани ҳуқуқи моликиятии шаҳрвандон ба чунин восита ба вуҷуд омадааст.

2. То қабули КҶ ҶШС Тоҷикистон (соли 1961) меъёри махсуси пешбиникунандаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт муқаррар нашуда буд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ва сайр кардан бо он аз рӯйи қиёс ба вуҷуд омада, гунаҳгор аз руйи ҷиноятҳои авбошӣ, худсарӣ ва баъзан барои тасарруф намудани моликияти давлатӣ ё ҷамъиятӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешуд.

3. Бори аввал дар таърихи қонунгузории ҷиноятии ҶТ дар КҶ ҶШС Тоҷикистон, ки 17-уми августи соли 1961 қабул гардида, аз 1-уми декабри соли 1961 мавриди амал қарор дода шуд, дар моддаи алоҳида ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт муқаррар

шуда он дар фарқият аз КҶ ҶТ соли 1998 дар боби "Ҷиноятҳои муқобили бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва тандурустии аҳолӣ" ҷойгир шуда буд, яъне ба сифати объекти он бехатарии ҷамъиятӣ, тартиботи ҷамъиятӣ баромад менамуд.

4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дохил намудани тағйирот ва иловаҳо ба баъзе санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 ноябри соли 1995 №202 ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёти автомобилӣ пурзӯр намуда, нисбати ҳолатҳои махсусан вазнинкунандаи он ҷазоро то ҳадди ҷазои қатл муқаррар месохт.

5. Муқаррароти қонунгузориҳои хориҷи аз ҷинояти дар м. 252 КҶ ҶТ мустаҳакамшуда фарқияти калон доранд. Аз ҷумла, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ на ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиётро балки ғайриқонунӣ истифода намудани онҳоро сазовори ҷазо медонанд (Шветсия, Корея, Олмон, Австария). Агар дар м.252 КҶ ҶТ ибораи "ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан" истифода шавад, пас дар кодексҳои ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ибораи "истифода бурдан" нишон дода мешавад. Ибораи "истифода бурдан" дар чунин ҳолат бештар ҳаматарафа буда, нисбати боби ҷавобгариро барои суиқасд ба моликият муайянкунанда мувофиқтар мебошад, чунки мафҳуми "ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан" бе назардошти аломатҳои субъективӣ мумкин аст, ҳамчун тасарруфи воситаи нақлиёт фаҳмида шавад, ки ин ба бандубасти дурусти кирдор монеа эҷод мекунад.

6. Баъзе давлатҳо, дар муқоиса бо ҶТ, ба сифати предмети ҷинояти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаҳои нақлиёт на танҳо автомобил, балки дигар воситаҳои нақлиётро низ дохил мекунанд. Масалан, дар Норвегия ба ин категория киштӣ ва аппаратҳои парвозкунанда шомил мешаванд; дар Корея-киштӣ, ҳавопаймо ва мотосикл; ва дар Шветсия-

ҳамаи воситаҳои нақлиёти дорои муҳаррики механикӣ, ки хусусиятҳои техникӣ ва ҳаракати механикӣ доранд.

7. Мавқеи қонунгузории Норвегия ҷолиб аст, зеро он на танҳо ҷавобгариро барои ғайриқонунӣ истифода бурдани воситаҳои нақлиёт, киштӣ ва аппаратҳои парвозкунанда пешбинӣ мекунад, балки ҳамчунин меъёри мустақилро барои ғайриқонунӣ истифода кардани дигар молу мулкро низ муқаррар менамояд. Зеро криминализатсия нашудани ғайриқонунӣ истифода бурдани молу мулки дигари арзишнок ба принсипи адолат мухолифат менамояд.

8. Дар КҶ давлатҳои пасошуравӣ таркиби ҷинояти мазкур асосан монанд ба назар мерасад. Фарқият танҳо дар ҳолатҳои зерин ба назар мерасад: дар қонунгузории баъзе аз давлатҳо тарафи объективии ин ҷиноят тавассути ибораҳои "ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт" ва "рабудан" (Қазоқистон, ФР, Белорус, Қирғизистон, Туркманистон), танҳо ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт бе нишон додани рабудан (Украина) муайян шудааст.

9. Ба андешаи муаллиф мавқеи давлатҳое, ки тарафи объективии ин ҷиноятро тавассути ибораи "ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт" ва "рабудан" муайян месозанд, бештар асоснок ба назар мерасад. Зеро муайян намудани таҷовуз ба воситаи нақлиёт ҳамчун ҷинояти молумулкӣ тавассути мафҳуми "ба даст овардани воситаи нақлиёт" пурратар манфиатҳои моликро нисбат ба мафҳуми "ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт" ҳифз менамояд. Барои ҳифзи воситаи нақлиёт ҳамчун ҷиноят ба муқобили моликият муҳим на ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан, балки ғайриқонунӣ соҳиб шудан ба он ба ҳисоб меравад.

10. Дар КҶ Украина ва Узбекистон ибораи "бидуни мақсади тасарруф" нишон дода нашудааст.

11. Объекти хелии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт муносибатҳо дар соҳаи иқтисодиёт эътироф мешавад.

Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаҳои нақлиёт бидуни мақсади тасарруф дар боби 26 “Ҷиноятҳо ба муқобили моликият” ҷой гирифтааст, ки аз ин ҷо ба сифати объекти намудии он муносибатҳои моликиятӣ баромад менамоянд. Ба сифати объекти бевоситаи ҷинояти мазкур эътироф гаштани муносибатҳо доир ба соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани воситаи нақлиёти мушаххас бештар қобили қабул мебошад. Чунки ҳангоми содир шудани ҷинояти мазкур молик амалан муваққат бошад ҳам ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани моликияти худро аз даст медиҳад. Объекти иловагии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани автомобил ё дигар воситаи нақлиёт бидуни мақсади тасарруф бо зӯроварӣ, ки барои ҳаёт ё саломатии ҷабрдида хавфнок намебошад ё бо таҳдиди истифодаи чунин зӯроварӣ содир шудааст (б “в” қ.2 м.252 КҶ ҶТ), муносибатҳои ҷамъиятие, ки дахлнопазирии шахсият, саломатии ӯро таъмин менамоянд, нисбат ба б “в” қ.3 м.252- муносибатҳои таъминкунандаи саломатӣ ва амнияти ҳаёти ҷабрдида ба ҳисоб мераванд. [2-М].

12. Вобаста намудани лаҳзаи хотимаёбии ҷинояти мазкур бо лаҳзаи дар гунаҳгор пайдо шудани имконияти ихтиёрдорӣ намудан ба нақлиёти ғайриқонунӣ ҳай карда бурдашаванда аз рӯйи салоҳдиди худ бештар ба ҳолатҳои рабудани он аз ҳудудҳои муҳофизатшаванда хос мебошад, яъне агар ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт аз ҳудуди ҳифзшавандаи ташкилот, корхона, муассиса, таваққуфгоҳ, аз саҳни ҳавлӣ ва ғайра содир шавад, пас ҷиноят то лаҳзаи аз чунин ҳудуд берун намудани воситаи нақлиёт хотимаёфта ҳисоб намешавад. Дар ҳолатҳое ки барои ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиёт ҳаракатҳои иловагӣ талаб карда намешавад (гузаштан аз назди муҳофизи таваққуфгоҳ, бартараф намудани монеаҳо, гузариш аз нуқтаҳои гуногуни иҷозатдиҳиву назоратӣ ва ғайра) ҷиноят аз оғози ҷойивазнамоии воситаи нақлиёт хотимаёфта эътироф мешавад.

13. Масофаи ронда бурдани воситаи нақлиёт, усулҳои содир намудани он барои бандубасти ҷиноят аҳаммият надорад. Ин мумкин аст ҳам сайр кардан бо воситаи нақлиёт тавассути ба кор даровардани муҳаррики он ва ҳам дилхоҳ усули ҷойивазкунии он, аз ҷумла тела карда бурдан, бо ёрии нақлиёти дигар интиқол додан ва ғайра бошад.

14. Ғайриқонунӣ ҳай карда бурдан мумкин аст ҳам пинҳонӣ ва ҳам ошкоро бо истифодаи зӯроварии барои ҳаёт ва саломатӣ хавфнок ё хавфнокнабуда содир шавад. [5-М].

15. Ғайриқонунӣ ба даст овардани воситаи нақлиёт ин ҳай карда бурдани он ба ҳисоб меравbooth, ки зери он ҳаракатҳо оид ба муқаррар намудани назорат ва ҷойивазкунии воситаи нақлиёт аз ҷойи қарордоштааш тавассути усули дилхоҳ фаҳмида мешавад.

16. Таркиби ҷинояти дар қ.1 м.252 КҶ ҶТ пешбинишуда дорои таркиби расмӣ буда, он танҳо бо қасди бевосита содир мешавад. Шахс ба ҷамъият хавфнокии ғайриқонунӣ ҳай карда бурдани воситаи нақлиётро дарк менамояд, инчунин дарк менамояд, ки воситаи нақлиёти шахси дигарро, ки ба он ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ё ихтиёрдорӣ кардан надорад ҳай карда бурда истодааст (лаҳзаи зеҳнӣ) ва хоҳони муваққатан истифода бурдани чунин воситаи нақлиётро дорад (лаҳзаи иродавӣ).

